Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин фаъолият даст задании ҷавонони донишҷӯ бори аввал мушоҳида мегардид. Ҳанӯз дар давраи ҳокимияти Шӯравӣ чандон норозигии ҷавонони донишҷӯ мушоҳида нагашта буд. Онҳоро танҳо аз рӯи маҳалҳо баъзе ходимони сиёсӣ ба манфиати худ истифода менамуданду халос.

Иқтисодиёти давлатӣ масъалаҳои гуногуни ҷомеаро бо кандашавии муносибатҳо бо давлатҳои дигар ба миён овард. Ба вуҷуд омадани масъалаҳои тақсими ҳокимият ва сарватҳои миллӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ба вуҷуд омад. Бахусус ба кӣ бояд ҳокимият таалуқ дошта бошад ва аз он кӣ истифода намояд, масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони донишҷӯ, ба майдонҳои мубориза ҷалб карда мешаванд. Зеро дар оянда муносибаҳо тағйир ёфта, бо кор таъмин намудан ва рӯзгузаронии ҷавононро монеаҳо мунтазир буданд. Ҷавонон дар ҳамон давр талаби чунин ҳуқуқҳо ва таъмини онро аз давлату ҷомеа доштанд.

Вале дар ҷомеа ҳоло чунин ҷаҳонбиние, ки ҷавонон аз он пайравӣ карда тавонанд, вуҷуд надошт. Ҷаҳонбинии қаблӣ дар ҳолати парокандагӣ қарор дошт. Мафҳумҳои ватани ягона, ҳамбастагии миллату халқҳо, интернатсионализми пролетарӣ, маданияти шаклан миллӣ, мазмунан сотсиалистӣ ва маънан интернатсионалистӣ акнун аз байн рафта буд. Зеро дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, бахусус дар Тоҷикистон дигар идеологияи ҷомеаи пешин ҳукмфармо набуд. Бахусус, дар макотиби олӣ донишҷӯён ба чунин як мафкура, ки тавассути он ҷомеаи ормонӣ барқарор гардад, дар ҳамин рӯҳия одатан тарбия ёбанд, чунин таълимот пешбар бошад ва ғайраҳо чандон эътимод надоштанд. Масалан: тадқиқотҳои ибтидои солҳои 90-уми асри XX возеҳ нишон медиҳанд, ки донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар, аз ҷумла, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз хондани дарсҳои назариявӣ аз ҷониби устодон чандон қаноатманд набудаанд ва ё фанҳои ҷомеашиносӣ ҷавобгӯ ба талаботҳои онҳо нест. Яъне «34 фоизи пурсидашудагон дар мактабҳои олии кишвар аз он қаноатманданд, ки фанҳои ҷомеашиносӣ ба суолҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҷавобгӯ буда, 32,5 фоизашон ҷонибдори онанд, ки фанҳои мазкур дар ташаккули ҷаҳонбинии эшон кӯмак мекунад, 21,9 фоизашон бар он ақидаанд, ки ин фанҳо донишҳои заруриро барои фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ ва 10,6 фоизашон бештар он ақидаро ҷонибдоранд, ки фанҳои ҷомеашиносӣ барои таҳқиқ ва омӯзиши усулҳои фанни иҷтимоӣ кӯмак мекунад»[1].

Қайд кардан бамаврид аст, ки тамоюли инкишофи ҷаҳонбинии охири солхои 80-ум ва 90-уми асри XX-и донишҷӯён чандон мувофиқи матлаб набуд. Зеро нақши роҳбарикунандаи ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ аллакай аз байн рафта буд ва дар ҷомеа бобати ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ояндаи ҷомеа чандон масъулият эҳсос намегардид.

Раванди ташаккули бозсозии ҷомеа рӯ ба аз дохил вайрон кардани ҷомеаи ҳамон давра гузошта, бештар хосияти созандагиро аз даст дода буд. Созу садоҳо аз дохил зиёд мегардиданд. Ҳамин омилҳо буданд, ки норозигии фардӣ дар ҷомеа майл ба сӯи кулл дошт. Аксари донишҷӯён дар макотибҳои олӣ

аз пастии сатҳи лексияҳо ва гузаронидани дарсҳои амалӣ шикоят мекарданд ва ё умуман аз сохтори ҷомеа ва шакли идории он норозигӣ баён мекарданд. Масалан, «28,5 фоизи донишҷӯён аз пастии сатҳи лексияҳои устодон, такрори китобҳои дарсӣ дар лексияҳояшон, 28,9 фоизашон шиква аз ба таври расмӣ гузаронидани дарсҳои амалӣ ва 12,9 фоизашон аз суст будани қобилият ва санъати суханварии устодон дар дарсҳо шикоят кардаанд. Аз ҷониби дигар, омиле, ки донишҷӯён аз он изҳори нигаронӣ кардаанд, ин истифода накардани воситаи техникӣ (филмҳо, маводҳои техникӣ) дастурҳои методии таълимӣ дар лаҳзаҳои дарсӣ (28,5%, ва 31,5%) мебошанд».[2]

Аз донишҷӯёне, ки пурсида шудаанд, дар маҷмӯъ зиёда аз 70 фоизашон аз пастии сатҳи лексияи устодон, такрори дарсҳои назариявӣ аз китобҳои дарсӣ ва сатҳи ба донишҷӯён расонида натавонистани дарсҳои назариявӣ норозигӣ баён кардаанд. Чунин хулосабарорӣ гарчанд ба назар сатҳӣ ҳам намояд, вале дар асл буданд баъзе аз устодоне, ки ба ҷуз аз хондани лексияҳои кӯҳнашуда аз рӯи коғазҳои фарсудашудаи рангпарида кори дигари эшон ба чашм намерасид. Аз ҷониби дигар, танқиди сохти ҷомеаи қаблӣ, ҷаҳонбинии марксистию ленинӣ ва сохти сотсиалистӣ, аз байн рафтани ҷаҳони сотсиалистӣ дар тафаккури рафтори сиёсии ҷавонони донишҷӯ бетаъсир набуд. Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки ҷаҳонбинии қобили қабул, ки ифодакунандаи манфиати аксари субъектҳои сиёсат, аз ҷумла, ҷавонони донишҷӯ бошад, ҳоло вуҷуд надошт. Ба вижа, ибтидо ва мобайни солҳои 90-уми асри XX ҷомеаи вақт шаклҳои гуногуни мафкурасозиро пешниҳод карда буд. Мафкураҳои сиёсӣ-консервативии ҷомеаи қаблӣ, демократияи либералӣ, исломӣ ва ғайраҳо дар ҷомеа доман паҳн карда буданд, ки аз он мафкураи ташаккулёфтаистодаи ҷавонон низ дар канор набуд. Аввалин муборизаҳои сиёсӣ ва ширкати намояндагони ҷавонони донишҷӯ дар ин муборизаҳо тасдиқ аз гуфтаҳои боло мебошанд.

Зеро аз мавҷуд набудани ҷаҳонбинӣ ва мафкураи ғолиб, ки самти ҷомеаро муайян карда тавонад ё муайян менамуд, танҳо идеологияи динии исломӣ дар омезиши «сохта» бо демократия тавонист диққати начандон зиёди аҳоли ва ҷавононро ҷалб намояд. Воқеан Созмонҳои навташаккулёфтаистодаи ҷамъиятӣ, ба монанди Ҳизби Демократии Тоҷикистон, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва Ҳаракати мардумии «Растохез» бо «Лаъли Бадахшон» як коалитсияи пурқувватро таъсис дода, кӯшиши гирифтану нигоҳ доштани Ҳокимияти давлатиро намуданд.

Ҳамоишҳо ва нишастҳои бардавоми чунин қувваҳои сиёсӣ дар шаҳри Душанбе, таъсис додани Ҳукумати муросои миллӣ, оғоз гардидани ҷанги дохилӣ дар кишвар ва аз ҷониби Ҳукумати вақт муайян нагардидани мавқеи қувваҳои дохилии мамлакат, сабаби парешонӣ ва бесуботӣ гардид, ки дар оянда ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон заминаи манфӣ фароҳам овард ва дар ташаккули тафаккури миллӣ ва манфиатҳои миллӣ харобии ҷиддӣ ворид кард. Баромадан аз чунин вазъи ба амал омадаро метавонист фарҳанги сиёсии пурғановат ва ҷаҳонбинии созанда таъмин созад. Чунин ҷаҳонбинии созанда ва фарҳанги сиёсӣ оғози худро аз тафаккури миллӣ ва ҷаҳонбинии миллӣ бояд гирад. Зеро ҷомеаи имрӯзаи тоҷик «эҳтиёҷ ба насле дорад, ки дар рӯҳияи ватандӯстию худшиносии миллӣ ба воя расида бошад, Истиқлолият ва якпорчагии тоҷиконро ҳифз кунад, аз душвориҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ бархӯрдор бошад ва номбардори ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва ба ору номуси хеш бошад».

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX масъалаи даъват, таблиғу ташвиқ ва расидан ба ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинӣ, ба андешаи мо, дар мадди аввал намеистад. Шояд дар интиҳои солҳои 80-уми асри XX сари масъалаи мазкур чандон андешаҳо зоҳир мегардиданд. Фаъолияти ибтидоии созмони мардумии «Растохез» ва клуби сиёсии «Рӯ ба рӯ» аз ин гуфтаҳо шаҳодат медоданд, вале созмонҳои мазкур то ба охир арзишҳои миллӣ ва умумибашарро то ба аҳли ҷомеаи Тоҷикистон расонида натавонистанд ва фаъолони ин созмонҳо дар зери таъсири ҷаҳонбиниҳои гуногун маҳдуд гаштанд ё ба маҳалгароӣ роҳ доданд.

Расидан ба тафаккури миллӣ ва ҷаҳонбинии миллӣ маънои онро дорад, ки фардҳои гуногунмақому гуногункасби ҷомеа бояд худро масъули рушду нумӯи инкишофдиҳандаи соҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар, таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, якпорчагӣ ва ваҳдату ягонагии мардуми он медонад ва бахри амалӣ намудани ин ормонҳову орзую ҳавасҳои олӣ чун як шаҳрванди миллатдӯст (на ин ки миллатгарою маҳалгаро) ва ватанпарвар пайгирона ҷаҳду талош меварзад. Баъзе аз муҳаққиқон ба он ақида муътақиданд, ки набудани фарҳанги сиёсӣ дар ҷомеа метавонад сабабгори ноором ии вазъи сиёсӣ гардад.

«Яке аз сабабҳои сар задани ҳамаи ин ҳодисаҳои номатлубу барои миллат зиёновар ва ноустувории Ҳокимияти давлатӣ ва дар сатҳи хеле паст қарор доштани фарҳанги сиёсии ҷамъиятӣ, кӯрии сиёсии роҳбарони олимақоми давр ва завқи пасти сиёсии афроди ҷомеа буд. Ҳамчунин, дар муҳити нави сиёсӣ ва барои аксари кулли сиёсатмадорони ҳамон давр ноошноӣ бо қонуниятҳои гузариш аз режими сохти яккаҳизбӣ ба фазои гуногунандешию адолати иҷтимоӣ, дар ҳаракатҳои сиёсӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимият манфиати маҳал аз манфиати умумимиллӣ боло гирифт»[3].

Зикр ба ёдоварист, ки дар замони Шӯравӣ чунин фарҳанги сиёсӣ дар ҷомеаи давр ташаккул ёфта буд, вале он чун як арзиши умумишӯравӣ бо барҳам хӯрдани системаи он пароканда гашт ва ҳамчун арзиш дар доираи фаъолияти хеш маҳдуд гашт. Илова бар ин, шуури фармонбардории сиёатмадорон давр низ натавонист замина ба ташаккули шуури миллӣ ва ҷаҳонбинии милли-сиёсӣ гузорад. Аз ин лиҳоз, «Дар ҳамон айём ташаккули шуури миллии шаҳрвандон, худшиносии миллии онҳо аз равандҳои нави сиёсии ҷомеа ва ҷаҳон фарсаххо дур монда буд»[4]. Бинобар ин, дар баробари мавҷуд набудани на танҳо тафаккури миллӣ ва ҷаҳонбинии сиёсии миллӣ, балки дигар омилҳо Истиқлолияти Тоҷикистон ба душвориҳо рӯ ба рӯ гардад ва дар натиҷаи кӯшишу талошҳои зиёд вазъи воқеъан хатарноку фоҷиабор аз сари миллату мамлакат ва мардуми он дур карда шуд.

Вазифаҳои минбаъда дар ҷомеа бештар аз кадом омилҳо вобаста буданд ва оё ҷаҳонбинии сиёсӣ, шуури миллию худшиносии миллӣ метавонист дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, бахусус гурӯҳҳо ва кулли афроди кишвар нақши муҳим бозад?

Бале, Истиқлолият аз орзуҳою умед ва ҳавасҳои бисёрасраи халқи тоҷик ба воқеияти таърихӣ табдил ёфт. Гарчанд дар ин марҳилаи таърихи халқи Тоҷикистон ба монанди асрҳои қаблӣ мубориза тӯлонӣ набурданд, афкори сиёсӣ ба монанди таълимотҳои Зардушту Монӣ ва Маздаки Қубод, давлатсозию давлатсолорони Сосониёну Тоҳириён ва Сомониён ба арши ташаккули худ нарасида буд ва Тоҷикистон ба сифати субъекти муносибатҳои байналхалқӣ эътироф нагашта буд, вале дар асл он ба сифати давлати воҳиду ягона ва соҳибистиқлол аз ҷониби давлатҳои зиёди дунё шинохта шуд, ҳамзамон ба аъзогии комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид (ба монанди давлатҳои пешрафтаю тараққикардаи дунё) пазируфта шуд.

Лаҳзаҳои аввалини фаъолияти давлатсозӣ ва давлатдорӣ ҷиҳати нигаҳдошти ин дастоварди муқаддас – давлати навини тоҷикон (давлати Соҳибистиқлол баъди 1000-солаҳо) ва таҳкими Истиқлолияти миллӣ, амнияту оромии кишвар, осоишу ободии чомеа, хифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва истиқрори созгорию ваҳдати саросари фарҳанги комилан нави сиёсиро, ки такя ба хиради хазорсолаи халқи тоҷик дорад, тавонист рӯи кор орад. Чунин тарзи масъалагузорӣ ва дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли он дар фарҳанги нави сиёсии давлатсозии навини тоҷикон бояд амалӣ мегардид.

Дар баробари масъалаҳои гуногуни давлатсозӣ, ки ғояи он инъикоси худро дар моддаи якуми Сарқонуни Тоҷикистон «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад»[5] ёфтааст.

Истиқлолияти давлатӣ бузургтарин сарват ва бебаҳотарин неъмат барои ҳар як миллат мебошад. Истиқлолияти Ватан барои миллату халқи Тоҷикистон ва ба вижа, тоҷикон, ки баъди ҳазор соли заволёбии давлати Сомониён ба он мушарраф шуданд, дастоварди нодиртарину тақдирсоз ва гавҳари ноёб ба ҳисоб меравад.

Бинобар, Истиқлолият роҳест ба сӯи худшиносии комилу худидории сиёсӣ ва худтаъминкунӣ, худомӯзӣ, худмуҳофизаткунӣ ва эътирофу эътиқод. Ба андешаи мо, гарчанд аз истиқлолияти кишвар анқариб 20 сол пур мешавад, то ба имрӯз дар байни қишрҳои гуногуни чомеа, бахусус, ҷавонон мо натавонистем моҳияти онро ба таври бояду шояд фаҳмонида тавониста бошем.

Зеро гузашти вақт дар замон ва макон бо сабабу натиҷаҳои мушаххас дар байни ҷавонон корҳои таблиғотию ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳӣ хуб ба роҳ монда шуда бошад.

Ивазшавии насли муосир дар даврони истиқлолият нисбат ба давру замони пешин аз арзишҳои ҷаҳони муосир ба монанди интернет, компютер, почтаи электронӣ ва ғайраҳо бархӯрдор мебошанд. Аз ин лиҳоз, муносибат дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат, илму фарҳанг ва ҷавонон муносибати нав ба навро тақозо мекунад. Аз чунин имкониятҳо танҳо наврасон ва донишҷӯёне, ки дар системаи макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷҳо ва донишкадаву донишгоҳҳо таҳсили илму донишандӯзӣ доранд, бархӯрдор мебошанд. Аксари ҷавонон, бахусус, дар деҳоти кишвар, ки зиёда аз 73 фоизи аҳолӣ дар он зиндагӣ мекунанд, фаро гирифта намешаванд.

Солҳои охир рӯ ба шаҳр овардани ҷавонон зиёдтар гашта, хусусияти умумро дар худ касб кардааст. Агар дар замони то Истиқлолият ин тамоюл хусусияти фарогирии умумиро надошта бошад, дар давраи баъд аз соҳибистиқлолгардии Тоҷикистон он рӯ ба инкишоф ниҳод. Чунон ки тадқиқоту таҳлилҳои то солҳои 2000-ум нишон медиҳанд, «ҷавонони синнашон аз 15 то 29 сола зиёда аз 520 142 нафар дар вилояти Хатлон зиндагӣ мекунанд, ки аз он 424274 нафари он дар деҳот умр ба сар мебаранд»[6]. Вале тамоюли муҳими шаҳригардии ҷавонони деҳотӣ дар шаҳру вилоятҳо баръало мушоҳида мегардад, ки аз якчанд омилҳо вобастагӣ доранд ва бахусус андешаҳои файласуфи тоҷик А. Шамолов дар ин бора чунин омилҳо иборатанд:

- ҳиҷрати мунтазаму доимии ҷавонон аз деҳот ба шаҳр ҷиҳати гирифтани маълумот ва бархӯрдор гардидан аз фарҳангу иҷтимоиёт;
- ҳиҷрати доимӣ барои дарёфти кор ва рӯзгузаронӣ;
- хусусияти синнусолӣ ва нишондиҳандаи асосии фавти аҳолии шаҳру деҳот[7].

Ба андешаи мо, ҳиҷрати доимии ҷавонон аз деҳот ба шаҳр дар шароити муосир на танҳо гирифтани маълумот ё кор, балки таъмин набудани онҳо бо ҷойи кор ва соҳаи хизматрасонии маишӣ дар деҳот мебошад. Тамоюли бекорӣ дар деҳот ҷавононро маҷбур месозад, ки ҷои истиқомати худро аз деҳот ба вилояту шаҳрхо ва ноҳияҳои тараққикардаю пешрафта иваз намоянд, бахусус, ҳиҷрати онҳо ба кишвари Руссия афзудааст, ки масъалаи донистани забон ва доштани тахассус имрӯзҳо аҳмияти махсусро дар худ касб намудааст. Зеро таҷрибаи тамаддуни ҷаҳонӣ собит намудааст, ки роҳи муваффақона дар ҷомеа ва рушди иқтисод, инкишофи маданӣ ва озодии инсонҳои комил тавассути маълумот, дониш ва ҷаҳонбинии пешқадами сиёсӣ сурат мегирад. Албатта, дониш ва ҷаҳонбинии сиёсӣ раванди худкома нест ва он худ аз худ ба даст намеояд. Доштани маълумот ва дониши хуби сиёсию иқтисодӣ бештар аз системаи таълиму тарбия дар ҷомеа вобаста мебошад.

Сатҳи маълумот на танҳо дар тарзи тафаккур инъикос меёбад, балки он ба рафтори одам таъсир расонида, барояш дар муайян намудани амал ва фаъолияти иҷтимоӣ такони ҷиддӣ мебахшад. Бинобар ҳамин ҳам, маорифу маълумот, таълиму тарбия кайҳо боз омили аввалиндараҷаи рушди иқтисод, воситаи муҳими сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст. Маҳз боз ҳисоби афзудани мақом ва нақши маориф, диққати ҷиддӣ додан ба системаи маориф давлатҳои тараққикардаи дунё ба сатҳи баланди тараққиёти маданӣ, технологӣ ва маънавии худ ноил гаштаанд. Ба андешаи мо, дар madди аввал дар ташаккули маданияти сиёсии донишҷӯён нақши муҳим мебозад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати масъалаи ислоҳот дар системаи маориф дар даврони Истиқлолият аз буҷаи мамлакат маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад. «Танҳо дар соли 2009 ба соҳаи маориф ва рушди он 1 миллиарду 140 миллион сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд, ки ин нисбат ба панҷсолаи сипаришуда (яъне аз солҳои 2004 то 2009) 4 баробар ва дар муқоиса бо соли 1995-ум 33 маротиба зиёд мебошад. Агар маблағи 300 миллион сомоние, ки мутобиқи 6 лоиҳа дар соҳаи маориф татбиқ шуда истодааст, ба назар гирем дар маҷмӯъ дар соли 2009 дар сохаи маориф 1 миллиарду 440 миллион сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст».[8] Ҷиҳати амалӣ ва азхудкунии маблағҳо ва лоиҳаҳои сармоягузоридашуда дар соҳаи маориф чандон шаффофият вуҷуд надорад. Барои масрафи маблағ дар системаи таълим ва тарбия кам аҳмият дода мешавад. Имрӯзҳо маблағи лоиҳаҳо бештар барои таъмири мактабҳо, коллеҷҳо, техникуму донишгоҳҳо сарф мегардад, ба ҷойи он ки барои чопи китобҳои дарсии пурмазмун, харидории компютерҳо, пайвастшави бо интернет, баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи маориф, додани кӯмакҳо ва ғайраҳо масраф карда шаванд.

Зеро, гуфтаҳои боло гувоҳӣ аз он медиҳад, ки зербинои таълим ва тарбияро муносибатҳои иқтисодӣ муайян месозад ва дар сурати пайдо гардидани чунин як дигаргунӣ ҷавонони муассил эътиқоду боварӣ ба ояндаи ҷомеа пайдо мекунанд ва бо дили гарму нияти неку пок ва беолоиш хизмат намуданро ба ҷомеаи барои фардояшон дурахшон мақсади асосии хеш қарор хоҳанд дод.

Дар аксари ҳолатҳо имрӯз мо онҳоро бовар мекунонем, ки ояндаи кишвари моро - ҷомеаи соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ташкил хоҳад дод, агар мо ба меҳнати софдилона, хизмат ба кишвари азиз ва дӯст доштани марзу бум ва халқи онро мақсади ягона қарор диҳем. «Ҳадафи сиёсати давлатии мо, - омадааст дар Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ, - дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо ва мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад»[9].

Агар ҷиҳати расонидан ба ҳадафҳои бузургро дар соҳаи маориф ва тарбияи бунёдгузорони ояндаи мамлакат баррасӣ намоем, баръало мушоҳида мегардад, ки «Аз нарасидани мутахассисони бомаҳорати соҳаи иқтисод ва муҳандисию техникӣ аз 6,4 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои инвеститсионӣ танҳо 20 фоизи он аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ амалӣ мегарданд ва 80 фоизи боқимондаи ин маблағ аз ҷониби ширкатҳои гуногуни хориҷӣ амалӣ менамоянд»[10].

Чунин аст вазъи имрӯзаи мутахассисин дар соҳаи иқтисод, техника, муҳандисию технологӣ. Як тамоюли бисёр ҳам муҳим дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон имрӯзҳо он аст, ки мутахассисони соҳаи мазкур, ки дониши хубу таҷрибаи бойи корӣ доранд, аз идории истеҳсолот ва фаъолият дур мондаанд, ё корхонаҳои тавлидотӣ онҳоро ба кор қабул намекунанд, ё музди ночиз медиҳанд. Аз ин лиҳоз, қайд кардан бамаврид аст, ки тарбияи мутахассисин маблағ, ҷойи кор, шароити хуби меҳнат ва муносибати инсондӯстонаро дар ҷомеа тақозо менамояд. Нарасидани мутахассисини соҳаи техника ва технологияро Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба таври зайл шарҳ медиҳад: «Имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи рушди илмҳои техникӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои муосир аҳамияти муҳим пайдо кардааст. Лекин дар кишвари мо илмҳои дақиқ то андозае дар ҳошияи илмҳои гуманитарӣ ҷой гирифтаанд. Ин аст, ки имрӯз тафаккури техникиву технологии мо дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад.»[11]. Ҳамин равандро идома дода, Сардори давлат дар Паёми хеш қайд мекунад: «Албатта, сатҳи баланди тафаккури гуманитарӣ, ки мардумро ба худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва фарҳанги пурғановати миллати худ ҳидоят мекунад, бисёр муҳим аст. Вале танҳо дар асоси тафаккури гуманитарӣ мо аз илму техника ва технологияҳои муосир пурра бархӯрдор шуда наметавонем»[12].

Ҳақ ба ҷониби Президент аст, вале бояд иқрор шуд, ки бе илмҳои гуманитарӣ низ муваффақ шудан ба технологияи замони муосир аз имкон берун мебошад. Зеро, маҳз қонуниятҳои инкишофи замони муосир ва тағйиротҳои кулро дар он илмҳои гуманитарӣ муайян менамояд. Илова бар ин фанҳои гуманитарӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии шахс дар симои таълимотҳо, ғояҳо, назарияҳо ва ғайраҳо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Аз ин ҷо баробари диққати ҷиддӣ додан ба ташаккули илмҳои техникию риёзӣ раванди инкишофи илмҳои гуманитариро набояд фаромӯш кард. Мо дар кишвари худ таи солҳои охир ба синни муайяне соҳиб шудем, ки он тақрибан 24 солро ташкил мекунад ва ин синни миёнаи умри аҳолии Тоҷикистон аст. Бинобар ин, «Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар бахши ҷавонон мувофиқи талаботи замону тарбияи дурусти насли ҷавонон аст»[13], -омадааст дар Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пас чунин вазифагузорӣ дар шароити муосир имкон медиҳад, то роҳи дурусти тарбияро интихоб намуд, ки он ҳоли аз ҳама гуна манфиати қавмӣ, гурӯҳӣ, шахсӣ ва иқтисодӣ бошад.

Масъалаи додани маълумоти олию миёнаи махсус ба ҷавонон бештар дар шароити муосир аз мақоми иҷтимоию иқтисодии ҳар як оила вобастагӣ дорад. Зеро имрӯз ба табақаҳои иҷтимоии «бою камбағал» ҷудошавии гурӯҳҳои иҷтимоӣ мушоҳида мегардад. Аз ҷониби дигар қисми зиёди оилаҳои камбизоат имконияти дар макотиби оли таҳсили илм намудани фарзандони худро надоранд. Зеро, майли кам гардидани теъдоди гурӯҳҳои буҷавӣ дар таълимгоҳҳои мазкур ба таври механикӣ боиси маҳдуд шудани шумораи онҳо мегардад. Ҳамин вазъият дар таълимгоҳҳои миёнаю касбӣ ва литсейҳо низ ба чашм мерасанд. Гарчанд дар чунин таълимгоҳҳо гурӯҳҳои буҷавӣ вуҷуд доранду ҳама аз ҳисоби буҷа таъмин карда мешаванд. Ҳавасмандӣ дар раванди таълиму тарбия торафт рӯ ба коҳиш овардааст. Зеро, он талаботҳое, ки дар мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ вуҷуд доранд, на ҳамаи оилаҳо инро иҷро карда метавонанд, бахусус, дар ҳолати серфарзандӣ. Бинобар ин, сиёсати иҷтимоии давлат бояд дар самти маориф аз ин зиёдтар пурзӯр карда шавад.

Дигар омиле, ки барои ташаккули тарбияи инсони комил дар давраи камолот мусоидат мекунад, тарбияи комплексӣ, яъне ҳамаҷониба, ахлоқӣ, забоипарастӣ, инсонпарварӣ, ватанпарастӣ, худшиносӣ, мардумдӯстиву миллатдӯстӣ мебошад. Барои рушду инкишофи тарбияи ҷавонону наврасон дар чунин рӯҳия илмҳои гуманитарӣ мусоидат мекунанд, ки онро дар ситемаи маориф дар амал татбиқ намудан имконпазир аст. Танҳо фанҳои гуманитарӣ метавонанд дар ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии ҷавонони донишҷӯ мусоидат намоянд.

Омили дигаре, ки дар мустаҳкам намудани ҷаҳонбинии сиёсии донишҷӯён баъди хатми донишгоҳҳо мусоидат менамояд, ин ба кор таъминшавии онҳо мебошад.

Зеро, ҷавоне, ки баъди хатми донишгоҳҳо бекор мемонад, дар рафтору фаъолияти ӯ як ҳисси дилмондагӣ аз система ба шакли идориву сохтори давлатдорӣ ба амал меояд. Яъне, ӯ аз сиёсат дур мешавад ва ба субъекти беэътимоду беэътиқод ба ҳокимияту системаи ҷамъиятӣ табдил меёбад. Ба ҳодисаву равандҳои дар ҷомеа баамалоянда бетавофут мегардад. Татбиқи сиёсати давлатӣ дар тарбияи ҷавонон ва ба ҷавонони донишҷӯ мувофиқи матлуб мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷаҳонбинии сиёсӣ, ташаккули маданияти сиёсӣ, мафҳумҳои ҷаҳонбинӣ, тафаккури ҷаҳонбинӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Хасанова Ш., Л.Ф. Варнавская, Н.М. Назаршоева «Вузовская молодёжь»: Актуальное вопросы теории и практики воспитания и обучения. Выпуск II Сб. науч.тр. Тадж. гос. университет. Душанбе, 1991, 112 с.42.
2. Ҳасанова ва диг. Вузовская молодежь: Актуальные вопросы теории и практики воспетания и обучения. ……..., адабиёти истифодашуда. с.42
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2008., с.15.
4. Салоҳиддинов И. Роҳҳои ташаккули фарҳанги сиёсии ҷомеа. Дар қисм. «Зевари миллати тоҷик». Душанбе. «Шарқи озод». 168с; с.33.
5. Салоҳиддинов И. Роҳҳои ташаккули фарҳанги сиёсии ҷомеа. Дар қисм. «Зевари миллати тоҷик». Душанбе. «Шарқи озод». 168с; с.33.
6. Конститутсияи (Қонуни асосӣ ) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1994, с. 3.
7. Шамолов А.А., Ашуров С.Б. «Вопросы молодежной политики в Республики Таджикистан», Душанбе: изд. «Дониш» 1998, 245..с.82.
8. Дар ҳамон ҷо, с.82.
9. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе., 2009. с. 8.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистн, 15 апрели соли 2009. Душанбе-2009. с.28.
11. Дар ҳамон ҷо, с. 29.
12. Дар ҳамон ҷо, с. 29.
13. Дар ҳамон ҷо, с. 30.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҷурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009, с.31.


**ПОЛИТИЧЕСКОЕ МИРОВОЗЗРЕНИЕ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР В ФОРМИРОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНЧЕСКОЙ МОЛОДЕЖИ**

В статье рассматриваются и анализируются основные факторы и предпосылки мотивов, которые воздействуют на формирование политического мировоззрения студенческой молодежы.

**THE POLITICAL OF WORLD OUTLOOK –AN IMPORTANT FACTOR IN THE FORNING OF POLITICAL CENTURE OF STUDENT'S YOUTH**

The article considers about the main factors and prereguisite of reasons, which act to the forning of political world outlooking in the student's youth.

# ТАДЖИКСКО-АФГАНСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В СИСТЕМЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ИЗМЕНЕНИЙ

***Р. Гардакова***
**Таджикский национальный университет**

В настоящее время, Центральная Азия, трансформируется от периферийного региона в регион, занимающий ключевую позицию в системе геополитических изменений. И это обусловлено рядом факторов:

Во-первых, регион Центральной Азии имеет стратегическое значение с точки зрения его влияния на безопасность и стабильность в регионе;

Во- вторых, развитие ситуации в странах ЦА определяет баланс сил в евразийском материке;

В-третьих, сосредоточение в регионе природных ресурсов мирового значения, прежде всего углеводородного сырья. Богатые энергетическими ресурсами республики Центральной Азии, содержат ресурсы ископаемого топлива в размере примерно 35 миллиардов тонн, а гидроэнергетический потенциал превышает 520 миллиардов киловатт-часов в год и для государств из соседних регионов долгосрочное

сотрудничество и покупка дешевой электроэнергии из Центральной Азии является важным внешнеполитическим курсом;

В-четвертых, расположение на стыке евроазиатских транспортных коридоров и наличие широкой транспортно-коммуникационной сети - через Иран страны ЦА имеют выход к Персидскому заливу, через Афганистан и Пакистан - к Индийскому океану, через Китай - в Азиатско-Тихоокеанский регион.

В этой связи особого внимания требует рассмотрение приоритетных интересов стран ЦАР и проводимой ими политики в Центральноазиатском регионе.

Для России этот регион является приоритетным направлением внешней политики. Центральная Азия является "буфером" или поясом безопасности для обеспечения безопасности ее южных границ;

Особую значимость также определяет нефтяной фактор и желание России сохранить влияние на Каспии;

Для России имеет большое значение и территория региона в качестве зоны базирования силовых ресурсов;

Особое место занимает и экономический фактор для обеспечения контроля над основными транспортно-коммуникационными путями и трубопроводами региона;

Стремление к реализации этих доминирующих интересов определяет общий характер российской стратегии в Центральной Азии. Ситуация в Афганистане для России имеет большое значение. Афганская угроза способствовала тому, что государства региона, в случае неблагоприятного развития событий, надеялись на Россию. Ведя работу в афганском направлении, в 1996 г. при российских усилиях оформился антиталибский альянс, в который, кроме России, вошли центральноазиатские государства Узбекистан, Кыргызстан, Таджикистан, Казахстан, а также Иран. Из всех участников альянса особые позиции занимал Узбекистан, что во многом было обусловлено его достаточно самостоятельной политикой и наличием у Ташкента собственных рычагов воздействия на ситуацию в Афганистане - через афганских узбеков во главе с генералом Дустумом.

Однако капитуляция подразделений генерала Дустума перед движением "Талибан" в августе-сентябре 1998 г. привела к краху всей существовавшей на тот момент региональной системы безопасности. Отряды движения "Талибан" вышли на узбекский участок бывшей советско-афганской границы в районе города Термез.

В этот период начались осложнения в отношениях России и отдельных центральноазиатских стран. Один из таких прецедентов создал Узбекистан, выступив с резкими заявлениями в адрес российских спецслужб и Таджикистана. В таких условиях сохранить свое присутствие в Центральной Азии для России было достаточно трудно.

Препятствуя проникновению из Афганистана через Таджикистан идеи радикального исламизма и наркотиков в Россию, а затем и в Европу, Москва оказывала военную и экономическую поддержку "Северному Альянсу" в борьбе против талибов, используя базы на таджикско-афганской границе. К тому же, стабильная внутриполитическая обстановка в Таджикистане способствовала обеспечению стабильности во всем Центральноазиатском регионе. Сейчас Россия потеряла ту доминирующую роль в контроле над ситуацией в Афганистане, но вместе с другими странами донорами она принимает активное участие в деле восстановления страны, оказывая поддержку правительству Хамида Карзая. Фактически вся политика контроля и руководства ситуацией перешла в руки Соединенных Штатов Америки, которые, руководствуясь своим стремлением борьбы против терроризма и распространения наркотиков ещё на долгие годы останется в Афганистане, обеспечивая своё влияние и тем самым реализуя свои амбициозные геополитические интересы. Вместе с тем, военно-политическая и экономическая обстановка зависит от американского военного присутствия в стране. Особого внимания требует нынешняя позиция США в отношении Ирана в контексте проводимой политики в Афганистане. Всеобщий интерес вызывают события, происходящие вокруг треугольника США, Афганистан и Иран. Взаимоотношения Ирана с Афганистаном носят традиционный характер, определяющиеся исторической преемственностью.

Иран поддержал усилия ООН и международного сообщества по постконфликтному политическому урегулированию в Афганистане. Иранцы содействовали достижению Боннских соглашений в декабре 2001 года и поддержали создание Временной администрации во главе с Х.Карзаем. 24–26 февраля 2002 года Х.Карзай посетил Тегеран с визитом. Тегеран обозначил свое намерение принять участие в международных усилиях по экономическому восстановлению Афганистана. В целом, тема многосторонней «транзитной дипломатии» является весьма популярной и в Тегеране, и в Кабуле и активно разрабатывается дипломатиями обеих стран. Важным событием регионального масштаба стал состоявшийся в июне 2003 года в Тегеране саммит с участием президентов Афганистана, Ирана, Таджикистана и Узбекистана. Итогом стало подписание двух трехсторонних документов: афгано-ирано-узбекского соглашения о международных транспортных направлениях и соглашения о транзитном сообщении между Афганистаном, Ираном и Таджикистаном. Два документа предусматривают создание магистрального сообщения из Узбекистана (через Термез – Хайратон –

Мазари-Шариф – Шиберган – Маймана – Герат – иранская граница) и Таджикистана (через порт Ширхан – Кундуз – Мазари-Шариф и далее) с перспективой выхода на иранские порты в Персидском заливе.

В контексте двусторонних отношений значительное место занимают взаимоотношения Афганистана с Исламской Республикой Пакистан.

На протяжении своего существования теснейшим образом были связаны между собой Пакистан и его северный сосед Афганистан. Афганское направление было, есть и останется одним из приоритетных направлений внешней политики Исламабада, и его роль невозможно недооценивать.

Возникла она еще до появления независимого пакистанского государства и досталась ему по наследству от колониального периода. Как известно, в конце XIX в. английские власти провели границу между Британской Индией и Афганистаном по так называемой «линии Дюранда», которая разделила проживающие на северо-западе субконтинента пуштунские племена на две примерно равные части. Когда встал вопрос о создании Пакистана, афганская правящая элита безуспешно пыталась добиться пересмотра «линии Дюранда». Поэтому в составе Пакистана оказались все заселенные пуштунами земли, входившие в колониальную Индию, а «линия Дюранда» превратилась в фактическую границу между двумя соседними государствами. Афганистан решительно протестовал против этого и был единственным государством, которое осенью 1947 г. голосовало против приема Пакистана в ООН. Афганские правящие круги практически не признавали существования государственной границы с Пакистаном по «линии Дюранда», поддерживали борьбу пакистанских пуштунов за создание независимого Пуштунистана. В свою очередь и Пакистан оказывал помощь оппозиционным элементам в Афганистане. Противники правящих режимов в Афганистане и Пакистане находили политическое убежище в соседнем государстве. Нерешенная проблема афганских беженцев, несколько миллионов которых проживает в Пакистане более 20 лет, также влияет на отношения между Кабулом и Исламабадом. Еще одним из важных факторов, приобретших в последнее время особенное звучание, стало отношение Пакистана к движению «Талибан», его роль в организации этого движения и связанная с этим проблема талибанизации самого Пакистана.

Среди факторов, оказывающих влияние на выработку линии в афганских делах, наиболее важными представляются мотивы китайской политики в Афганистане. После 11 сентября в Китае произошла серьезная переоценка международной обстановки и ситуации в Центральной Азии и Афганистане. Начиная с осени 2001 года в китайский внешнеполитический курс были внесены существенные коррективы, адаптировавшие его к меняющемуся глобальному и региональному контексту. Прежде всего Китай осудил террористические акты 11 сентября и развернул сотрудничество с США в борьбе с терроризмом. Не ослабляя своего партнерства с Пакистаном, Пекин взял курс на постепенную нормализацию отношений с Индией и стал проводить более взвешенную политику в Южной Азии. Одновременно Китай активизировал усилия по организационному оформлению ШОС, повысил внимание к отношениям с государствами Центральной Азии. В то же время в китайских «мозговых центрах» давно подозревают, что в конечном итоге все действия Вашингтона и его союзников направлены на то, чтобы окружить Китай – единственную силу, способную в обозримом будущем бросить вызов США, – со всех сторон и развалить его изнутри. В этой ситуации Китай вынужден искать пути нейтрализации антипекинских усилий США и усиления собственного, прежде всего экономического присутствия в ключевых регионах, расположенных по периметру китайских границ. Это касается и Афганистана и Пакистана, и Центральной Азии.

Афганскую проблему китайцы рассматривают прежде всего через призму обстановки в Синьцзяне. С приходом к власти в Афганистане в 1995 году движения «Талибан» в Кабуле разместилась штаб-квартира Исламского движения Восточного Туркестана (ИДВТ), или «Партии Аллаха», во главе с Хасаном Махсумом. В период правления талибов члены террористической организации ИДВТ проходили боевую подготовку в тренировочных лагерях на территории Афганистана. Согласно китайским данным, они участвовали в похищении японских ученых в Киргизии в августе 2000 года и в попытке вторжения в Узбекистан через Южную Киргизию в августе 2001 года. Свои действия уйгурская «Партия Аллаха» координировала с талибами и с Исламским движением Узбекистана. Вскоре после начала антитеррористической операции в Афганистане Китай заявил о намерении добиваться от ее участников выдачи задержанных там уйгурских террористов в случае, если будет доказано, что они являются гражданами КНР. В 2002 году китайские военные представители были допущены американскими властями на базу в Гуантанамо, где в настоящее время содержатся захваченные в Афганистане боевики-уйгуры. Китайцы с удовлетворением отмечают, что после разгрома движения «Талибан» и прихода к власти Х.Карзая террористическая деятельность в Синьцзяне заметно снизилась. Вместе с тем наблюдается значительная активизация наркоторговцев и контрабандистов оружия, основным объектом деятельности которых является уже не только Синьцзян, но и внутренние провинции Китая. Таким образом, политика Китая в отношении Афганистана будет во многом определяться способностью правительства страны решить проблему уйгурских боевиков, внутренними процессами в Афганистане, а также ситуацией в самом Синьцзяне. Необходимо отметить, что возвращение Афганистана к мирной жизни – одна из наиболее актуальных международных проблем для государств Центральной Азии и

региона в целом, напрямую сталкивающихся с негативными последствиями многолетней войны в сопредельной стране. Конфликт в Афганистане породил угрозы и вызовы стабильности и безопасности республик Центральной Азии, переживающих сложный этап становления и укрепления своей государственности. Степень актуальности афганского урегулирования для национальных интересов отдельно взятых стран Центральной Азии неодинакова, существуют определенные различия в их подходах к конкретным путям нормализации положения в Афганистане. Вместе с тем совпадают позиции всех пяти центральноазиатских республик по таким основополагающим принципам, как сохранение территориальной целостности Афганистана, участие в мирном процессе политических сил страны, представляющих интересы основных этнических и конфессиональных групп населения. Террористические акты, совершенные в США 11 сентября 2001 г., вызвали единодушное осуждение официальных и общественно-политических кругов государств Центральной Азии. Поддержку антитеррористической коалиции в Афганистане оказал и Таджикистан, в частности, дав согласие на использование его воздушного пространства военной авиацией США. С территории Таджикистана осуществлялась также тыловая поддержка операции против режима талибов. В ходе переговоров с представителями Вашингтона по вопросам содействия антитеррористической коалиции руководители Таджикистана неоднократно выражали озабоченность по поводу возможных многочисленных жертв среди мирного населения и настаивали на необходимости планировать военную операцию таким образом, чтобы избежать этого. В декабре 2001 г. по распоряжению Президента Таджикистана Э. Рахмона и при содействии российских пограничников была восстановлена паромная переправа через реку Пяндж в районе таджикского города Нижний Пяндж. Она была закрыта в сентябре 2000 г. после того, как отряды движения «Талибан» захватили порт Шерхан, находящийся на афганском берегу пограничной реки. В середине декабря 2001 г. первый конвой в составе 34 грузовиков прибыл в Шерхан, с того времени паромная переправа через реку Пяндж широко используется для доставки гуманитарных грузов. Территория Таджикистана стала транзитным коридором, по которому в Афганистан поступило свыше 60% объема гуманитарной помощи, предоставленной международным сообществом.

Республика Таджикистан и Исламская Республика Афганистан – две страны, имеющие сожие историческое прошлое, общее культурное наследие, традиции, обычаи, язык и религию, общую границу, протяженностью около 1500 км. Но именно Таджикистан в силу своего геополитического расположения и большой протяженностью государственной границы с Афганистаном, стал одним из транзитных государств на пути афганского наркотика в страны Центрально-азиатского региона и Европу. Испытывая на себе тяготы распространения наркотиков и проблемы, связанные с ними, Правительством Республики Таджикистан реализован комплекс мер общегосударственного характера, направленных на стабилизацию наркоситуации и, в первую очередь, пресечения контрабандного поступления наркотиков из Афганистана и повышения эффективности предупредительно-профилактических мер. Являясь одним из активных участников процесса урегулирования положения в Афганистане, установления мира и стабильности, а также борьбы против незаконного оборота наркотиков, Таджикистан с первых дней своей независимости решительно поддерживает любые разумные и конструктивные действия по борьбе с этим мировым злом, и выступив с рядом антинаркотических инициатив, нашел поддержку среди мирового сообщества. Но в основном усилия внешней политики государств Центральной Азии за двенадцать лет на афганском направлении были сосредоточены на обеспечении региональной стабильности и безопасности границ от давления со стороны, охваченного войной соседа и привлечении внимания международного сообщества, к необходимости принятия действенных мер для прекращения межафганского конфликта. Сегодня, страна, пережившая бурные потрясения в течение последних 60-70 лет находится на очень важном новом этапе развития своей государственности и на данном этапе вопрос внутреннего развития самого Афганистана остаётся наиболее актуальным. Исследование внутренних процессов позволяет сделать выводы о том, что пока не будет завершена антитеррористическая операция в стране и игра мировых держав за влияние в регионе, пока не будут выработаны правовые, демократические и справедливые принципы правления страной, Афганистан останется очагом социальной, национальной и религиозной напряженности. На наш взгляд всему мировому сообществу сегодня необходимо содействовать обеспечению равноправия всех его народов и свободному развитию этой страны в будущем.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** таджикско-афганские отношения, геополитические изменения, исследование внутренних процессов.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абдуллаев Р. «Современный Афганистан: этнополитическая ситуация», 2006г.;
2. Ахмед Рашида «Талибан» М. 2003г.;
3. Гияплинский Л.Б. «История советско-афганских отношений» М., 1987г.
4. История Афганистана. М., 1982.
5. Коргун В. «Афганистан в начале XXI века. Внутриполитические и экономические проблемы» М. 2004г.

6. Коргун К.Г. «Интеллигенция в политической жизни Афганистана» М., 1983.
7. Коргун К.Г. «Афганистан- политика и политики» М., 1999г.
8. Коргун К.Г. «История Афганистан XX (20)в.» М., 2004г.
9. Князев А. «Афганистан и безопасность в Центральной Азии 19-21 вв.»
10. Латифов Джура «Афганистан, семена надежды» Душанбе 2007 г.;
11. Массон К.М., Камодин К.Н. «История Афганистана» т. 1-2. М., 1964-65.
12. Стивена Таннера «Афганистан. История войн от Александра Македонского до падения Талибан» М. 2004 г.
13. Андреев А.Р. , Шумов С.А. Афганская хроника «история Афганистана XVI в.».
14. Арунова М.Р. «Афганская политика ИРИ». Институт Ближнего Востока, 02.07.2007г.
15. Вертлиб Е. Академия РАЕН, проф. GCMC 30 января 2006г.
16. Искандаров К. «Современное состояние таджикско-афганских отношений и перспективы их развития», Источник: Политика, 20.03.2007.
17. Ничитайло Д. «Афганистан и Пакистан-зона стратегических интересов», 28.06.2007г.
18. Сажин И.В. «Афганистан сегодня (некоторые вопросы обстановки в Кабуле и вокруг него)», источник: Институт Ближнего Востока.
19. Серенко А. «Сила против реальности», автор «Эксперт», 16.04.2008г.
20. Султанов Э. «Иранская шахматная доска. Конфликт на некоторых геополитических фронтах», 24.04.2007.
21. Умнов А. «О роли Пуштунов в Афганистане», 28.03.2007г.
22. Цыганок А. «Афганский парадокс», источник: «Военно-промышленный курьер», 06.10.2006г.
23. Азия Информ/новости региона. www.asiainform.ru/15867 htm.
24. Афганистан.Ру www.afghanistan.ru
25. Фергана.Ру www.fergana.ru
26. Центразия.Ру www.centrasia.ru
27. BBC News/news www.bbc.com
28. CNN/news www.cnn.com
29. The Gardian: Джеффри Уиткрофт «Эффект дежавю. В 1907 году Англия и Россия поделили Персию, Афганистан и Тибет- что изменилось?» 03.09.2007г.;
30. Herald Tribune/news www.heraldtribune.com
31. The Washington Post: Николас Шмидл «Игроки новые игра старая», 30.01.2008г. www.washingtonpost.com
32. Afghanistannews.net www.afghanistannews.net
33. www.afghanistannews.com;

**МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА АФҒОНИСТОН ДАР СИСТЕМАИ ТАҒЙИРОТҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ**

Мақолаи мазкур вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии муосири Афғонистонро дарбар мегирад. Мақола таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи аҳамияти сахми кишварҳои ҳамсоя дар таъмин намудани амну субот дар Афғонистон арзёбӣ карда, ба масъалаи маводи мухаддир дар минтақа бо гардиши ғайриқонунии силоҳ маълумот медиҳад.

**RELATION OF AFGHANISTAN AND TAJIKISTAN IN THE SYSTEM OF GLOBAL GEOPOLITICAL CHANGES**

The purpose of this article is to present information, analysis, and opinion on global politics, problems of counter-terrorism, human rights, globalization, and other world issues today as well as the internal politics of major countries and crisis areas around the Afghanistan. This article reflects the Central Eurasian Region efforts in solving of Afghan problems.

# МУНОСИБАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ АМРИКО ДАР ОСИЁИ МИЁНА

***Аҳмад Раисӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маълум аст, ки манфиатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Осиёи Миёна тахти таъсири вокуниши ин кишвар дар муқобили ҳамлаи терроростии 11-уми сентябр будааст. Бо вуҷуди ин ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пеш аз ҳодисаи 11-уми сентябр таваҷҷӯҳе ба кишварҳои Осиёи Миёна надошт, Амрико аз нахустин кишварҳое буд, ки дар соли 1991 кишварҳои Осиёи Миёнаро ба расмият шинохт. Иёлоти Муттаҳида дар заминаи мухталифе ба ҳамкорӣ ва кӯмаки давлатҳои тозаистиқлол пардохт ва дар Қазоқистон, Туркманистон ва Озарбойҷон сармоягузориҳои қобили таваҷҷӯҳ намуд. Аммо бояд гуфт, ки минтақаи Осиё Миёна пеш аз 11-уми сентябр ба далели фосилаи дури ҷуғрофӣ, нобасомонии иҷтимоӣ, заминаҳои даргири қавмӣ ва мазҳабии печида ва имконоти заифи ҳамлу нақл, чунон аҳамияте ки имрӯз дорад, бархурдор набуд, ва дар равобити хориҷии Амрико нақши ҳаёти

надошт. Ҳамлаҳои террористӣ ба манофеи Амрико ва амалиёти низомии он дар Афғонистон аҳамият ва нақши ин минтақаро дар фаъолиятҳо ва барномаҳои давлати Буш ба шиддат афзоиш дод. Воқеаи 11-уми сентябри 2001 дар Амрико муҷиби тарроҳии дубораи муҳити амнияти байналмилалӣ ва тағйироти густарда дар низоми сиёсати амниятӣ ва хориҷи ин кишвар шуд. Дар ҳақиқат, дараҷаи аввали сиёсати хориҷии ин кишвар зери шиори талош барои ташкил ва раҳбари эътилофи байналмилалӣ бар зидди терроризм қарор гирифт. Ин тағйирот ҷиҳати паёмадҳои муҳим бар равобити Амрико бо Руссия ва ба таври кулӣ бо кишварҳои Осиёи Миёна бар ҷой гузошт.

Фурӯпошии ҳукумати Шӯравии собиқ ва ақибнишинии Шӯравӣ аз Осиёи Миёна, фазои ҷуғрофии ин минтақаро дучори бекудратӣ намуд. Ин кор заминасози кушодани фазои ҳавзаҳои нуфузкудратҳои минтақа ва фароминтақа гардид. Ин рақобат, ки ба «бозии бузурги нав» шӯҳрат ёфт, дар воқеъ ёдовари рақобати таърихи Русия ва Англия дар қарни 19-ум аст. Бо ин вуҷуд бозии бузурги ҷадид бар хилофи бози геополитикии қарни 19-ум, ки танҳо ду рақиби асосӣ дошт, акнун бозингарони мухталифе ҳамчун кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ, бозингарони ғайридавлатӣ ҳамчун шабакаҳои террористӣ ва ҷунбишҳои тундравро дар бар мегирад. Ин масъала сохтори мухталифро ҷиҳати ҳамкорӣ нишон намедиҳад, балки имкони ҷанг ва даргирӣ бар сарзамин, манобеъ ва масирҳои транзит ва хатти қубури энергиро таҳдид мекунад. Наздики бозингарони рақибӣ дар бозии бузурги ҷадид метавонанд сабаб ба тезондани ҷанг шавад. Бинобар ин, пас аз фурӯпошии Шӯравӣ вазъияти геополиткии минтақа ба маротиб печидатар аз гузашта шуда ва хатарот ва таҳдидоти дарунӣ афзоиш ёфтааст.(1)

Амрико бозингари аслии фароминтақавӣ аст, ки дар ҷустуҷӯи аҳдофи иқтисодӣ ва геостратегӣ, натиҷаҳои минтақавиро бо иҷрои стратегӣ зери назорат мегирад.

Стратегияи мазкур ба таври зайл аст:

- ҷилавгирӣ аз пайвандҳои старетигии Ҳинд ва Русия

Пайвандҳои Ҳинду Рус ба замони Шӯравии собиқ бармегардад, то ҷое ки ин равобит бар иртиботи ҳампаймонони Амрико монанди Покистон ва ҳатто Туркия низ соя афканда буд. Пас аз даҳаи 1990 низ равобити Ҳинду Рус ҳамвора идома дошта ва муносиботи ду кишвар дар сатҳҳои гуногун рушд ёфтааст. Аммо акнун дар шароити ҷадиди Афғонистон, идомаи ҳамкории Ҳинду Рус бо сиёсати Амрико дар Афғонистон ва Осиёи Миёна фарқ дорад. Бинобар ин, ҳузури Амрико дар Қазоқистон ва Афғонистон метавонад дар ҷудоии байни Русия ва Ҳинд муассир бошад.(2);

- муқобила бо тарҳҳои минтақаи Чин

Чин яке аз рақибони қудратманди Амрико дар ин минтақа мебошад. Қирғизистон ҳамсояи Чин аст ва Амрико бо таваҷҷӯҳ ба мавқеияти ҷуғрофияи ин кишвар аз он барои зери назар доштани фаъолиятҳои низомӣ ва сиёсии Чин дар ин минтақа аз ҷаҳон истифода мекунад. Зимни ин ки дар ҳавзаи интиқоли энергӣ аз дарёи Мозандарон низ бо ин кишвари бузург ва пурҷамъият метавонад рақобат намояд;

- ҷилавгирӣ аз қудратёбии Русия ба унвони рақиб

Ҷудо кардани Русия аз ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, костан аз таъсири Маскав бар ҳавзаи нуфузи суннати худ ва ба ҳошия рондани ин кишвар дар муодилоти минтақа аз аҳдофи дигари Амрико дар Осиёи Миёна аст. Ин сиёсат аз тариқ афзоиши кӯмакҳо ва эътибороти молии Амрико ба ин кишварҳо пайгирӣ мешавад. Бо вуҷуд ин бояд гуфт, ки сиёсати Иёлоти Муттаҳида дар мавриди Русия аз мушаххасаҳои даврони ҷанги сард пайравӣ намекунад. Сиёсати Амрико дар баробари Русия ба меҳвари дӯсти саратегӣ устувор аст. Ба иборати дигар, Иёлоти Муттаҳида ба манзури тавсиаи ҳавзаи нуфузи сиёсӣ, баҳрабардории иқтисодӣ аз манобеи нефту газ, идомаи иқтидори низоми ҷаҳонӣ бар асоси назми Амрикоӣ ва густариши арзишҳои Амрикоӣ, ҳузур дар минтақаи дарёи Хазарро ҳамгом бо сиёсати худ дар хусуси демократикунони Русия ва қавом додан ба дусти стратегӣ бо Маскав дар айни рақобат барои касби мавқеият мусоидтаре дар минтақа медонад;

- муҳосираи Ирон

Илова бар ин, тарҳи тақсими дарёи Мозандарон байни кишварҳои ҳошияи он дар ҷиҳати ҷилавгирӣ аз иртиботи старетегии Русия бо Ирон, манъ сохтани имкони дастёбии Русия ба ҷануб ва комил кардани муҳосираи Ирон аз самти шимол мебошад;

- назорати манобеи табии минтақа

Амрико назорати масири захираҳои нефту гази дарёи Мозандарон ва ҷилавгирӣ аз шаклгирии ҳар гуна қудрати рақиб дар баробари ҳокимияти он бар манобеи стратегӣ

- баҳрабардорӣ аз имконоти васеи иқтисодӣ

Амрико мехоҳад баҳрабардорӣ аз имконоти васеи иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар технологияи ин манотиқи стратегӣ саҳмдор бошад, хусусан, дар соҳаи энергетикаи он;

- мудохила дар сиёсатҳои дохилӣ

Амрико мехоҳад дар сиёсатҳои бӯҳронӣ ин минтақа ҳамчун миёнаравӣ ва нозир дар Уйғуристон, Арманистон ва Қарабоғ нақш дошта бошад;

- мубориза бо терроризм

Амрико мехоҳад баҳрабардорӣ аз мубориза бо терроризм пас 11-уми сентябри 2001 ва додани мавзеъҳои якхела байни кишварҳои минтақа ва ҳошияи минтақа ва собити ҳузури низомӣ дар Осиёи Миёнаро дошта бошад;

- истифода аз ниҳодҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ

Амрико тасмим дорад бо шаклдиҳӣ дар ниҳодҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ҳузурашро дар ин манотиқ тақвият бахшад;

- густариши иқтисодӣ

Бо ин раванд Амрико равнақ ва густариши амалиёти иқтисодӣ, сиёсӣ ҳампайвандонашро монанди Исроил, Туркия дар муқобили Ирон, Чин ва Русия тавсиа мебахшад;

- ҷойгузини роҳбарони Осиёи Миёна

Амрико хоҳиш дорад то роҳбарони минтақаи Осиёи Миёна ба шакли зоҳиран демократӣ, вале дар асл намояндаи худ дар ин манотиқ ҷойгузин намояд.

Аксар роҳбарони Осиёи Миёна аз кормандони собиқ Шӯравӣ буда, эътимоди комили Амрикоро ба худ ҷалб накардаанд. Аз ин рӯ, Амрико ҳамеша дар ҷустуҷӯи роҳҳои муносиби зоҳиран демократӣ ва ғарбписандида барои роҳбарони ин манотиқ аст. Инқилобҳои рангини Гурҷистон ва Қирғизистон аз ин нишондодҳо шаҳодат медиҳад.

Фурсатҳои минтақаи Осиёи Миёна барои Амрико

Фурсатҳои геополотикӣ:

1 дастрасии мустақим ба сарзамин ва фазои ҷуғрофиёи рақибон ва мухолифон ва фишор бар онҳо ва шаклдиҳӣ ба фазои таҳдид ва тарс барои Ирон, Афғонистон, Русия, Чин ва Ироқ;
2 назорат дар манобеъ ва захираҳои энергетикии дарёи Хазар ва Халиҷи Форс

Фурсатҳои геостратегӣ:

1. корбурди фазои минтақа дар нақшаҳои низомӣ;
2. шаклдиҳӣ ба фарзияҳои макон ва самти таҳдиди нав барои рақибони қудратманди низоме монанди Русия, Чин ва Ирон аз тариқи ин манотиқ.

Ҳамин тавр, фаъолиятҳои Амрико дар меҳвари Қафқоз минтақаи Осиёи Миёнаро маҷмӯае аз иқдомоти иқтисодӣ, технологӣ, сиёсӣ ва дипломотӣ, фарҳангӣ ва низомӣ ташкил медиҳад, ки дар ду давра замони пеш аз 11-уми сентябр ва баъд аз он ба шакли зайл буд:

Пеш аз 11-уми сентябр

Иқдомоти Амрико баъди фурӯпошии Шӯравӣ ду самти ва пеш аз 11-уми сентябр умдатан бо ҳадафи нуфуз дар минтақа ва дар ҷабҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ анҷом пазируфт ва ба шакли зайл сурат мегирифт:

1 пешгирӣ аз ҳузури қудратҳо перомуни Осиёи Миёна, Қафқоз, Ирон, Чин, Русия аз тариқи:

- равнақ ва густариши иқтисодӣ дар ин манотиқ (4)
- ҳимоят аз давлатҳои минтақа ва ташвиқи онҳо ба тавсиаи демократӣ, иқтисод ва бозори озод, риояти ҳуқуқи башар ва ғайра

2 тавсиа ва тасбити ҳузур ва нақшофарини Амрико дар минтақа аз тариқи:

- мудохила дар корбурди нафту гази дарёи Хазар бо технология ва сармоягузории (иқтисодӣ);
- мудохила дар бӯҳрони минтақа ба ҳайси миёнарав ва ба даст овардани аҳдофи худ;
- тавсиаи ҳамкориҳои амниятӣ ва сиёсӣ дар минтақа

Баъд аз воқеаи 11-уми сентябр

Рӯйдоди воқеаи сентябр ва осебпазирӣ аз дарун сабаб ба таҳаввули мафоҳими амниятӣ шуд. Дидгоҳҳои суннатӣ нисбат ба манбаъ, макон ва ҷиҳоти таҳдид тағйир кард ва навъе таҳдидро фаро гирифт ва барномарезии дифоиро мушкилтар ва таҷҳизоти замонавиро мавриди шакку шубҳа қарор дод.(5) Ин ҳамла Амрикоро водор ба тафаккури стратегии нав маҷбур сохт ва таҳоҷуми ифротгарони Иёлоти Муттаҳидаро зери хатар андохт.

Бинобар ин, аз он ҷо, ки Афғонистон ҳомӣ ва паноҳгоҳи гурӯҳи террористӣ, ба вижа Бин Лодан, ки ҳамлаи 11-уми сентябрро роҳбарӣ карда буд, Осиёи Маркази аҳамияти вижае барои Амрико дар ҷанг бо терроризм пайдо кард. Дар ин росто, аксар давлатҳои минтақа барои маъмуриятҳои ба истилоҳ башардӯстона ва бархе низ таҳти ҳар шароите ҳарими ҳавоии худро дар ихтиёри Амрико гузоштанд. Агарчи Амрико даъво мекунад, ки дунболи ҳузури низоми доимӣ нест ва ҳеҷ навъе тазмини амнияти ба ин давлатҳо надодааст. Вале бо имзои мувофиқатномае ба

Ӯзбакистон ваъда дода, то ҳар навъ таҳдиди хориҷӣ барои ин кишварро мавриди таваҷҷӯҳи ҷиддӣ қарор диҳад. Ва дар айни ҳол, ваъдаи кӯмакҳои молӣ ба ин кишварро дода аст.

Дар амалиёти низом аз 11-уми сентябр дар Афғонистон, ҳар се давлати Қафқоз ба Амрико пешниҳоди ҳамкорӣ доданд. Интиқоли тамоми ҳавопаймоҳои Амрико ва муттаҳидонаш аз Иёлоти Муттаҳида ва Урупои ғарбӣ аз фазои ҳавои ин чумҳурӣ сурат гирифт ва бад-ин гуна ҳамкорӣ онҳо нақши асосӣ дар ҷанг бар зидди терроризм доштааст. Амрико дар ин талоши худ ҳамкории бесобиқаеро аз Русия дарёфт доштааст. Иқдомоти аввалияи ин кишвар дар робита бо кишварҳои Осиёи Марказӣ низ бо ҳамкории наздик ба Русия ба ҳолати тавозун даромадааст. Ин ду кишвар дар ҳимоят аз ҷанг бар зидди терроризм ба мубодилаи иттилоот пардохта ва қавл додаанд, ки ҳамкориҳои бештаре дошта бошанд. Агарчи бисёре дар Русия нигарони мудохилаи Амрико дар «ҳаёти хилватӣ» Русия мебошанд, ба ҳар ҳол мизони пойдории ин ҳамкориҳо ва амалкарди он ба унвони асоси ҳамкориҳои бештар миёни ин ду кишвар ба мизони дарки онҳо аз манофеи муштарак бастагӣ дорад. Дар робита бо аҳамияти ин масоил, барои давлатҳои Осиёи Миёна иҳтимолоте вуҷуд дорад. Нақши фаъоли Амрико дар Осиёи Миёна ҳифзи ҳамкорӣ бо Русияро мушкил хоҳад сохт. Ба ҳар, ҳол авлавият болотар дар равобити Иёлоти Муттаҳида ва Русия ниёзманди он аст, то Амрико дар талошҳои худ барои пешрафти аҳдофи муштарак дар минтақа бо русҳо ҳамкорӣ кунанд. Дар ҳамин ҳол, ҳузури нерӯҳои Амрико дар ин кишварҳо ё дар наздики марзҳои онҳо бад-ин маъно аст, ки ҳарчи ҳамкории Амрико бо Русия бештар бошад, нуфузи Амрико бар манотиқи Осиёи Миёна низ афзоиш меёбад.(6)

Маълум аст, ки дар ин рӯйдод ду нуктаро бояд мадди назар гирифт: Аввал, ин ки нуфуз ва ҳузури Амрико дар минтақа баъди 11-уми сентябр дар ҳавзаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ заминасозӣ ва фурсатсозии муносибе барои ихтиёргирии меҳвари Қафқоз-Осиёи Миёна ҷиҳати баҳрабардории геостратегӣ фароҳам намуд ва ин омил раванди мазкурро тасҳил кард. Дуввум, ин ки заруратҳои геостратегии таркиби нақшофарини Амрико дар минтақаро низ дучори таҳаввул намуд ва вазни фаъолиятҳои низомӣ, амниятӣ бо давлатҳои дохили минтақа ва каноораи он давр зад.

Албатта таваҷҷӯҳ ба ин нуқта муҳим аст, ки Амрико дар ҳузури баланддмудат дар Осиёи Миёна бо душвориҳо рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ин мавзӯъ дар навъи нигариши мубтанӣ бар ҳамкории баландмуддати кишварҳои минтақа бо Амрико дар мавориди маҷбур ба додани имтиёзоте гардида, ки бархе аз ин имтиёзот метавонад бо тарроҳии русҳо душвориҳоро барои ҳузури Амрико дар Осиёи Миёна фароҳам намояд. Бархе аз ин мушкилот ва душвориҳо ба таври зайл мебошанд:

- сохторҳои боқимондаи иқтисодӣ ва фарҳангии даврони Шӯравӣ;
- ҳузури низомӣ ва суннати Русия дар ин манотиқ;
- тафовутҳои фарҳангии ин манотиқ бо Амрико ва Ғарб.

Нигарониҳои Чин ва Русия ва ҳамкории ин ду кишвар дар қолаби дуҷониба ва созмони ҳамкории Шанхай боиси таҳдид, хатари амниятӣ тавассути нерӯҳои хориҷӣ дар ин манотиқ шудааст. Осиёи Марказӣ барои Чин ҳамчун саҳнае барои ҷилавгирӣ аз густариши нуфузи Амрико ва дар ин ҷиҳат аз ҳамроҳӣ ва иштироки назар бо Русия низ бархӯрдор аст, ки натиҷаи он дар иҷлосҳои созмони ҳамкории Шанхай намоён аст. Дар ин ҷиҳат ҳамчунин метавон ба баёнияи иҷлоси Шанхай таҳти унвони «Дастурамали байналмилалии қарни 20-ум ва 21-ум» ишора кард, ки дар воқеъ метавон онро чолиши умда барои Амрико аз назари ҳамоҳангии Русия ва Чин дар баробари Осиёи Миёна қаламдод кард. Ба назар чунин мерасад, ки Маскав ва Пекин ба сурати ҷиддӣ ба дунболи эҷоди фишори ҳарчи бештар барои коҳиши нуфузи Амрико дар ин манотиқ ҳастанд.

Хуруҷи Амрико аз пойгоҳи Хонободи Ӯзбекистон, аввалин кишваре, ки тасҳилоти низомиро барои Амрико қарор дода, боис шуд, то Иёлоти Муттаҳида талоши наве барои ҳифзи мавқеи худ дар ин манотиқ оғоз кунад.(7) Ба ҳар ҳол, тамриноти низомии муштараки Русия ва Чин, ки ҳамчунон идома дорад, баёнгари маҳдудиятҳои қудрати ҷаҳонии якҷонибаи Амрико аст. Ин тамринот ҳамчунин паёме барои ҳамсоягони ин ду кишвар дар шимоли шарқи Осиё аст. Ба навиштаи рӯзномаи «Интернашнал херолд трибун» ҳузури низомии Амрико дар Осиёи Миёна натиҷаи ҳамалоти 11-уми сентябр буд ва Чин ва Русия низ барои муддате ин ҳузурро таҳаммул кардаанд. Зеро ин ду кишвар хоҳони сарнагунии толибон ва таваққуфи фаолиятҳои гурӯҳои ифротӣ буданд. Аммо ҳатто, агар Амрико нерӯҳои худро аз Осиёи Миёна хориҷ кунад, чашмандози ҳузури доимии Амрико дар Афғонистон, мушкилсозӣ ба назар мерасад. Зеро Русия ҳамвора таваҷҷӯҳи худро ба марзҳои ҷануби худ маътуф карда ва Чин ҳам муддатҳост нигарон тасаллут бар сарзаминҳои ғарби худ аст. Дар ҳамин ҳол, саволе, ки бояд барои Амрико матраҳ бошад, ин аст, ки оё ин кишвар манофеи дарозмуддат дар минтақа дорад, ки битавонад ҳузури худро дар он ҷо тавҷеҳ кунад, ё не. Мутмаинан Амрико манофеи дар заминаҳаи нафт ва дигар манобеи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дорад. Ҳамчунин ҳузури заминӣ ва дарёии наздик ба Ирон низ таъминкунандаи манофеи Кохи Сафед аст. Аммо акнун бо таваҷҷӯҳ ба кам будани будҷа нуктаи мазкур то ҳадде маҳдуд шудааст. Табиист, ки

Русия дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Чин дар кишварҳои Осиё Миёнаи ҳамсоя бо ин кишвар манофеи доимӣ доранд. Чин дар талош буда, бо кишварҳои Ўзбекистон ва Қирғизистон равобити дўстонае барқарор намояд ва ҳатто розӣ ҳаст, агар битавонад аз нафту гази Қазоқистон ҳам баҳра бибарад. Аммо дар ин арса кашмакашиҳо бар сари об, энержӣ ва масоили қавмӣ вуҷуд дорад, ки қобили фаромушӣ нест. Дар воқеъ, Амрико ҷиҳати таҳаққуқи аҳдофи ҳаёти худ ниёзи мубраме ба ҳамкориҳои Русия, ки рақиби қудратманди дохили мантиқааст, дорад.

Аз тарафи дигар, ҷалби таваҷҷўҳи Русия аз қудратнамоӣ ба Шарқ, вақте ки тағийр ёбад ва дар сохторҳои ғарбӣ мутамаркиз шавад, барои Амрико судманд аст, зеро зимни ҷилавгирӣ аз иттиҳоди Русия бо Чин ва Ҳинд ва ҳатто Ирон, амнияти хатти интиқоли энержӣ аз ин манотиқ ба ҷаҳони хориҷро тазмин менамояд. Албатта, Амрикои имрўза бо эҷоди сипари дифои мушакӣ вокунишҳо ва таҳаррукоти мутақобили Русияро сабаб шуда, вале мо ҳамчунон ба ин ақидаем, ки қудратҳои минтақавӣ (дохилӣ-хориҷӣ) кафили амнияти Осиёи Миёнаро ба ҳамроҳ намеоваранд. Бинобар ин, сулҳ, оромиш, иттиҳод ва амнияти пойдори огоҳонаи кишварҳои Осиёи Миёна беҳтарин рўйкарди сиёсӣ- иҷтимоӣ пешорўйи он абарқудратҳо мебошад.

Ҳамин тавр, сиёсати хориҷии дарозмуддати Амрико дар манотиқи Осиёи Миёна ва Қафқоз ҳамон сиёсате таъсири комил, баст ва густариши қаламрави қудрати худ, муқобила бо ҳар гуна таҳдид ва нуқтаи хатарофарин, ҳифзи вазъи мавҷуд ва дар ниҳоят ҳузур ва нуфузи сиёсӣ-иқтисодӣ ва амнияти тўлонӣ аст, ки Амрико барои дастёбӣ ба ин манофеъ аз ҳамаи тавон ва имконоти худ истифода мекунад. Ҳарчанд худи кишварҳои Осиёи Миёна чандон тамоюле ба ҳузури Амрико надоранд. Амрико бо ҳамкории Туркия ва ҳатто Гурҷистон қудратҳое монанди Русияи демократӣ, Чини бузург ва Ирон бо макрҳои сиёсӣ, ба таҳдид ва инзиво мекашонад, то ҳузури пурранги худро бар ин манотиқ тавсиа бахшад. Ҳарчанд давлатмардон дар ҳукуматҳои манотиқи Қафқоз ва Осиёи Миёна, намояндаи афкори умуми мардуми ин манотиқ нестанд ва ба ҳамин далел аз иттиҳод ва тавоноии хубе барои мубориза бо фишорҳо ва таҳдидоти қудратҳои хориҷӣ бархўрдор нестанд, валекин боз ҳам дар чунин фазое ду нукта хело қобили таваҷҷўҳ ва муҳим ба назар мерасад:

1 вуҷуди дарки муштараки кишварҳои Осиёи Миёна аз таҳдидот ва хатароти қудратҳои хориҷӣ;
2 қабули ин нукта, ки «амнияти минтақа» беҳтарин ҳолат аст барои идомаи ҳаёти сиёсии ин минтиқа.

Умед аст, ки мо шоҳиди амнияти пойдор ва иттиҳоди комили кишварҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз гардида, нақши онҳоро дар рушду инкишофи ҷомеа боз равшану қавитар дарёбем.

**КАЛИДВОЖАҲО:** муносибатҳои геополитикии Амрико, амнияти пойдор, иттиҳоди комил, аҳдофи иқтисодӣ ва геостратегӣ.

## АДАБИЁТ

1 Феррари, Ирон, 2003, с.10.
2 Шерозӣ ва Маҷидӣ соли 1383, Ирон , с. 297.
3 Ваҳиди 1381, кўтоҳшуда.
4 Мишкинии Насрӣ, 1379, Ирон, с. 91.
5 Ҳофиз Ниё, Ирон, 1383, с. 380.
6 Олекро Сайно,1383, с. 315.
7 Шуҷоӣ, Рўзномаи Ҳамшаҳрӣ, 14, 1384, Ирон..

## ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ США В ЦЕНТРОАЗИАТСКОМ РЕГИОНЕ

В данной статье автор рассматривает специфические особенности национальных интересов нескольких государств в Центроазиатском регионе. Особенно геополитические отношения крупных держав и стратегии развития их взаимоотношений.

## GEOPOLITICAL RELATIONS OF USA IN CENTRAL ASIAN REGION

In this article author reviewed the specific characteristic of national interests of some states in Central Asian region. Especially geopolitical relations of super powers and strategy of development of their relationships

# КОНВЕНСИЯИ МАНЪИ МИНАҲОИ ЗИДДИ ПИЁДАГАРД ВА ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

***Ҷ. Раҷабов***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Бояд қайд намуд, ки ҷавоби кишварҳои олам ба бӯҳрони башарӣ, ки дар натиҷаи васеъ паҳн шудани мина ва дигар муҳимоти натаркида ба амал омада буд, ба қабул намудани Конвенсияи манъи истифода, захирасозӣ, истеҳсол ва таҳвили минаҳои зидди пиёдагард ва нобудсозии онҳо ва ё Конвенсияи Оттава (Шартномаи Оттава) аз 18 сентябри соли 1997 оварда расонид. Ин Конвенсия аз таърихи 1 марти соли 1999 ба ҳукми қонун даромад ва соли ҷорӣ 10 сол мешавад, ки ин санади муҳими байналмилалӣ дар амал аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2000 иштирокчии Конвенсияи зикргардида мебошад. Хурсандиовар аст, ки ҳоло 156 кишвар (80 фоизи тамоми кишварҳои олам) аъзои ин шартнома мебошанд.

Ин Конвенсия ба меъёрҳои муқаррарии ҳуқуқи башардӯстонаи байналмилалӣ асос ёфтааст, ки дар муносибати ҳамаи кишварҳо истифода бурда мешавад. Ин муқаррарот истифодаи чунин намудҳои аслиҳаро манъ менамояд, ки табиати онҳо фарқияти байни шаҳрвандон ва ҷанговаронро ҳис намекунанд ва ё азияти зиёду зиёни фавқулода меоваранд. Минаҳои заминӣ байни аскар ва шаҳрванди осоишта фарқият намегузорад. Асосан, қурбоншудагон ё ҳалок мегарданд, ё ҷароҳати вазнин мегиранд. Ин намуди аслиҳа, ки нисбатан арзон, аз ҷиҳати ҳаҷм хурд ва аз ҷиҳати истифодабарӣ осон мебошад, дар рӯи сайёра ба миқдори миллионҳо дона паҳн гардидааст ва ба инсонҳо азияти фавқулода оварда, сохторҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии даҳҳо кишварҳоро хароб намудааст. Бинобар он, ки гузоштани минаҳо назар ба безарарсозии онҳо хеле осон аст, дар чорчӯбаи бисёр низоъҳо истифодабарии ин силоҳ тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона мушкил ва ё ғайриимкон аст.

Конвенсия аз 22 модда иборат аст, ки дар онҳо ӯҳдадориҳои умумӣ (моддаи 1), мафҳуми минаи зидди пиёдагард ва дигар мафҳумҳо (моддаи 2), истисноҳо (моддаи 3), шарт ва мӯҳлати нобудсозии захираҳои минаҳои зидди пиёдагард (моддаи 4), шарт ва мӯҳлати нобудсозии минаҳои зидди пиёдагард дар минтақаҳои минагузошташуда (моддаи 5), ҳамкорӣ ва мусоидати байналмилалӣ (моддаи 6), тадбирҳои ошкор будан (моддаи 7), мусоидат ба риоя намудан ва шарҳу эзоҳ дар мавриди риоя намудан (моддаи 8), тадбирҳои миллӣ оид ба татбиқ (моддаи 9), танзими баҳсҳо (моддаи 10), тартиби гузаронидани ҷаласаҳои давлатҳои аъзо (моддаи 11) ва конференсияҳо оид ба баррасии амал (моддаи 12) ва дигар муқаррароти хотимавӣ (моддаҳои 13-22).

Тибқи моддаи 1 кишварҳои аъзои ин шартнома ҳеҷ вақт ва дар ҳеҷ сурат набояд минаҳои зидди пиёдагардро истифода баранд, захирасозӣ ва истеҳсол кунанд, таҳвил намоянд ва ё ба дигарон дар истеҳсоли онҳо кӯмак намоянд.[1] Кишварҳо инчунин ӯҳдадор мешаванд, ки дар мӯҳлати муқарраршуда тамоми минаҳои зидди пиёдагардро, ки дар анборҳо ва ё дар қаламрави кишварҳояшон мавҷуданд, нобуд созанд. Минаҳои зидди пиёдагарди дар анборҳо мавҷуд буда бояд дар тӯли чор соли баъди ҳамроҳшавии кишвар ба Конвенсияи Оттава нобуд карда шаванд.[2] Минаҳои дар замин гузошташуда бошад, новобаста аз он, ки онҳо дар майдонҳои мина гузошта шудаанд ва ё дар дигар манотиқ, онҳо бояд дар давоми 10 соли баъди ҳамроҳшавии кишвар ба Конвенсия нобуд карда шаванд. Дар чорчӯбаи чорабиниҳо оид ба нобудсозии минаҳои зидди пиёдагард зарур аст, ки тамоми чораҳо андешида шаванд, то ки мавзеъҳои минтақаҳои хатарнок муайян карда шаванд, онҳо нишонгузорӣ гарданд, тавора гирифта шаванд, то ки аҳолии маҳаллӣ ба он ҷойҳо дастрасӣ надошта бошанд.[3]

Аз давраи ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи Оттава (1 марти соли 1999), ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти татбиқсозии ин шартномаи байналмилалӣ ҳиссаи бузург гузоштааст. Ҳоло аниқ шуда истодааст, ки Конвенсияи Оттава ва ҳаракати манъи ин намуди аслиҳа дар самти нобудсозии минаҳои заминӣ, ҳифзи ҳаёт ва пешгирии ҷароҳати инсонҳо дар дилхоҳ кишвари дунё ба дастовардҳои калон ноил шуда истода аст. Дар тӯли мӯҳлати зикргардида зиёда аз 68 миллион минаҳои заминӣ, ки дар анборҳо нигоҳ дошта мешуданд, нобуд карда шуданд, аз ҷумла, зиёда аз 42 миллион дона мина аз ҷониби кишварҳои аъзои Конвенсияи Оттава нобуд гардонида шуданд. Зиёда аз 1000 км мураббаъ минтақаҳои хатарнок аз мина безарар гардонида шуда аст; аз ҷумла зиёда аз 5 миллион минаҳои зидди пиёдагард, қариб миллион минаҳои зиддитанкӣ ва миллионҳо адад муҳимоти тарканда безарар гардонида шудаанд. Аз соли 1992 инҷониб сарпарастон ба фаъолиятҳои амалиёти зидди минаҳо зиёда аз 3,75 миллиард доллари амрикоӣ маблағ ҷудо намудаанд.[4]

Ба ин муваффақиятҳои азим дар самти ҳали проблемаи глобалии минаҳои заминӣ нигоҳ накарда, минаҳои зидди пиёдагард ва муҳимоти натаркида ҳоло ҳам ба ҳаёти аҳолии осоишта хатар

таҳдид намуда истодааст ва сабаби муддати дароз баъди низоъ маҷрӯҳ шудан ва ё ҳалок гардидани онҳо мегарданд. Илова бар ин, онҳо ба барқарорсозии кишвар баъди низоъ ва ба чараёни рушди иқтисодӣ монеа мегарданд. Дар бисёр мавридҳо минаҳо ва муҳимоти натаркида сабаби ҷароҳатҳое мегарданд, ки ба буридани қисматҳои бадан меоваранд ва дар натиҷа ин ба маъюбии якумра ва зарурати расонидани кӯмаки дарозмуддат оварда мерасонад. Аз ҳама зиёд аҳолии осоишта қурбонии чунин аслиҳа мегарданд. Иттилооти мавҷуда чунин аст, ки аз соли 1975 инҷониб, дар дунё зиёда аз як миллион нафар ҷабрдидагони мина ба рӯйхат гирифта шудааст, ки 80 % -и онҳоро шаҳрвандони мулкӣ ташкил медиҳанд. Ва бояд қайд кард, ки шумораи зиёди ҳодисаҳои таркиши минаҳои дар деҳоти дурдаст рӯйдода ба қайд гирифта нашудаанд. Тибқи иттилооти тахминӣ шумораи маҷрӯҳони мина дар олам зиёда аз 300 ҳазор буда, онҳо маъюбони гурӯҳҳои гуногун гардидаанд.[5]

Ҳар сол аз ҳодисаҳои таркиши минаҳо тахминан 15 – 20 ҳазор нафар одамон маҷрӯҳ ва ё ҳалок мегарданд, тахминан дар ҳар як 30 дақиқа аз таркиши мина ягон шахс ҳалок ё маҷрӯҳ мегардад.[6] Ҳамчунин далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки теъдоди зиёди одамон аз монеаҳо ва таъсири минаҳои заминӣ барои рушди устувор бинобар сабабҳои зерин азоб мекашанд ва ё ҳалок мегарданд:

- бинобар сабаби таъсири минаҳои заминӣ ба заминҳои киштбоби кишоварзӣ норасогии маводи хӯрока ба миён меояд;
- минаҳои заминие, ки ба сарчашмаҳои оби нӯшокӣ монеа мегарданд, сабаби касалиҳои дарунравӣ - яке аз сабабҳои асосии марг дар дунё, мегарданд;
- минаҳои заминие, ки ба сохтмони макотиб ва ба мактаб рафтани хонандагону муаллимон монеа мешаванд ва дар натиҷа ба гирифтани маълумот маҳдудият пеш меоваранд;
- минаҳои заминие, ки ба сохтмон ва тармими роҳҳо ва дигар самтҳои инфрасохтор монеа мешаванд, метавонанд оқибатҳои мудҳиши иқтисодӣ -иҷтимоӣ ба бор оваранд;
- сулҳу суботи дар кишварҳои суст тараққикарда имкон дорад, ки бинобар сабаби минаҳои заминӣ аз даст равад.

Ҳоло проблемаи мина ва муҳимоти натаркида дар зиёда аз 80 кишвар ва манотиқи дунё мавҷуд мебошад. То ҳол миллионҳо минаҳо дар анборҳои кишварҳои аъзои Конвенсияи Оттава набуда, нигоҳ дошта мешаванд. Кишварҳои аъзои Конвенсия набуда, дорои миқдори аз ҳама зиёди минаҳо, зиёда аз 160 миллион дона (Хитой – 110 млн., Россия – 24,5 млн., ШМА – 10,4 млн., Покистон – қариб 6 млн., Ҳиндустон – 4-5 млн.) мебошанд.[7]

Бадбахтии марбут ба минаҳо ба кишвари Тоҷикистон низ дахл дорад. Дар натиҷаи ҳодисаҳои маълум (низои мусаллаҳонаи дохилӣ) бисёр қитъаҳои замин дар кишвар минагузорӣ гардидаанд ва онҳо ба ҳаёт, саломатии одамон ва иқтисодиёти кишвар таъсири ҷиддӣ расониданд. Тибқи иттилооти нопурра, аз соли 1992 то инҷониб қариб 800 нафар одамон дар Тоҷикистон аз мина ва муҳимоти натаркида зарар диданд. Қисме аз онҳо ҳалок шуданд ва боқимонда ҷароҳатҳои гуногун гирифтанд. Бисёр заминҳои киштбоб аз кор баромаданд ва аҳолӣ аз даромади соф бенасиб гардиданд. Танҳо дар давоми соли 2008 ҳамагӣ 13 нафар аз таркиши минаҳо зарар диданд: 4 нафар ҳалок ва 9 нафар маҷрӯҳ гардиданд.[8]

Минаҳо ва муҳимоти натаркида асосан дар минтақаи марказӣ, байни сарҳади Ӯзбекистону Тоҷикистон ва байни сарҳади Тоҷикистону Афғонистон гузошта шудаанд. Дар минтақаҳои марказии Тоҷикистон минаҳо ва муҳимоти нотаркида (МН) асосан дар давраи низои дохилии мусаллаҳона пайдо шудаанд. Ҳарду ҷонибҳои мухолиф минаҳои зидди пиёдагардро истифода бурданд, ки дар қатори муҳимоти ҷангии нотаркида дар минтақаҳои задухӯрдҳои собиқ, ки асосан дар қисми марказии Тоҷикистон–водии Рашту ноҳияи Тавилдара ва қисмати ғарбӣ-шимолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон воқеанд, боиси хатар мебошанд. Харитаҳои минтақаҳои минадор хеле кам мавҷуд ҳастанд.

Минаҳои зидди пиёдагарде, ки қад-қади сарҳади Ӯзбекистону Тоҷикистон мавҷуданд, аз ҷониби ҳарбиёни Ӯзбекистон гузошта шудаанд. Аввалин ҳодисаҳои ҳалок ва маҷрӯҳшавӣ дар ин минтақаҳо, аз моҳи августи соли 1999 ба қайд гирифта шуданд. Аз он замон инҷониб, дар ин минтақа 71 ҳодисаи ҳалокат, 87 ҳодисаҳои маҷрӯҳшавӣ рӯй дод ва зиёда аз 2000 чорвои калон талаф ёфт. Харитаҳои минтақаҳои минадор ба ҷониби Тоҷикистон маълум нест.[9]

Дар баъзе минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон минаҳо аз ҷониби қӯшунҳои сарҳадии собиқ Шӯравӣ ва баъдан Россия барои пешгирии вайронкунии сарҳад ва худмуҳофизат гузошта шуда буданд. Соли 2005 ҳифзи тамоми қитъаҳои сарҳадӣ аз назорати сарҳадчиёни Россия ба зери назорати сарҳадчиёни Тоҷикистон гузашт. Харитаҳои минтақаҳои минадор низ асосан интиқол дода шуданд.

Тавассути имкониятҳои ҳамкории байналмилалӣ дар чорчӯбаи Конвенсияи Оттава, бо дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Барномаи Рушди СММ, Созмони Амнияту Ҳамкорӣ дар Европа (САҲЕ), Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (КБСС), Хазинаи Кӯдакони СММ ва кишварҳои

донор барномаи тоҷикистонии амалиёти зидди минаҳо таъсис гардид, ки ҳоло бо муваффақият амалӣ шуда истодааст. Дар чорчӯбаи ин ҳамкорӣ сохтори давлатӣ – Маркази Тоҷикистон оид ба Масъалаҳои Минаҳо таъсис гардид, ки вазифааш амалӣ намудани ҳамоҳангсозии тамоми фаъолиятҳои сохторҳо оид ба татбиқ намудани барномаи зикргардида мебошад.

Бевосита ба безарарсозӣ, гурӯҳҳои тадқиқотӣ ва безарарсозии дастии минаҳо машғуланд, ки ҳайаташон аз ҳисоби хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиа, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании, Гвардияи Миллӣ ва ҳамчунин аз ҳисоби ғайринизомиён, ки хизматчиёни собиқи вазорату идораҳои зикргардида буданд ва хоҳиши давом додани фаъолияташонро дар ин гурӯҳҳо ба сифати миначӯён баъди анҷомдиҳии хизмати ҳатмии дусола намудаанд, иборат мебошад. Гурӯҳҳои тадқиқотӣ ва безарарсозии дастии минаҳо таҳти назорати бевоситаи Фонди Швейтсария оид ба безараргардонии минаҳо (ФШБМ) тибқи шартномаи дахлдор фаъолият менамоянд. Аз соли 2009 бевосита ба амалиётҳои безарарсозии башардӯстонаи минаҳо Дастаи миллии безарарсозии минаҳо, ки дар доираи сиёсати милликунонии барнома дар назди Вазорати мудофиа таъсис ёфтааст, ҷалб карда мешавад.

Дар тӯли фаъолияти барнома (аз соли 2004 инҷониб), зиёда аз 900 нуқтаҳои аҳолинишин мавриди тадқиқоти умумӣ қарор гирифтанд, ки дар натиҷа қариб 215 минтақаи аз мина хатарнок ошкор карда шуд. Масоҳати замини баробар ба зиёда аз 2 млн. 800 ҳазор метри мураббаъ аз минаҳо тафтиш ва тоза карда шуданд, зиёда аз 4000 дона нишонҳо оид ба хатари минаҳо сохта дар минтақаҳои аз мина хатарнок гузошта шуданд, зиёда аз 13 ҳазор дона минаҳо ва муҳимоти натаркида (бомбаю снарядҳо ва дигар намуд моддаҳои тарканда) ошкор ва нобуд карда шуданд.[10]

Тибқи моддаи 4 Конвенсияи Оттава Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 31 марти соли 2004 ӯҳдадории худро оид ба нобудсозии захираҳои минаҳои зидди пиёдагард (3029 дона) иҷро намуд.[11]

Дар ҷараёни амалисозии барномаи огоҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо ва кӯмак ба ҷабрдидагони мина, ҳамкории судманд байни Вазорати маориф, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати тандурустӣ, Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ), Барномаи Рушди СММ, Хазинаи Кӯдакони СММ, Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (КБСС), Ассосиатсияи маъюбони Тоҷикистон ва ТҒД-и маҳаллӣ «Ҳамоҳангии ҷаҳон» сурат мегирад.

Дар татбиқи барномаи миллии амалиёти зидди минаҳо саҳми вазоратҳои мудофиа, амният, адлия, корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ, маориф, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи Миллӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллии иҷроия низ бузург мебошад.

Бо мақсади таблиғоти Конвенсияи Оттава, дар доираи барномаи тоҷикистонии амалиёти зидди минаҳо чорабиниҳои гуногун (конференсияҳо, семинарҳо, мизи мудавварҳо, омӯзишҳо, ҳамоишҳо ва дигар намуд ҷамъомадҳо) гузаронида мешаванд. Дар доираи ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла, чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ гузаронида мешаванд. Масалан, дар таърихи 15-16 апрели соли 2004 дар шаҳри Душанбе, таҳти васояти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастгирии Барномаи Рушди СММ ва Маркази байналмиллалии Женева оид ба безараргардонии башардӯстонаи минаҳо Конференсияи минтақавӣ таҳти унвони «Дастовардҳо оид ба татбиқи мақсадҳои Конвенсияи Оттава дар кишварҳои Осиёи Марказӣ», гузаронида шуд. Дар Конференсия намояндагони расмии давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Афғонистон, Хитой, СММ, САҲА, НАТО, КБСС, Созмони байналмилалӣ оид ба манъи минаҳои заминӣ, намояндагони дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалии дар Тоҷикистон ба қайд гирифташуда, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои маҳаллии ғайридавлатӣ иштирок намуданд. 7 - 8 июли соли ҷорӣ ҳамин гуна конференсияи минтақавӣ аз нав дар шаҳри Душанбе гузаронида шуд, ки ин як бори дигар инъикоси қадрдонии Тоқикистонро барои кӯшишҳои пайвасти он дар татбиқи Конвенсияи Оттава нишон дод.

Намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амалиёти зидди минаҳо фаъолона ширкат меварзанд.

Тибқи моддаи 7 Конвенсияи Оттава Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ва дар вақташ оид ба ҳолати хатарнокии мина дар кишвар ба СММ маълумотнома пешкаш менамояд

Ба назар чунин менамояд, ки дар кишвар чорабиниҳои зиёд сурат гирифтаанд, вале ҳамаи ин ҳоло кифоя нест. Мутобиқи моддаи 5 Конвенсияи Оттава, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд то 1 апрели соли 2010 тоза намудани тамоми минтақаҳои аз хатари минаҳоро дар қаламраваш анҷом диҳад (яъне баъд аз даҳ соли узви конвенсия шуданаш). Вале, мутаасифона, аллакай ҳозир маълум аст, ки мо дар ин муддати боқимонда ӯҳдадориии худро дар мӯҳлати муқарраршуда бо сабабҳои гуногун (дер оғоз намудани безарарсозии башардӯстона, норасоии маблағ, нокифоягии гурӯҳҳои безарарсозӣ, набудани мошинҳои механикии безарарсозӣ) иҷро карда наметавонем. Тибқи тадқиқоти умумӣ зиёда аз 60 млн.метри мураббаъ замини Тоҷикистонро хатари минаҳо таҳдид мекунад ва дар айни ҳол, бо назардошти натиҷаи безарарсозии дастии пурра ва тавассути сагҳои махсуси миначӯй (2,8 млн.) ва

ихтисоркунии минтақаҳои аз хатари минаҳо шубҳанок (тавассути тадқиқоти такрорӣ - 42,5 млн.) қариб 15 млн.метри мураббаъ замини аз минаҳо хатарнок то ҳол боқӣ мондааст.[12]

Лекин, моддаи 5 Конвенсияи Оттава ба давлат - узв имконият медиҳад, ки дар ҳамин ҳолатҳо, бо асоснок намудани сабабҳои таъхири иҷрои ӯҳдадорӣ, мӯҳлати безарарсозиро то 10 соли дигар дароз намояд ва оид ба ин масъала дархост пешниҳод намояд. Бо истифодаи ин имконият, Маркази Тоҷикистон оид ба Масъалаҳои Минаҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дархострo оид ба ин масъала таҳия намуд ва 4 марти соли ҷорӣ Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона онро маъқул дониста, барои пешниҳод кардан ба баррасии машварати давлатҳо-аъзои Конвенсияи Оттава тавсия намуд. Тибқи дархости зикршуда барои пурра анҷом додани безарарсозии минаҳо дар Тоҷикистон қариб 10 соли дигар зарур аст. Охири моҳи марти соли 2009, тибқи тартиби муқарраршуда, дархост ба номи раиси машварати нӯҳуми давлатҳо-аъзои Конвенсияи Оттава фиристонида шуд. Умедвор шудан мумкин аст, ки дархости пешниҳодшуда дастгирӣ мешавад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон пайдо мекунад дар доираи ҳамкории байналмилалӣ поксозии заминҳои аз хатари минаҳо таҳдидкунандаро дар мӯҳлати нави дархостшаванда анҷом диҳад. Бояд қайд кард, ки соли гузашта (2008) машварати нӯҳуми давлатҳо-аъзои Конвенсияи Оттава дархостҳои 15 аввалин давлатҳои аъзоро (Босния ва Герсеговина, Британияи Кабир, Венесуэла, Дания, Зимбабве, Урдун, Йемен, Мозамбик, Никарагуа, Перу, Сенегал, Таиланд, Хорватия, Чад, Эквадор) оид ба тамдиди мӯҳлати поксозии минаҳо дастгирӣ намуд.

Албатта, дар ин 10 соли гузашта, Конвенсияи Оттава дар ҳаёти одамон ва аҳолие, ки дар минтақаҳои зери хатари минаҳо қарордошта зиндагӣ мекунанд, тағйиротҳои назаррас ворид намуд. Бо мақсади муайян намудани муваффақиятҳое, ки то айни замон ба даст оварда шудааст, арзёбии вазифаҳои оянда, давом додани кӯшиши муштарак дар самти ноилгардӣ ба ҷаҳони аз минаҳо озод, давлатҳо-аъзои Конвенсия ва баъзе давлатҳое, ки аъзои Конвенсия намебошанд, муассисаҳои СММ, инчунин гурӯҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ҷабрдидагони минаҳо ва ташкилотҳои дар амалиётҳои зидди минаҳо фаъолиятбаранда, аз 30 ноябр то 4 декабри соли 2009 дар Картахена (Колумбия) дар Конференсияи Дуюми Шарҳии (Ҷамъбастии) Конвенсияи Оттава ҷамъ мешаванд. Ҳангоми ин вохӯрии муҳим, ҷомеае, ки дар амалиёти зидди минаҳо ҷалб аст, аз он ҷумла давлатҳо, барои ноил гардидан ба мақсади дар пешгуфтори Конвенсия инъикосёфта *«ба азобу бадбахтиҳое, ки таркиши минаҳои зидди пиёдагард меоранд, хотима бахшида шавад»* бояд кӯшишҳои худро зиёд намоянд.

Конференсияи Дуюми Шарҳии (Ҷамъбастии) Конвенсияи Оттава бояд тасдиқ намояд, ки «ҷаҳони аз минаҳо озод» ҳадафи ниҳоӣ мебошад ва маъниаш дар он мебошад, ки Конвенсияи Оттава бояд дастгирӣ ва риояи ҳамаҷониба ёбад, тамоми захираҳои минаҳо нобуд сохта ва поксозии ҳама майдонҳои мина анҷом дода шаванд, барқарорсозии ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷабрдидагони мина таъмин карда шавад. Роҳ мумкин аст, ки тӯлонӣ бошад, вале бо дарназардошти сабақҳои даҳсолаи гузашта, ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоӣ боварибахш аст.

Ташвиши ҷиддии худро оид ба проблемаҳои башардӯстона ва рушд, ки дар натиҷаи мавҷудияти минаҳо ва муҳимоти таркандаи аз ҷанг боқимонда ба амал омаданд ва ба аҳолӣ таъсири ҷиддӣ ва дарозмуддати иҷтимоӣ-иқтисодӣ доранд, ба назар гирифта, Ассамблеяи Генералии СММ аз таърихи 8 декабри соли 2005 таҳти № 60/97 қатънома қабул намуд, ки тибқи он 4 апрел расман Рӯзи Байналмилалии Мусоидат ба Амалиёти Зидди Минаҳо эълон гардид ва ҳар сол бояд ҷашн гирифта шавад.

Ин қатънома кишварҳо ва созмонҳои дахлдорро даъват менамояд, ки ҷидду ҷаҳдашонро дар самти таъсис ва рушд додани иқтидори миллӣ, ки фаъолиятҳои амалиёти зидди минаҳоро дар кишварҳое, ки мина ва муҳимоти таркандаи аз ҷанг боқимонда ба бехатарӣ, саломатӣ ва ҳаёти аҳолии маҳалӣ таҳдид менамоянд ва ё дар татбиқи лоиҳаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар дар сатҳи маҳал ва ё умумидавлатӣ монеа мешаванд, идома диҳанд.

Дар таҷлили Рӯзи Байналмилалии Мусоидат ба Амалиёти Зидди Минаҳо (3 апрели соли 2009, шаҳри Душанбе), муовини Раиси Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона, Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Худоёров Б.Т. чунин изҳорот намуд: «Диди назари Тоҷикистон чунин аст, ки Осиёи Марказӣ аз минаҳо бояд озод бошад. Бинобар ин сабаб, мо тамоми кишварҳоеро, ки дар минтақа то ҳол ба Конвенсияи Оттава ҳамроҳ нашудаанд, даъват менамоем, ки ба Конвенсияи Оттава аъзо шаванд ва дар ҳамкорӣ дар самти безарарсозии минтақа аз минаҳо ва дар ҳали дигар мушкилиҳо марбут ба оқибатҳои минагузорӣ чораҳои амалӣ андешида шаванд.

Чи тавре ки дар боло зикр гардид, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарафдори манъи ҳамаҷонибаи минаҳои зидди пиёдагард дар тамоми олам буда, тамоми кишварҳоро даъват менамояд, ки зидди ин аслиҳаи марговар кӯшишҳои иловагӣ харҷ намоянд. Ба ҷонибдорӣ аз ӯҳдадориҳои байналмилалии худ ва бо дарназардошти принсипҳои асосии башардӯстона, Ҳукумати мо тайёр аст

бо тамоми кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти манъи минаҳои зидди пиёдагард ҳамкорӣ намояд». [13]

**КАЛИДВОЖАҲО**: минаҳои зидди пиёдагард,Конвенсияи манъи минаҳои зидди пиёдагард ва чараёни татбиқи он.

## АДАБИЁТ

1. Нитше Ф. Инак инсон. с. 140.
2. Фридрих Нитше чунин гуфт: Зардушт тарҷумаи Дориюши Омурӣ. Чопи 10-ум Теҳрон. Нашри Огаҳ. 1374.с. 21-22.
3. Истарн. Ҷ.П. Нича. Тарҷумаи Изати Фуродванд. Чопи 14-ум. Теҳрон нашри тарҳи нав.1380 с.22.
4. Мартен Хайтгар. Маҷмуаи мақолоти Зардӯшт Нича кист? тарҷумаи Муҳаммад Саидит Ҳнниш Кошонӣ. Чопи аввал Теҳрон. Нашри Ҳирмон 1378. с. 2.
5. Нитше Фридрих. Фаросӯи неку бад. Тарҷумаи Дариюши ошури.чопи сеюм. Теҳрон нашри Хоразми.1375. с. 85.
6. Вамбери А. История Бухары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего. -Спб., 1873.-с.239.
7. Хондамир. Хабиб-ус-сияр. - Т. III. с.554.
8. Моддаи 1 Конвенсияи манъи истифода, захирасозӣ, истеҳсол ва таҳвили минаҳои зидди пиёдагард ва нобудсозии онҳо.
9. Моддаи 4 Конвенсияи манъи истифода, захирасозӣ, истеҳсол ва таҳвили минаҳои зидди пиёдагард ва нобудсозии онҳо.
10. Моддаи 5 Конвенсияи манъи истифода, захирасозӣ, истеҳсол ва таҳвили минаҳои зидди пиёдагард ва нобудсозии онҳо.
11. Доклад Landmine Monitor 2008. К безминному миру – www. icbl.org/lm.
12. Доклад Landmine Monitor 2007. К безминному миру – www. icbl.org/lm.
13. http://www.un.org/russian/news/fullstorynews.asp?NewsID=7339
14. Доклад Landmine Monitor 2008. К безминному миру – www. icbl.org/lm.
15. Ҳисобот доир ба чараёни татбиқи барномаи тоҷикистонӣ оид ба масъалаҳои минаҳо дар соли 2008 – www.mineaction.tj
16. Барномаи амалиёти зидди минаҳо. Тоҷикистон. 2003 – 2008 – www.mineaction.tj
17. Барномаи амалиёти зидди минаҳо. Тоҷикистон. 2003 – 2008 – www.mineaction.tj
18. Барномаи амалиёти зидди минаҳо. Тоҷикистон. 2003 – 2008 – www.mineaction.tj
19. Дархости Тоҷикистон оид ба тамдиди мӯҳлати безарарсозии минаҳо – www.apminebanconvention.org
20. Таҷлили Рӯзи байналмилалии мусоидат ба амалиёти зидди минаҳо дар Тоҷикистон (3 апрели соли 2009) – www.mineaction.tj

## КОНВЕНЦИЯ О ЗАПРЕЩЕНИИ ПРОТИВОПЕХОТНЫХ МИН И ХОД ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматриваются предпосылки принятия Конвенции о запрещении противопехотных мин, дается короткая характеристика ее основных положений, отражены последствия применения противопехотных мин в мире и Таджикистане, успехи международного сообщества и Республики Таджикистан в борьбе против этого чудовищного оружия, ход реализации Конвенции в Таджикистане и проблемы, имеющиеся в этом направлении, вопросы международного сотрудничества в целях реализации Конвенции и необходимости распространения Конвенции в странах Центральной Азии.

## CONVENTION ON PROHIBITION OF ANTIPERSONNEL MINES AND ITS IMPLEMENTATION PROGRESS IN TAJIKISTAN

The article examines the background for adoption the Convention on prohibition of antipersonnel mines, describes briefly its basic principles, consequences of application antipersonnel mines throughout the world and in Tajikistan, progress of International community and the Republic of Tajikistan in the effort to combat against such a monstrous weapon, Convention implementation progress in Tajikistan and related problems, the issues of International collaboration to implement the Convention and the need to extend the Convention to the Central Asia counties.

# НОВЕЙШИЕ ВЫЗОВЫ И УГРОЗЫ ГЛОБАЛИЗАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ ПОСТСОВРЕМЕННОСТИ: «ГЛОКАЛЬНЫЙ» ЭТНОПОЛИТИЧЕСКИЙ КОНФЛИКТ

***М.К. Мухаммеджанова***
**Невинномыский государственный гуманитарно-технический институт РФ**

Представляется, что продуктивность восприятия любой научной работы, лежащей в области социо-гуманитарного знания, сегодня во многом напрямую зависит от своевременного артикулирования автором своего понимания основных дефиниций, как выносимых в тему, так и используемых собственно в тексте исследования. Ввиду отсутствия в современной научной традиции какой-либо общепринятой универсальной парадигмы, приложимой к анализу межэтнических конфликтов (что дает основание некоторым представителям академических кругов даже говорить о «методологическом кризисе»), представляется

уместным в начале данной работы, что называется, «определиться в терминах». В частности, обозначить позицию автора по ряду вопросов теоретико-методологического комплекса этноконфликтологии.

Одной из наиболее сложных, и отчасти одной из наиболее значительных проблем современной этноконфликтологической теории, представляется вопрос, связанный непосредственно с самим феноменом этничности. Казалось бы, исследовательский потенциал понятия этничности или этнической идентичности, был если и не полностью, то по большей части исчерпан в 70 – 90гг.XX в., когда в научных работах по данной проблематике были предложены десятки идей и концепций. Однако, учитывая, что понятие «этничности» является базовым, основополагающим для построения модели этнического конфликта, для анализа причин его возникновения и проектирования способов его предупреждения и разрешения, становится понятной тенденция к постоянному уточнению понятия «этничности» в современных работах ученых – этноконфликтологов. Более того, в некоторых работах можно встретить объединение концепций этничности и этнического конфликта, абсолютизированное соединительным союзом: «Существуют три общих подхода к изучению этничности и этнических конфликтов»-отмечают Д. Лейк и Д. Ротшильд, имея ввиду примордиализм, инструментализм и конструктивизм. [1, с.22]. Полагая общим (и потому необязательным) местом научных публикаций по данной проблематике описательный обзор этих трех подходов, уже вошедших в отечественные вузовские учебники, скажем только, что, во–первых, рациональный подход к разрешению этнического конфликта совершенно не исключает, на наш взгляд, признания частично – внерациональной природы этничности. А во – вторых, сам по себе ни один из этих трех основных подходов не является, как нам кажется, универсальным и абсолютно достаточным в качественном измерении основанием для создания общей теории межэтнических конфликтов. Это в равной мере относится как к идеям «традиционных» направлений ( не всегда справедливо объединяемых под общим ярлыком с пометкой «примордиализм»), так и к постмодернизму, в качестве наиболее распространенной сегодня методологии объяснения этнических проблем, включающему в себя конструктивистские и инструменталистские концепции. В современной мировой этноконфликтологии назрела очевидная необходимость в отказе от одноуровневого подхода к пониманию этнического конфликта, какая бы именно концепция ни лежала в его основании, с тем, чтобы рассматривать его как явление многомерное и многофакторное. Прекрасным примером такого многоуровневого анализа этнических конфликтов представляется концепция профессора Института анализа и решения конфликтов при Университете им. Дж. Мейсона (Вирджиния, США) Д. Сэндоула, в которой предлагается изучать конфликты, причины и условия их возникновения на четырех основных уровнях, каждый из которых подразделяется еще на несколько подуровней, что позволяет создать сложную и объемную картину этнического конфликта. Например, индивидуальный уровень анализа имеет биологический, психологический, познавательный подуровни и подуровень диссонанса. [1с.34] Именно такой подход, основанный на разностороннем использовании всего богатого научного арсенала и научного инструментария конфликтологической теории, в независимости от степени их новизны, представляется сегодня наиболее удачным и перспективным. Способность подняться над «постмодернистским конвейером», обнаружить эвристический потенциал и в некоторых уже «сданных в архив» традиционных концепциях, кажется нам насущно необходимой современному ученому, занимающемуся построением модели анализа этнополитического конфликта,- вопроса, имеющего сравнительно не долгую, но весьма многотрудную историю зарождения в границах общей теории конфликтов.

Выделение этнического конфликта в самостоятельный предмет для изучения из пространного теоретико-методологического поля конфликтологического знания происходило в 1960-1970-е годы. Этот период применительно к этноконфликтологии можно охарактеризовать как этап накопления обширного эмпирического материала, поскольку основной объём публикуемых в то время работ составляли описания наряду с первичным, весьма обобщённым анализом конкретных этнических конфликтов, происходивших в мире.

Становление теоретической этноконфликтологии относится в основном к 1980-м годам, когда на теоретико-методологическом уровне анализа проблемы были сформированы некоторые основополагающие направления и школы науки.

Заметный перелом в научной парадигме этноконфликтологии произошёл в 90-е годы XX века. Концептуальным изменением в подходе к анализу этнических конфликтов в этот период можно считать отказ от сложившейся практики их понимания как «коммунальных», находящихся исключительно в сфере внутренней политики государств, вне контекста международных отношений и международной политики. Только с конца 90-х годов прошлого столетия анализ этнических конфликтов в их международном измерении становится одним из приоритетных направлений этноконфликтологии, в котором со временем складываются несколько основных подходов к проблеме, таких как:

- взаимное воздействие внутригосударственных этнических конфликтов и международных отношений;

- взаимосвязь геополитической трансформации мира с межэтническими отношениями в различных странах;

- влияние глобализации на динамику межэтнических процессов в мире.

Такой многофакторный анализ этнополитических конфликтов с учётом их международного, геополитического и глобального измерений, очевидно обозначил необходимость изменения теоретико-методологического статуса данного типа конфликтов, что в свою очередь потребовало введения в научный оборот нового понятия, оптимальным образом отражающего феномен единства глобальных и локальных факторов в детерминации этноконфликтных процессов постсовременности. Этим понятием выступает «глокальный конфликт» как производная термина «глокальность», вошедшего в научный лексикон еще в 1990-е годы.

Для эффективного раскрытия сущности «глокального» этнополитического конфликта представляется необходимым обратиться к тезису, утверждающему глобализацию в качестве некоего универсального макроконтекста всех происходящих в мире процессов, в том числе, и не в последнюю очередь, политических. И хотя сам тезис давно уже не носит сколько-нибудь дискуссионного характера, оспариванию, а точнее, непрерывному научному переосмыслению, по-прежнему подвергается все, так или иначе связанное с самим феноменом глобализации, интерпретацией ее природы, причин и способов протекания. Широкий спектр оценок и подходов к пониманию проблемы с каждым днем продолжает пополняться как новыми, авторскими концепциями, так и уточнениями прежних, и содержит порой диаметрально противоположные выводы.

Насколько объективный, неизбежно присущий развитию человеческой цивилизации характер носит возникновение глобализационных процессов? Каковы их возможные угрозы и вызовы человечеству в целом и конкретной личности в частности?

Предметом полемики мирового научного сообщества выступают как эти, так и некоторые другие, не менее острые вопросы, позволяющие нам, оставив их за рамками данного исследования, еще раз констатировать тот простой факт, что такая спорная во всех отношениях глобализация – несомненная данность нашей эпохи, инвариант XXI века. И как показывает даже беглый, первичный обзор работ по данной проблематике, единственным столь же бесспорным аспектом глобализации является ее информационное измерение.

Действительно, возможно ли отрицать информационную революцию, совершающуюся под знаменем глобализации?

Базирующаяся на соединении компьютера с телекоммуникационными сетями, сегодня информационная революция глубинным образом трансформирует самые устои человеческого бытия. Повсеместно процессы информатизации общества существенно видоизменяют пространственно-временные способы организации социальных связей и отношений. Изменяется привычная система координат – пространство социальной жизни приобретает третье измерение, совершая переход из плоскости в стереометрию, что позволяет по-новому, легче и существенно быстрее устанавливать коммуникационные связи между различными точками земного шара. Подобный геометрический образ глобализации эффектно фиксируют такие определения как «скручивание», «свёртывание на себя», предложенные в работах П.Т. де Шардена.

Новое социальное пространство обретает очертания еще недавно столь утопического мира без границ, в котором время и расстояние во многом утрачивают свое былое значение естественных ограничителей жизнедеятельности человека. Это в немалой степени способствует интенсификации всех процессов социального взаимодействия, стремительному возрастанию скорости их протекания, в результате чего пространство общественного бытия становится все более гомогенным, уплотняясь и перемешиваясь. Сжимая время и пространство, информационная революция превращает индивидов в граждан мира, а местные, локального масштаба происшествия – в общемировые события, если и не уничтожая границы, то делая их взаимопроницаемыми «мембранами» с вполне управляемыми токами обменов.

Таким образом, со всей определённостью можно утверждать, что сегодня, когда глобализация выступает неким всеобъемлющим контекстом жизнедеятельности человечества, любое межэтническое столкновение в региональном масштабе объективно приобретает статус «глокального» этнополитического конфликта в силу ряда различных факторов, среди которых – высокая степень информатизации современного общества.

Однако, в то время, как научное сообщество в академической тиши кабинетов продолжает теоретизировать на тему объективных и закономерных свойств и качеств глобализационных процессов, буквально за окнами этих кабинетов стремительно разворачивается весьма специфический этап современной глобализации, целью которого является не просто установление Нового Мирового Порядка, но установление Мирового Господства в нем. Никоим образом не отрицая объективного характера возникновения глобализационных процессов, как естественно присущих развитию человеческой цивилизации, полагаем

очевидным субъективный характер их последующего развертывания. По сути, глобализация давно уже является беспрецедентным по масштабу и многомерности Проектом – и в этом свете вся современная международная политика представляется постоянной борьбой различных международных акторов за «пульт управления» этим проектом; то есть за любую возможность в течении как можно более длительного времени направлять его реализацию согласно своей программе и в своих целях. Совершенно очевидно, что на сегодняшний день эту борьбу убедительно выигрывают США и их союзники, являясь по сути единоличными координаторами современного этапа осуществления глобализационного проекта. Программу же, заложенную в его основании, мы предлагаем понимать как некую общезападную (в культурологическом смысле) геополитическую доктрину, берущую свои истоки еще в теориях Хартленда-Римленда, сформулированных в известных работах теоретика англо-американской геополитики и геостратегии Х. Маккиндера.

Понимаемая таким образом суть и сущность глобализации выступает, на наш взгляд, не просто наиболее точным, но по сути единственно правомерным и достоверным контекстом для разработки этноконфликтологической проблематики, поскольку позволяет с необыкновенной убедительностью обнаружить взаимосвязь между этническими конфликтами, происходящими в различных регионах планеты, и геополитическими аппетитами тех или иных держав в отношении этих регионов. Хотелось бы отметить, что в этом смысле современная конфликтологическая теория довольно заметно отстает от политической практики: прочно застолбив за собой такие, бесспорно значимые, участки работ как «разрешение», «урегулирование» и «минимизация последствий» этнического конфликта, она вдохновенно трудится, словно бы не замечая признаков жизни за их пределами: реально сложившейся уже практики провоцирования конфликтов, их сознательного конструирования в заданном режиме и активного использования в качестве инструмента утверждения частно – политических интересов. «За разговорами о демократии, мире, согласии, толерантности как – то остаются в тени, на втором плане процессы, которые в реальной политической практике определяют собой архитектонику нового миропорядка…»[3,с.16] Являясь в некотором роде «секретом Полишинеля» мировой этноконфликтологии, геополитическое измерение этнического конфликта в большинстве современных научных публикаций, особенно в англо – американской литературе, если вообще разрабатывается, то сводится в конечном итоге к своей экономической составляющей – что представляется нам не столько упрощенным по форме, сколько неверным по сути: «…экономическая эффективность в современную эпоху не является приоритетом в международных отношениях и всегда может быть принесена в жертву геополитическим интересам». [2, с.46] Между тем, в абсолютном большинстве этнических, этнополитических конфликтов постсовременности нарастание их температуры очевидно обнаруживает свою прямую зависимость от их попадания в орбиту геополитических интересов ведущих «проектировщиков» новой глобальной архитектуры мира. С учетом же «присущего глобализации феномена минимизации роли института национального государства в его внутренней политике». [4, с.53], этнические конфликты становятся не просто предлогом для стороннего вмешательства. Они превращаются по сути в предел мечтаний всякого охотника за чужим добром - универсальную отмычку, подходящую ко всем замкам. Думается, что теперь никакое суверенное государство больше не может быть уверенным в безопасности и сохранности своего права на монопольное управление своими же внутренними конфликтами. Такая «инструментализация» этнополитического конфликта, как весьма циничная тактика осуществления геополитической доктрины, вносит соответствующие коррективы в том числе и в качественную оценку международного посредничества, довольно часто определяемого сегодня как «международное пособничество». В этой связи показательна позиция американских конфликтологов Т.Гурра и Б. Харфа, предлагающих на современном этапе проектирования нового миропорядка оптимальным считать такой исход конфликта, который в первую очередь удовлетворит интересы «большинства международных акторов», и только во вторую, (и, видимо, вовсе не обязательную) очередь – интересы собственно конфликтующих сторон. Это вряд ли требует каких – либо комментариев; скажем только, что организация посредничества и переговоров по урегулированию этнополитических конфликтов сегодня вполне может рассматриваться как один из самых действенных способов его интернационализации.

Наиболее убедительной иллюстрацией вышесказанному выступает по обыкновению повседневная практика политической жизни. Хроника пятидневной Грузино-Югоосетинской войны, с цинично обряженными в саван международного права геостратегическими мотивами третьих сторон, фактически не оставляет места для дальнейших дискуссий по вопросам актуальности разработки геополитического аспекта этнополитических конфликтов. Представляется очевидным, что анализ геополитического и информационного измерений этнического конфликта, и в частности, изучение уже существующих в реальной политической практике способов его «разлокализации», должны не просто существенно расширить исследовательскую базу теоретической этноконфликтологии. В контексте современных глобализационных процессов, характеризующихся возникновением все новых вызовов как человечеству в целом, так и отдельным государствам в частности, глокальный этнополитический конфликт выступает также в качестве

актуального предмета практической деятельности как региональных, так и федеральных властных структур, призванных регулировать этнополитические процессы.

Как один из значительных эпифеноменов глобализации и ее новейший вызов, глокальный этнополитический конфликт предъявляет также и новые требования к разработке адекватной системы управления и предотвращения данного типа конфликтов. Безусловно, важнейшим таким требованием к служащим органов государственной власти и управления, занимающихся этнополитическими процессами выступает необходимость осознать, что фактически любое межэтническое столкновение в регионе неизбежно приобретает статус глокального, и только на основании своевременного признания этого простого факта и возможна выработка эффективных мер предупреждающего и регулирующего характера.

Представляется возможным сформулировать следующие предложения практической направленности, призванные повысить эффективность работы специалистов в сфере межэтнических отношений применительно к глокальному этнополитическому конфликту:

В настоящее время в УДО детей на практике применяется большое количество форм воспитательной работы, однако осуществляются они, в основном, за счет практического опыта педагогов, учителей и общественных организаторов воспитательной работы. Они, не имея достаточной теоретической базы, но, интуитивно понимая необходимость данных мероприятий, а порой и не сознавая этого, претворяют их в жизнь.

Чтобы избежать этих явлений, следует поставить этот процесс на подлинно научную основу, решение которой требует дальнейшей разработки, совершенствования, поиска новых подходов, умения отказываться от привычных, уже устаревших стереотипов, привития умений и навыков участия в управлении и самоуправлении в воспитательном процессе, широкой поддержки кружков, объединений и клубов по интересам.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** право на образование, профессиональная культура, этнокультурные традиции, нравственное воспитание.

### ЛИТЕРАТУРА

1. Всеобщая декларация прав человека, принятая и провозглашенная Генеральной Ассамблеей Организации Объединенных Наций 10 декабря 1948 г. М.,1949.- с.2-4.
2. Арипов М.А.(Орифи). История педагогической мысли таджикского народа (текст). Душанбе. 1962.–Ч.1.-2. 162 с.; Обидов И.О. История развития образования в Таджикистане. Душанбе, 1967; Криштуль М.И. Внеклассная и внешкольная работа в Таджикистане.- Душанбе, 1967. 30 с.; Кузнецова Л.М. Из опыта работы внешкольных учреждений.- Душанбе, 1971. 61с.; Кузнецова Н.А., Яковлев Д.Е. Управление методической работой в учреждениях дополнительного образования детей: Пособие для руководителей и педагогов / Под общ. ред. Н.К. Беспятовой. М.: Айрис-пресс, 2003. 96 с. (Методика); Шукурова Г. Становление и развитие внешкольных учреждений в Таджикистане в 1924-1946 г.г.: Автореф. дис. на соиск. учён. степ. канд. пед. наук. – Душанбе, 1998. – 24 с.; Фирстов В.Х. Осуществление единства воспитания и обучения в процессе внеклассной воспитательной работы: Автореф. дис. канд. пед. наук.–Душанбе, 1969. 24 с.; (продолжение) Орлова Л.А. Детское экологическое общество Таджикистана «Зумрад». Душанбе,2008. 63 с.; Орлова Л.А. Роль учреждений дополнительного образования в

формировании личности ребенка // Сегодня и завтра школы (Сб.статей).-Душанбе, 2008. Орлова Л.А. Аминов И.У. Республиканский центр Таджикистана по внешкольной воспитательной работе. Душанбе, 1977. – 74 с.

## ШАКЛҲОИ САМАРАНОКИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГИИ КӮДАКОН ДОИР БА ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭТНИКИИ ХОНАНДАГОН

Муаллиф дар ин мақола кӯшидааст, ки шаклҳои самараноки тарбияи этникии хонандагонро дар кори муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон дар Тоҷикистон нишон дода, мавқеъ ва имконияти онҳоро дар тарбияи ахлоқӣ ва инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон инъикос намояд.

## EFFECTIVE FORM ADDITIONAL EDUCATION OF CHILDREN IN DEVELOPMENT ETHNIC CULTURE

In this article the author tries to show the development of ethnic culture in children additional education and their role and capacity in intellectual and creative development of children. The article reflects the new pedagogical forms of children additional education in development of ethnic culture.

# ДИДАКТИКАИ САНҶИШИ ДОНИШУ МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН АЗ ТАЪРИХ ТАВАССУТИ САВОЛНОМАҲО

*Т.Н. Зиёев*
**Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Бо шарофати таҳаввулоти ҷадид дар фаъолияти мактаби таҳсилоти умумии кишвар, дар баробари дигар навгониҳо шаклу намудҳои гуногуни санҷиши донишу малака ва маҳорати хонандагон роҳ ёфтаанд, ки яке аз паҳншуда ва маъмултарини онҳо саволномаҳои тестӣ мебошанд. Ин намуди санҷиш аслан шифоҳӣ аст, зеро шахс аз чаҳор ҷавоби ба саволи тест додашуда якеашро интихоб мекунад ва албатта, онеро, ки дуруст мешуморад.

Истифода аз саволномаҳои тестӣ дар Тоҷикистон аввал дар макотиби миёна ва олии касбӣ оғоз шуд. Беш аз даҳ сол аст, ки хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба макотиби миёна ва олии касбӣ ҳуҷҷат супорида, дар имтиҳон ба саволномаҳои тестӣ вомехӯранд, ки аксарияти ин довталабон қаблан дар мактабҳои худ ба чунин саволномаҳо ҳеҷ гоҳ вонахӯрда буданд. Гап дар сари он меравад, ки алҳол имтиҳоноти хатмкунӣ дар макотиби миёнаи таҳсилоти умумӣ ба таври тестӣ сурат намегиранд. Барои ҳамин, имтиҳоноти тестӣ дар макотиби миёна ва олии касбӣ бозии лотереяро мемонад. Довталабон таваккалӣ дар варақаҳои пешниҳодшуда ин ва ё он ҷавоби саволҳоро қайд мекунанд.

Албатта, ҳар кори нав мушкилиҳои худро дорад. Барои ҳамин таҳиякунандагони саволномаҳои тестӣ бояд аввал қоидаҳои таҳияи ин воситаи санҷиши донишу малака ва маҳорати шогирдон ва ё довталабонро меомӯхтанд. танҳо баъд ба ин кор даст мезаданд, беҳтар мешуд. Надонистани талаботи дидактикии таҳияи саволномаҳои тестӣ тайи чанд соли охир дар макотиби касбӣ ва таҳсилоти умумии Тоҷикистон мушкилоти зиёдеро ба бор овард.

Шакли маъмултарини таҳияи саволномаҳои тестӣ дар ихтиёри омӯзгорони макотиби касбӣ ва таҳсилоти умумии мо қарордошта иборат аз он аст, ки ба саволи додашуда аз чаҳор ҷавоб танҳо як ҷавобаш дуруст ва сетои дигар комилан пешниҳод карда мешавад.

**Савол.** Сарзамини Рус кадом сол аз зери зулми мустамликавии Муғул халос шуд? **Ҷавобҳо:** А.Соли 1200. Б.Соли 1225. Соли 1375. **Г.Соли 1480.**

Чунин тартиб додани ҷавобҳо ба ин савол нодуруст аст, чунки се санаи дигар (солҳои 1200, 1225 ва 1375) ҳамчун санаҳое, ки дар таърихи муборизаи озодихоҳонаи халқи рус бар зидди истилои Муғул воқеаи муҳим рух дода бошад, ҷой надоранд. Манзури мо он аст, ки дар ин саволнома се ҷавобаш комилан дурӯғ аст, аз ин рӯ, принсипи интихоби ҷавоб оид ба мавриди саволи мазкур вайрон карда шудааст.

Ба ин гуфтаҳо алоқаманд ҷиҳати дигари манфии ин қабил саволномаҳои тестӣ он аст, ки онҳо фарогири мавзӯи алоҳида ва ё якчанд мавзӯъ набуда, асосан ягон унсури алоҳидаи ин ва ё он мавзӯъро дар бар мегиранду бас.

Таҳиякунандагони саволномаҳои тестӣ имрӯз одатан дар интихоби мавзӯи савол аҳамияти онро низ ба назари эътибор намегиранд. **Савол:** Дар Англия дар арафаи инқилоби буржуазӣ ибодатхонаи дини масеҳиро чӣ ном мебурданд? **Ҷавобҳо:** А.Хонаи ибодат. Б.Синагога. В.Монастир. **Г.Тсерков**

Аз ин саволу ҷавобҳои он хонанда чизеро аз худ карда наметавонад. Ҷавоби ин саволро дуруст гуфта тавонад ҳам, аз он муроде ҳосил намешавад, яъне хулоса баровардан мушкил аст, ки ӯ оё дар бораи Инқилоби буржуазии Англияи солҳои 1640-1649 тасаввурот дорад ё не.

Омӯзгорони макотиби таҳсилоти умумӣ ва касбӣ саволномаҳои тестиро ҳамон тавре мураттаб месозанд, ки онро аз касе шунидаанд ва ё ягон бор дидаанд, вале усули таҳияи онро ба таври бояду шояд намедонанд. Бо ҳамин сабабҳо, обрӯю эътибори санҷиши донишу малака ва маҳорати хонандагон тавассути саволномаҳои тестӣ коҳиш ёфтааст.

- Намудҳои саволномаҳои тестӣ аз фанни таърих хеле зиёданд, ки бештар ба мазмуни таҳсилоти он вобаста аст ва мақсаду вазифаҳои муайяни таълимию тарбиявиро иҷро менамоянд.

Унсурҳои муҳиме, ки ҳамаи ин шаклу намудҳои саволдномаҳои тестиро аз таърих бо ҳам муттаҳид месозанд, макон, замон, далел, воқеа, раванди таърих, гуманизм нисбат ба инсон мебошанд. Ин ҳафт унсур дар маҷмӯъ тамоми донишҳоро оид ба таърих дар алоқаи мантиқӣ бо ҳам мепайванданд.

Акнун дар асоси ин тасниф намунаи тестҳо мисол меорем.

**Аз намунаи тестҳое, ки воқеаҳои ҳаёти сиёсии давлатро ифода мекунанд. Аз таърихи умумӣ. Синфи 9.**

**Савол:** Дар интихоботи парлумонии соли 1936 дар Фаронса кадом ҷабҳа ғалаба кард? **Ҷавобҳо: А.Ҷабҳаи миллӣ.** Б.Ҷабҳаи чапгаро. В.Ҷабҳаи ростгаро. Г.Ҷабҳаи демократӣ.

Мавзӯи ин саволномаи тестӣ аз мавзӯи саволномаҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки нерӯҳои сиёсии дар оппозитсиябудаи яке аз давлатҳои мутараққии Ғарбро дар бар гирифтааст, ки дар шароити ниҳоят мушкили ин давлат ба сари қудрат омаданд ва сиёсати дохилию хориҷии онро дар як муддати кӯтоҳ бошад ҳам, тағйир доданд.

Сабаби таҳияи ин саволномаи тестӣ дорои аҳамияти калон будани ин воқеаи таърихӣ барои Фаронса мебошад. Ҷамъбасти сиёсати дохилии нерӯҳои сиёсии Фаронса, ки дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX дар сари қудрат буданд, ҷабҳаи миллиро ба миён овардааст.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки фаъолияти нерӯҳои сиёсии давлатро ифода мекунад. Аз таърихи умумӣ, синфи 11.**

**Савол:** Ҳодисаи "Уотергейт" дар кадом мамлакати Ғарб рух дод? **Ҷавобҳо:** А.Дар Англия. Б.Дар Италия. **В.Дар ИМА.** Г.Дар Фаронса.

Дар таърихи мамлакатҳои муосири ҷаҳон бӯҳронҳои сиёсӣ бисёр рух медиҳанд. Дар ин саволнома танҳо яке аз чунин бӯҳронҳои сиёсӣ инъикос ёфтааст.Метавон бӯҳронҳои сиёсии соли 1952 дар Миср, соли 1980 дар Полша, соли 1956 дар Венгрия, солҳои 1948, 1968 ва 1991 дар Чехословакия, соли 1991 дар ИҶШС ва амсоли инҳоро ном бурд. Ин ва дигар бӯҳронҳо аз ҷиҳати зоҳиршавӣ ба ҳам наздик бошанд ҳам, аз назари сабаб, мақсад ва натиҷаҳо хеле гуногунанд.

Махсусияти бӯҳрони "Уотергейт" дар он ифода ёфтааст, ки дар он ду ҳизби сиёсии Амрико ширкат варзидааст: Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон ва Ҳизби демократӣ-ҳизбе, ки дар сари ҳокимият аст ва ҳизбе, ки нисбати ҳизби ҳукмрон дар оппозитсия қарор дорад.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки воқеаҳои ҳаёти иҷтимоии давлатро ифода мекунанд. Аз таърихи умумӣ, синфи 9.**

**Савол:** Соли 1918 дар Ҷопон "Исёни биринҷ" бо кадом сабаб ба амал омад. **Ҷавобҳо:**А.Барои фаровонии шолӣ. Б.Барои аз кор баромадани манбаъҳои обёрии шолӣ. **В.Барои аз ҳад зиёд баланд шудани нархи биринҷ.** Г.Барои кам шудани воридоти биринҷ ба мамлакат.

Масъалаи иҷтимоӣ яке аз се масъалаи асосии ҳар як давлат ба шумор меравад: сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Аз ин рӯ, он дар омӯзиши фанни таърих аҳамияти калон дорад, алалхусус дар мавриди рушди демократии кишвар, ки ин фанни таълимӣ аз рӯи методологияи гуманистии тамаддунасос таълиф гардида, таълим додаю омӯхта мешавад.

Аз ин саволнома фаҳмидани хонандагон душор нест, ки дар Ҷопони ҳамонвақта, ҳангоме ки ҳокимияти давлатӣ дар ҳаққи мардуми оддӣ ғамхорие зоҳир накардааст, онҳо баҳри ёфтани қутти лоямут, яъне барои биринҷ маҷбур шудаанд, ки даст ба исён бизананд. Ҷавоб ба ин савол аз вазъи ниҳоят вазнини иҷтимоии ҷомеаи ҳамонвақтаи Ҷопон баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, махсусан аҳволи халқи заҳматкаш.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки муносибатҳои байнидавлатиро ифода мекунанд. Аз таърихи халқи тоҷик, синфи 9.**

**Савол:** 23 июни соли 1868 дар Зирабулоқ дар байни кадом давлатҳо созишнома ба имзо расид? **Ҷавобҳо:** А.Дар байни Русия ва Англия. **Б. Дар байни Аморати Бухоро ва Русия.** В. Дар байни Русия ва Афғонистон. Г. Дар байни Фаронса ва Аморати Бухоро.

Маълум аст, ки ҳар ҷанг, чи дохилӣ ва чи дар байни давлатҳо, бо имзои созишномаи сулҳ анҷом меёбад. Созишномаи сулҳи дар Зирабулоқ дар байни Амората Бухоро ва Русия баимзорасида аз ҷумлаи чунин созишномаи сулҳ мебошад.

Дар таърих дар байни давлатҳои гуногуну дутарафа ва бисёртарафа созишномаҳои бешумор таҳия ва ба имзо расонида шудаанд. Саволномаи мазкур яке аз онҳоро дар бар гирифтааст.

Ҳар як созишномаи сулҳ бо шартҳои гуногун ба имзо мерасад. Барои ҳамин, як қисми созишномаҳо ба як тараф фоида ва ба тарафи дигар зарар меоварад. Созишномаи Зирабулоқ аз ҷумлаи он созишномаҳои нобаробар буд, ки ба истиқлолияти Амората Бухоро иснод овард.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки ҳаракати миллию озодихоҳонаи халқҳоро ифода мекунад. Аз таърихи умумӣ, синфи 10.**

**Савол:** 15 августи соли 1947 Ҳиндустон аз зери зулми мустамликавии кадом империя озод шуд? **Ҷавобҳо: А.**Аз зери зулми империяи Фаронса. **Б.** Аз зери зулми империяи Португалия. **В. Аз зери зулми империяи Британияи Кабир.** Г.Аз зери зулми империяи Испания.

Ягон империяи мустамликавӣ ба мустамликаҳо ва давлатҳои тобеи худ бо ихтиёри хеш озодӣ намебахшад. Аз дунёи қадим сар карда, империяҳои мустамликавӣ ба миён омада, тараққӣ мекардаанд ва баъд рӯ ба таназзул ниҳода, ниҳоят барҳам мехӯрданд. Ин рӯйдод натиҷаи мубориза и миллию озодихоҳии халқҳои дар занҷири мустамликави буда ба вуқӯъ мепайваст.

Дар таърихи навин Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Италия, Испания, Португалия, Нидерландия, Белгия, Ҷопон, Туркия, Австро-Венгрия ва баъзе давлатҳои дигар империяҳои мустамликавӣ буданд. Як қисми онҳо дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳон барҳам хӯрданд ва дар харобаҳои онҳо давлатҳои соҳибистиқлол ба вуҷуд омаданд, аз ҷумлаи онҳо як қатор давлатҳои навакак озодгардида ба зерваколати Лигаи Миллатҳо табдил ёфтанд. Империяҳои мустамликавии дигар дар нимаи дуюми асри XX пароканда шуданд.

Саволномаи мазкур аз империяи мустамликавии Британияи Кабир ба миён омадааст, ки мустамликаи калонтарини он Ҳиндустон буд.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки хронологияи воқеа ва равандҳои гуногуни таърихиро ифода мекунад. Аз търиxи халқи тоҷик, синфи 6.**

**Савол:** Дар ҷараёни истилогариҳои арабҳо дар Мовароуннаҳр дар Суғд бо сардории кӣ шӯриш ба амал омадааст? **Ҷавобҳо:** А.Бо сардории Насри Сайёр. Б.Бо сардории Абӯмуслим. В. Бо сардории Муқаннаъ. **Г.Бо сардории Диваштич.**

Тавре ки маълум аст, дар таърих ҳодисаю равандҳои сиёсию ҷамъиятии гуногун хеле зиёд рух додаанд. Дар ин саволнома танҳо як намуди онҳо – шӯриш омадаст, ки он моҳияти озодихоҳона дорад. Барои ёфтани ҷавоби дуруст хонанда бояд аз мавзӯъҳои дигаре, ки дар онҳо се шӯриши дигар омадааст, тасаввурот дошта бошанд. Дар акси ҳол дар ёфтани ҷавоби дуруст мушкилӣ хоҳанд кашид.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки санадҳои муҳими байнидавлатиро ифода мекунанд. Аз таърихи умумӣ, синфи 10.**

**Савол:** Моҳи декабри соли 1945 дар Маҷлиси машваратии вазирони корҳои хориҷии се давлат - ИМА, Англия ва ИҶШС оид ба Чин кадом масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт? **Ҷавобҳо:** А.Масъалаи истиқлолияти давлатии Чин. **Б.Роҳи осоиштаи қатъи ҷанги дохилӣ дар Чин.** В.Масъалаи бо Чин барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ. Г.Масъалаи бо Чин ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ.

Муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ бо роҳу воситаҳои гуногун ҳаллу фасл карда мешаванд. Механизми байналмилалӣ аз ҷумлаи яке аз боэътимодтарин роҳи ҳалли мушкилот дар муносибатҳои байнидавлатии ба миёномада мебошад. Лекин дар ин саволнома сухан дар бораи масъалаи низои дохилии ҳамонвақтаи Чин маеравад, ки онро нерӯҳои сиёсии худи Чин ҳал карда натавониста буданд.

Саволнома таваҷҷӯҳи хонандагонро ба он ҷалб менамояд, ки роҳбарони давлатҳои Иттиҳоди зиддифашистӣ низои дохилии Чинро бартараф карданӣ будаанд, гарчанде ки ин кор ба онҳо муяссар нашуд. Ин як шакли миёнаравии давлатҳо дар бартараф кардани низоъҳои дохилии ин ва ё он давлат мебошад.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки паймону иттифоқҳои ҳарбиро ифода мекунанд. Аз таърихи умумӣ, синфи 10.**

**Савол:** Мамолики Ғарб бо сардории ИМА соли 1949 кадом паймони ҳарбиро ташкил намуданд? **Ҷавобҳо:** А.СЕНТО-ро. **Б.НАТО-ро.** В.СЕАТО-ро. Г.Муоҳидаи Варшаваро.

Дар таърихи башар аксар паймону иттифоқҳои ҳарбӣ нақши манфию харобкуниро иҷро кардаанд. Мавҷудияти онҳо хавфу хатари ҷангро зиёд мекунанд.Аз ин рӯ, фаъолияти харобиовар ва зиддиинсонии онҳо дар таърих қариб ҳаматарафа инъикос ёфтааст. Ҳар як паймону иттифоқи ҳарбӣ

бо ғараз ва мақсадҳои муайяни сиёсию ҳарбӣ ва иқтисодӣ таъсис дода мешавад. Саволномаи мазкур танҳо таъсисёбии НАТО-ро дар бар гирифтааст.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки пешрафти воситаҳои истеҳсолотро ифода мекунанд. Аз таърихи умумӣ, синфи 7.**

**Савол:** Аввалин корхонаи калони саноатии сармоядорӣ чӣ ном дорад? **Ҷавобҳо:** А.Устохона. Б.Дукон. **В.Мануфактура.** Г.Фабрика.

Дар таърихи башар, аз асри санг сар карда, ба пайдоиш ва такмилёбии олоти меҳнат, ихтирои олотҳои нави корӣ, аввал механикию баъд мошинӣ, ки ба тағйирёбии тарзи истеҳсолот сабаб шудаанд ва мувофиқ ба ин пешрафти олоти меҳнату истеҳсолот тақсимотҳои меҳнат ба амал омадаанд, аҳамияти калон дода мешавад.

Оид ба сатҳи пешрафти олоти меҳнат ва истеҳсолот дар аксар мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ сухан меравад. Дар ин саволнома танҳо аввалин корхонаи саноатӣ - мануфактура дар бар гирифта шудааст, ки ин беҳуда нест. Аз мануфактура сар карда, воқеан саноат тавлид ёфт ва он минбаъд тамоми муносибатҳои истеҳсолию сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаро ба куллӣ тағйир дод.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки арбобони сиёсии мамлакатҳои ҷаҳонро ифода мекунанд. Аз таърихи умумӣ, синфи 11.**

**Савол:** Солҳои 1979-1997 дар Британияи Кабир кӣ нахуствазир буд? **Ҷавобҳо:**А.Ҷон Каллаген. **Б.Маргарет Тэтчер.** В.Энтони Блэр. Г.Джон Мейджер.

Таърихи сиёсии ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, хоҳ он аз давлатҳои дунёи қадиму асрҳои миёна бошад ва хоҳ давраи наву навини таърихи ҷаҳон, аслан дар атрофи номи сардорони мамлакатҳо сурат мегирад.

Зимни ин гуфтаҳо метавон фиръавнҳои Миср, императорони Рим, шоҳаншоҳҳои Ҳахоманишиён, шоҳҳои сулолаи Сомониён, султонҳои сулолаи Усмониён, сулолаҳои королҳо ва императорони давлатҳои аврупоии асрҳои миёна ва нави Фаронса, Англия. Олмон, Русия ва ғайраро ном бурд. Дар ду асри охир бошад, вобаста ба низомҳои сиёсии давлатҳо ва конститутсияҳои онҳо роҳбарони давлатҳо мамлакатҳои худро дар вазифаи раис, корол ва ё императори ҳокимияташ маҳдуд, президент ва ё нахуствазир идора мекунанд. Ғайр аз шоҳу королҳо ва императорҳо роҳбарони сиёсии дигар ба таври демократӣ ба сари қудрат меоянд. Донистани ин шахсиятҳо ва фаъолияти сиёсии онҳо (хоҳ мусбат бошад ва хоҳ манфӣ) ба хонандагон кӯмак мерасонад, ки тафаккури таърихии худро ғанӣ гардонда, ҷараёни таърихи ин ва ё он давлатро хубтар бифаҳманд.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки ёдгориҳои меъморию ҳайкалтарошии тамаддунҳоро ифода мекунанд. Аз таърихи дунёи қадим. Синфи 5.**

**Савол:** Аҳроми бузургтарини фиръавнҳои Мисри қадим чӣ ном дорад? **Ҷавобҳо:** А. Аҳроми Ҷосер.Б. Аҳроми Яхмосси I. **В. Аҳроми Хеопс**.Г.Аҳроми Тутмоси III

Барои пайдо намудани тасаввуроти воқеӣ дар бораи ин ва ё он давлати ҷаҳон дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ, ба хусус, дар дунёи қадим ва асрҳои миёна, ёдгориҳои моддӣ ва пеш аз ҳама ёдгориҳои меъморию ҳайкалтарошӣ мақоми хоса доранд. Ҳар як ёдгории меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ, ё намудҳои дигари маданияти моддӣ нишонаҳои тамаддуне мебошанд, ки қисме аз онҳо имрӯз ҳам аз худ дарак медиҳанд ва мо аз истеъдод ва ҳунари волои он наслҳои инсон, ки садҳо ва ҳазорҳо сол қабл аз ин умр ба сар бурдаанду тамаддуни халқи худро тавлид сохтаанд, ҳайрон мешавему лаззат мебарем ва ифтихор ҳам мекунем.

**Аз намунаи саволномаҳои тестие, ки ёдгориҳои илм ва фарҳанги тамаддунҳоро ифода мекунанд. Таърихи халқи тоҷик, синфи 7.**

**Савол:** Муаллифи асари оламшумули "Алқонун фиттиб" кист?

**Ҷавобҳо:** А.Абӯрайҳони Берунӣ. **Б.Абӯалӣ ибни Сино**. В. Закариёи Розӣ. Г.Муҳаммад Алхоразмӣ.

Дар таърихи халқи тоҷик ба илм ва фарҳанги башар диққати хоса дода мешавад, аз он ҷумла,дар бораи арбобони машҳуру ҳамадон чун Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ ва Муҳаммад Алхоразмӣ. Саволномаҳо дар бораи онҳо аз аҳамияти калони осори илмии ниёгон дарак дода, дар хонандагон ҳисси ватанпарастӣ ва ифтихор аз таърихи миллати хешро афзун мегардонад.

**Саволномаҳои анъанавӣ ва таркибдор чистанд?**. Саволномаҳои анъанавӣ барои санҷиши донишу малакаи хонандагон дар даврони шӯравӣ асосан дар як шакл тартиб дода мешуданд. Онҳо ба сарлавҳаи ин ва ё он мавзӯъ хеле наздик буданд. Мутаассифона, нисбат ба ин саволномаҳо дар илмҳои педагогика ва равоншиносии педагогӣ ягон тавсияе дода нашудааст. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки ба сифату самаранокии онҳо кам аҳамият дода мешуд.

Мо ба ҷои саволномаҳои анъанавӣ саволномаҳои таркибдор мураттаб сохта, ҳардуро аз тариқи озмоиш дар мактабҳо санҷидем. Натиҷа он буд, ки саволномаҳои аз тариқи анъанавӣ

мураттабсохта на ба аксарияти хонандагон дастрас аст, чунки онҳо дуруст дарк карда наметавонанд, ки савол кадом масъалаҳои таркибии ин ва ё он мавзӯъро дар бар гирифтааст. Дарвоқеъ, хонанда масъалаҳои таркибии ҳамаи мавзӯъҳои китоби дарсиро дар хотир гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, ба саволҳо он тавре, ки омӯзгор мехоҳад, ҷавоб дода наметавонад.

**Қисмати муҳими санҷиши донишу малака ва маҳорати хонандагон баҳогузорӣ мебошад.** Бо ёрии ин баҳодиҳӣ қобилияту маҳорати зеҳниию маърифатӣ, донишу малака ва маҳорати хонандагон аз таърих санҷида мешавад.

Ин кор дар якчанд шакл сурат мегирад: 1)баҳодиҳӣ ба донишу малака ва маҳорати зеҳнии хонандагон; 2)баҳодиҳӣ ба малака ва маҳорати иртиботии (коммуникативӣ) хонандагон; 3)баҳогузорӣ ба донишу малака ва маҳорати хонандагон аз тариқи саволномаҳои тестӣ. Шаклҳои дигари санҷиши донишу малакаи хонандагон низ аз таърих вуҷуд доранд.

**Намуди аввал. Ба баҳои "5"**: а) хонанда ҷавоби супоришро меёбад ва ҷузъҳои алоҳидаи онро бо ҳам мантиқан мепайвандад; б) аз ҳамаи малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва зеҳнӣ баҳри таҳлил, баҳодиҳӣ ва хулосабарорӣ аз далелҳои додашуда истифода мебарад; в)дар асоси далелу ҷузъҳои алоҳидаи дониш хулосаҳои назариявӣ мебарорад.

**Ба баҳои "4"**: а) аксарияти нуктаю далелҳои ба масъала ва ё мавзӯъ дахлдоштаро пайдо карда, онҳоро мантиқан бо ҳам мепайвандад; б) аз малакаҳои дахлдори интиқодӣ ва зеҳнӣ барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва хулосабарорӣ аз далелҳои марбута истифода мебарад; в) ба манбаъҳои додашуда такя накарда, хулосаҳои назариявӣ мебарорад.

**Ба баҳои "3"**: а) оид ба масъала ва ё мавзӯъ далелҳои кам пайдо мекунад; б)на ҳамаи малакаи тафаккури интиқодӣ ва зеҳниро барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва хулосабарорӣ аз далелу нуктаҳои додашуда истифода мебарад; в) ба манбаъҳои додашуда ба таври бояду шояд такя карда, хулосаҳои нопурра мебарорад.

**Ба баҳои "2"**: а) барои саволу супориш ва ё мавзӯъ ҷавоби кам ва ноқис меёбад ва аксарияти онҳоро сарфи назар мекунад; б)малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва зеҳниро барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва хулосабарории умумӣ ноқис ё нодуруст истифода мебарад; в)ба манбаъҳои додашуда такя карда бошад ҳам, аз онҳо хулосаҳои нодуруст мебарорад.

**Ба баҳои "1"**: а) мавзӯъро тамоман намедонад ва ба ягон саволи пешниҳодшуда ҷавоб дода наметавонад; б)ягон манбаи муҳимеро, ки ба саволу супориш ва ё мавзӯъ дахл доранд, намеёбад; в) малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва зеҳнӣ надорад; г)хулосаҳо саҳеҳ нестанд ва ё умуман вуҷуд надоранд.

**Намуди дуюм.** Ин намуди баҳодиҳӣ малакаи фикру андешаи худро дар шаклҳои хаттӣ ва шифоҳӣ ифода карда тавонистани хонандагонро муайян месозад. Дониш, малака ва қобилияти тафаккури мантиқӣ дар мавридҳои иштирок дар муаррифии шифоҳӣ, хаттӣ, тасвирӣ, саҳнавӣ намоиш дода мешаванд.

**Ба баҳои "5"**: а) ғояҳо ва далелҳо бо ҳамон тарзе пешниҳод мегарданд, ки онҳо дар бораи васеъ ва амиқ донистани мавзӯъ ва қобилияти тафаккури мантиқӣ доштан шаҳодат медиҳанд; б) мавзӯи муаррифӣ дақиқ муайян гардида ва коркард шудааст; в) меъёрҳои қабулгардидаи рафтор муаррифӣ ва риоя карда мешаванд.

**Ба баҳои "4"**: а)аксар ғояҳо дар чунин муаррифие пешниҳод карда шудаанд, ки дар бораи дониши чуқури хонанда оид ба мавзӯъ ва қобилияти ба таври мантиқӣ фикр кардани ӯ шаҳодат медиҳанд; б)мавзӯи муаррифишуда дақиқ муайян ва хуб таҳия карда шудааст, лекин якчанд ноҳамоҳангӣ дар гузориш ба назар мерасад; в) муаррифӣ ба қисматҳо тақсим карда шуда ва хуб дода шудааст; г)ҳангоми муаррифӣ меъёрҳои аз тарафи умум қабулгардидаи рафтор вомехӯранд.

**Ба баҳои "3"**: а)танҳо баъзе ғояҳо дар муаррифӣ ба ҳамон тавре пешниҳод гардидаанд, ки онҳо дар бораи донишҳои сатҳӣ доштани хонанда оид ба мавзӯъ ва қобилияти тафаккури мантиқии ӯ шаҳодат медиҳанд; б) мавзӯи муаррифӣ носаҳҳеҳ муайян карда шуда, чандон хуб коркард нашудааст; в) муаррифӣ ба таври хуб ташкил карда нашудаст; г)дар муаррифӣ ба меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшуда он қадар аҳамияти зарурӣ дода нашудааст.

**Ба баҳои "2"**: а) аксарияти ғояҳо дар муаррифӣ носаҳеҳ инъикос ёфтаанд; б)мавзӯи муаррифӣ дақиқ муайян карда нашуда, бо сифати паст коркард шудааст; в) дар муаррифӣ меъёрҳои аз тарафи умум қабулкардаи рафтор хеле зиёд вайрон карда шудаанд.

**Ба баҳои "1"**: а)кулли ғояҳо дар муаррифӣ носеҳеҳ инъикос ёфтаанд; б) муаррифӣ ниҳоят бад ташкил карда шудааст; в) меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи рафтор дар доир кардани муаррифӣ риоя карда нашудаанд.

**Эзоҳот.** Ду намуди дар боло овардашудаи санҷиши донишу малака ва маҳорати хонандагон бештар ба синфҳои болоӣ дахл дошта, аз замони шӯравӣ дарак медиҳад. Барои ҳамин, онҳо аз назари гуманизатсияю демократикунонии ҷараёни таълиму омӯзиши фанни таърих ва мақоми омӯзгору

хонанда дар он ислох мехоҳанд. Ин намудҳои санҷиш ба омӯзгор афзалияти фармонфармоӣ дода, имкониятҳои баёни хонандаро маҳдуд месозанд.

**Намуди сеюм.** Он вобаста ба маводи омӯхташуда оид ба ягон мавзӯъ, қисмат ё тамоми фан (курс) иборат аст. Бо худи ҳамин сабаб шумораи саволномаҳо гуногун мешаванд. Ченаки асосии сифати донишу малака ва маҳорати хонандагон аз рӯи санҷишҳои тестӣ интихоби ҷавоби дуруст аз ҷумлаи ҷавобҳои ба савол додашуда мебошад. Мо талаботро ба баҳогозурӣ ба донишу малака ва маҳорати хонандагонро дар мисоли 50 саволномаи тахминии тестӣ нишон медиҳем (бо сабабҳои дар боло зикрёфта шумораи саволномаҳо гуногун буда метавонад):

**Баҳои "5"** ҳамон вақте гузошта мешавад, ки агар хонанда ҷавоби дурусти аз 85 то 100 % саволномаҳоро интихоб карда бошад. Яъне аз 50 саволнома ӯ набояд аз 43 ҷавоби дуруст камтар дошта бошад.

**Баҳои "4"** ҳамон вақте гузошта мешавад, ки агар хонанда ҷавоби дурусти аз 65 то 85 % саволномаҳоро интихоб карда бошад. Яъне аз 50 саволнома ӯ набояд камтар аз 33 ҷавоби дуруст дошта бошад.

**Баҳои "3"** ҳамон вақте гузошта мешавад, ки агар хонанда ҷавоби дурусти аз 45 то 65 % саволномаҳоро интихоб кардааст. Яъне аз 50 саволнома ӯ набояд камтар аз 23 ҷавоби дуруст дошта бошад.

**Баҳои "2"** ҳамон вақте гузошта мешавад, ки агар хонанда ҷавоби дурусти аз 25 то 45 % саволномаҳоро интихоб кардааст. Яъне аз 50 саволнома ҷавобҳои дурусти ӯ аз 13 то 23 -торо ташкил кардаанд.

**Баҳои "1"** ҳамон вақте гузошта мешавад, ки агар ҷавобҳои дурусти аз 25 % камтарро интихоб кардааст. Яъне аз 50 саволнома ҷавобҳои дурусти ӯ аз 1 то 13 – торо ташкил кардаанд, ё ки хонанда ҷавоби дурусти ягон саволномаро наёфтааст.

Аз рӯи саволномаҳои тестӣ ба донишу малака ва маҳорати хонандагон ҳам аз рӯи низоми 5-балӣ ва ҳам100-холӣ баҳо гузоштан мумкин аст, вале баҳогузории охирин бештар қобили қабул аст, лекин он дар мактабҳои кишвари мо ҳанӯз қабул нашудааст.

**Эзоҳот.** Бо дарназардошти риояи меъёрҳои баҳогузорӣ ба донишу малака ва маҳорати хонандагон омӯзгор ва ё шахси дигари амаликунандаи санҷиш бояд хусусиятҳои курси таърих ва ҳар як гурӯҳи синнусолии (хурди мактабӣ; наврасӣ: хурди наврасӣ, калони наврасӣ; ҷавонӣ) хонандагонро ба назари эътибор бигирад.

Бояд эътироф кард, ки ягон меъёри санҷиши донишу малака ва маҳорати хонандагон қотеан ҳама ҷиҳат ва паҳлуҳои ин проблемаи мушкили педагогиро дар бар гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, дар ин кор масъулияти омӯзгори фанни таърих хеле баланд аст.

Солҳои 1997 – 2006 масъалаи меъёрҳои донишу малака ва маҳорати хонандагон аз таърих ва баҳогузорӣ ба онҳо аз тариқи саволномаҳои таркибдор ва тестӣ дар литсей – интернатҳои муштараки тоҷикию туркии воқеъ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Турсунзода ва мактаби байналмилалии воқеъ дар шаҳри Душанбе мавриди озмоиш ва истифодаи васеъ қарор гирифт ва натиҷаи мусбат ҳам дод. Муаллифи мақола ин корро дар аввал ҳамчун омӯзгор дар ЛИМТТ ба номи Ҳоҷӣ Камол ва Мактаби байналмилалӣ ва баъд ҳамчун мушовири фанҳои ҷомеашиносӣ дар Дафтари ин таълимгоҳҳо ба иҷро расонидааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** дарсҳо аз фанни таърих, дидактикаи санҷиш, меъёрҳои донишу малака, саволномаҳои тестӣ,.

## АДАБИЁТ


1. Зиёев Т.Н. Таърихи дунёи қадим. Синфи 5. –Душанбе, Сарпарсст, 2005. – 272 с.
2. Зиёев Т.Н., Шарифов Р.Я.Таърихи асрҳои миёна.Синфи 6–Душанбе, Сарпараст, 2005. -288 с.
3. Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 7. –Душанбе, Матбуот, МТЛ ОПЕК, 2003. -320 с.
4. Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 8. –Душанбе, Сарпараст, 2002. -336 с.
5. Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 9 –Душанбе, Сарпараст, 2002. -208 с.
6. Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 10. –Душанбе, Собириён, 2005. -208 с.
7. Мухторов А. Таърихи халқи тоҷик.. Синфи 8. –Алмати, Атамура, 2000 –148 с.
8. Набиева Р.А., Зикриёев Ф.Б. Таърихи халқи тоҷик. Синфи 9. –Душанбе, Пак Офсет. -128 с.
9. Набиева Р.А., Зикриёев Ф.Б.Таърихи халқи тоҷик.Синфи 11–Душанбе, Собириён, 2006. -192
10. Хоҷаев С. Таърихи халқи тоҷик. Синфи 7. –Душанбе, Сарпараст, 2002. –192 с.
11. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Синфи 10. –Душанбе, Собириён, 2005. –192 с.
12. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Синфи 9. –Душанбе, МТЛ ОПЕК, 2000. –312 с.
13. Яъқубов Ю.Таърихи қадими халқи тоҷик. Синфи 5. –Алмати, Атамура, 2000. -216 с.
14. Яъқубов Ю.Таърихи халқи тоҷик.Синфи 6,Душанбе, PLEIADES PUBLISHING Ins, 2001.-224 с.

**ДИДАКТИКА ПРОВЕРКИ ЗНАНИЙ, УМЕНИЙ И НАВЫКОВ УЧАЩИХСЯ ПО ИСТОРИИ С ПОМОЩЬЮ ТЕСТОВЫХ ВОПРОСОВ**

В статье излагается теория и практика проверки знаний, умений и навыков учащихся в преподавании школьной истории. Написание данной статьи вызвано тем, что в разработке тестовых вопросов учителями и преподавателями общеобразовательных и профессиональных учебных заведений республики наблюдается некоторая неопытность, что отрицательно повлияло на качество исторического образования учащихся.

**DIDACTIC OF STUDENTS' KNOWLEDGE AND SKILL TESTING THROUGH QUESTIONNAIRE**

The article provides theory and practice of testing students' knowledge and skills in teaching History at schools. Development of this articlewas due to development of test questions by general and professional schools teachers practiced as incompetence that negatively impacts quality of historic education of the students.

# АТТЕСТАЦИЯ СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ И ЕЁ ПРОБЛЕМЫ

***Ш. Рахмонов, У.З. Зубайдов***

**Государственная служба по надзору в сфере образования РТ**

Распад Советского Союза и образование суверенного государства Таджикистан, переход его на рыночные отношения произвели в экономической, политической, социальной и культурно-нравственной жизни таджикского народа существенные изменения.

Эти изменения особенно ярко проявляются в системе образования Республики Таджикистан.

Если в годы правления Советской власти, в результате установления единой общесоюзной системы образования, с центром в городе Москве во всех школах Союза, в том числе в школах Таджикистана действовали единые стандарты, учебники, учебные программы, учебные и наглядные пособия с одинаковым содержанием и идейной направленностью, в которых национальные особенности республики не учитывались, то после достижения республики своей независимости и самостоятельности Таджикистан в соответствии с требованиями нового времени самостоятельно стал определять свою экономическую и культурно-образовательную политику, что привело к формированию новой образовательной системы, учитывающей как социально-экономические условия развития страны, рост национального самосознания, состояние образовательного потенциала и образовательного спроса, так и требования мировых образовательных стандартов и общечеловеческих ценностей по обучению и воспитанию подрастающего поколения.

За небольшой исторический срок, всего 18 лет самостоятельного существования и развития в Таджикистане смогли подготовить и ввести в действие Закон Республики Таджикистан «Об образовании» в двух редакциях (первая от 27.12.1993 г., вторая редакция от 14.04.2004 г.), национальная концепция образовательных учреждений Республики Таджикистан, национальная концепция воспитания, государственные стандарты высших и средних профессиональных образовательных учреждений Республики Таджикистан, Положения о детских дошкольных, средних, общих и высших образовательных учреждениях и специально начальных и средних профессиональных образовательных учреждений Республики Таджикистан.

В числе принятых нормативно-правовых документов в сфере образования следует также указать на нормативы по определению статуса начальных, средних и высших профессиональных образовательных учреждений, и проведению самоаттестации средних, высших и послевузовских профессиональных образовательных учреждений, методики пользования технологией дистанционного обучения и ряда других документов, необходимых для наведения порядка в организации обучения и воспитания подрастающего поколения.

В соответствии с принятыми документами ныне в образовательной системе Республики Таджикистан функционируют 9-летняя основная общеобразовательная школа, среднее общедоступное образование с гуманитарным, естественно- математическим и общеобразовательным направлениями, новые виды и типы средних общеобразовательных и профессиональных учреждений типа лицеев, гимназий и колледжей, высшее и послевузовское образование по специальностям, а также негосударственные, частные и акционерные образовательные учреждения и т.д. Разрешены также и новые современные формы приобретения образования путем экстерната, дистанционного обучения и другие формы.

Теперь при подготовке учебников и учебно-наглядных пособий, организации обучения и воспитания подрастающего поколения особое внимание уделяется особенностям национальных традиций, педагогическим ценностям предков таджикского народа и человечества в целом, формам контроля за качеством образования путем проведения аттестации, государственной аккредитации и лицензирования образовательных учреждений. Особое внимание уделяется вопросам демократизации управления образовательным процессом и диверсификации типов и вводов учебных заведений и учебных программ. В настоящее время во всех видах и типах образовательных учреждений учащиеся и студенты воспитываются на принципах человеколюбия, т.е. гуманизма, в учебных заведениях запрещена деятельность организационных структур политических партий и движений.

Но для успешного осуществления образования органам управления Республики Таджикистан необходимо устранить ряд имеющихся серьезных преград, главной из которых являются нерешенность социально-педагогических проблем среднего профессионального образования, проявляющаяся не только в отсутствии научного обоснования организации учебно-воспитательного процесса в средних профессиональных учебных заведениях и необходимых учебно-методических разработок, учитывающих специфику и особенности подготовки кадров среднего звена, рекомендующих взвешенный подход к использованию опыта прошлого, в особенности советского периода в подготовке кадров среднего звена, но и в неразработанности необходимых нормативно-правовых документов по ряду проблем среднего профессионального образования, определяющих основные требования по организации учебно-воспитательного процесса в средних профессиональных образовательных учреждениях, в отсутствии соответствующих учебников и учебно-методических и наглядных пособий на государственном таджикском языке.

В настоящее время специально по среднему профессиональному образованию из числа нормативно-правовых документов разработан и издан лишь небольшой перечень документов. К ним относятся Положение об аттестации начальных и средних профессиональных образовательных учреждений, порядок проведения лицензирования начальных и средних профессиональных образовательных учреждений и нормативы по определению статуса среднего профессионального образовательного учреждения.

Предстоит прилагать большие усилия в том, чтобы в ближайшее время разработать и утвердить новый единый государственный стандарт по среднему профессиональному образованию, который по каждому виду и типу среднего профессионального образовательного учреждения в соответствии с его спецификой должен точно установить соотношение изучаемых предметов по циклам наук (общеобразовательным, общее специальное и специальным дисциплинам) с указанием конкретного объема учебных часов, лекционных и практических занятий.

Аттестация среднего профессионального образовательного учреждения акция весьма ответственная. Она призвана определить действительное положение дела в среднем профессиональном образовательном учреждении, качество преподавания дисциплин, уровень знаний обучающихся по изучаемым предметам, соответствие педагогов и мастеров производства занимаемым должностям, качества их работы и многое другое. И все это в среднем профессиональном образовательном учреждении имеет свои специфические особенности, связанные как с типом учреждения (техникум, училище, колледж), так и с национальным, обусловленные культурно-образовательной средой и базовым общеобразовательным уровнем знаний поступающих абитуриентов.

Трудности решения этих вопросов значительно затруднены тем, что средние профессиональные образовательные учреждения Республики Таджикистан по своим материально-техническим базам не отвечают современным требованиям, учебный процесс не обеспечен полностью соответствующими педагогическими кадрами и мастерами производства, низко качество подготовки и уровень знаний обучающихся, отсутствует опыт работы по организации мониторинга качества и т.д.

При нынешнем ускоренном темпе строительства новых современных малых, средних и крупных предприятий и других объектов хозяйства, нацеленных на применение новой современной техники и технологии производства и использования, как правило, специалистов средней квалификации, понятно что существующие средние профессиональные образовательные учреждения со своими устаревшими учебными материально-техническими базами и остаточным коммунистическим мировоззрением и советским образом мышления, большинство преподавательского состава и мастеров производства, считающих советскую школу самой лучшей и образцовой и отвергающих все западное в системе образования и т.д., то надо полагать, что проблемы перед работниками органов образования республики по осуществлению реформы системы среднего профессионального образования стоят немалые.

Все это, несомненно откладывает свой отпечаток и оказывает негативное влияние на результативность принятых и принимаемых решений по реформе образовательной системы. Особую озабоченность вызывает слишком замедленный темп реформы системы образования, которая продолжается почти 15 лет, а желаемых результатов пока что недостаточно.

Между тем жизнь требует полной реорганизации системы образования, науки и подготовки кадров. Страна остро нуждается в квалифицированных специалистах средней квалификации, отвечающих требованиям новой системы – рыночной экономики. Очень важно в этой связи иметь в республике четкую перспективу развития экономики страны по отраслям хозяйства, количество необходимых специалистов средней квалификации по каждому предприятию и району и на этой основе составить конкретные планы подготовки специалистов среднего звена как в республике, так и за её пределами. Необходимо также отказаться от практики подготовки кадров по госбюджету и переходить на подготовку их преимущественно на заказных началах. Только в этом случае можно **добиться высокой** ответственности как молодого специалиста, обязанного нести моральную и материальную ответственность перед предприятием, финансировавшим его учебу, так и руководителей предприятий, призванных проявить заботу о молодых специалистах не только в плане финансирования их учебы в средних профессиональных образовательных учреждениях, но и по обеспечению их жилищными условиями.

Подготовка высококвалифицированных, грамотных и мобильных специалистов средней квалификации во многом зависит от уровня подготовки преподавательских кадров и мастеров производства, и их качества работы, которое должно соответствовать государственному стандарту среднего профессионального образования, который в настоящее время в Республике Таджикистан пересматривается в связи с новыми требованиями времени.

Для современного этапа мирового научно-технического прогресса характерно коренное изменение роли и значения человеческого фактора в экономике и обществе. Человеческий капитал становится важнейшим фактором экономического роста и поэтому перед системой образования стоит наисложнейшая задача – подготовить специалистов, отвечающих всем качественным требованиям современного быстро изменяющегося мира и общества.

Именно это имел ввиду Президент республики Таджикистан Эмомали Рахмон когда говорил, что «Весь прогресс общества, устойчивое экономическое развитие, обеспечение национальной и экономической безопасности и в целом достижение мирового уровня экономики и техники, технологии, науки и культуры, прежде всего зависят от стабильного развития образования и организации последовательного и качественного процесса обучения граждан Таджикистана. Прогресс и развитие страны напрямую связаны с усилиями созидательного и творческого поколения. Поэтому, если сегодня мы не подойдем ответственно к воспитанию образованных, грамотных и преданных наследников традиций своей нации и Родины, наша национальная гордость будет поверхностной и ограничится лишь именами и достижениями наших великих предков».[1]

Сказанное выше целиком и полностью относится и к подготовке специалистов среднего звена.

Формирующийся опыт по осуществлению государственно-общественного контроля за деятельностью средних профессиональных учебных заведений и качества работы их преподавательского состава и мастеров производства свидетельствует о том, что в этих учебных заведениях наряду с общим есть и особенное, порождаемое не только типологической спецификой, но и своеобразием культурно-образовательной среды, в которой протекает деятельность образовательных учреждений. Средние профессиональные образовательные учреждения Республики часто оказываются не в состоянии выполнить ряд лицензионных нормативов, не всегда способны обеспечить необходимое качество подготовки специалистов среднего звена. Все это происходит в результате отсутствия необходимого количества педагогических кадров и мастеров производства с соответствующими образованиями и нужной квалификацией, а также неудовлетворительной обеспеченностью учебного процесса соответствующими учебно-методическими материалами и нормативными документами.

Все изложенное требует безотлагательного ответа на следующие вопросы: как наилучшим образом организовать аттестацию средних профессиональных образовательных учреждений? Какие технологии лучше всего и удобнее всего применять и как подобрать измерителей оценки качества деятельности среднего профессионального учреждения? Каковы функции экспертов и других членов аттестационной комиссии? Каково в условиях средних профессиональных учреждений предназначение аттестации? По аким признакам можно судить, что аттестация прошла успешно и оказалась полезной для средних профессиональных образовательных учреждений?

Говоря об аттестации средних профессиональных образовательных учреждений Республики Таджикистан необходимо прежде всего напомнить, что с переходом ряда ведущих стран мира к массовой аттестации и аккредитации образовательных учреждений в мире начали формироваться две точки зрения: согласно первой точки зрения аттестация это формальный элемент системы управления образованием.[2] Отчасти с этим нельзя не согласиться, ибо успешное прохождение образовательного учреждения аттестации действительно во многом зависит от того какие нормативы установил законодатель. В ныне действующих нормативно-правовых документах в сфере образования Республики Таджикистан действительно установлены крайне низкие нормативы, согласно которым учебное заведение может считаться

аттестованным, если хотя бы половина его выпускников в течение последних трех лет предшествовавших аттестации имеют положительные результаты итоговой аттестации.

Такой подход к аттестации учебного заведения понятно, что ведет не к мобилизации коллектива учебного заведения к добросовестной и ответственной работе, а напротив приведет к расхолаживанию и безответственности всех работников и студентов образовательных учреждений.

Согласно другой точки зрения аттестацию и государственную аккредитацию образовательных учреждений следует использовать в качестве реальных инструментов управления развитием образования.[3] Именно такой подход к аттестации и аккредитации в нынешних условиях Республики Таджикистан как раз является более рациональным и полезным. Ибо он действительно может стать действенным стимулом для саморазвития и самосовершенствования учебного заведения, самосохранения работников, преподавателей и мастеров производства и повышения качества образования в целом.

О низком, порою неудовлетворительном уровне знаний обучающихся в средних профессиональных образовательных учреждениях Республики Таджикистан ярко свидетельствуют итоги проведенной аттестации за последние 8 лет. За период с 2001 по 2009 годы Государственной службой по надзору в сфере образования Республики Таджикистан проведена аттестация в 63 средних профессиональных образовательных учреждениях. Из них признаны аттестованными 30 (48%) средних профессиональных образовательных учреждений. Остальная часть образовательных учреждений или аттестованы условно 12 (19%), или прикреплены к соответствующим вузам 13 (21%), или вообще закрыты как не отвечающие требованиям государственного стандарта образования 8 (12%).

По проблемам аттестации, государственной аккредитации и лицензирования образовательных учреждений в России изданы множества нормативно-правовых документов и исследовательских работ.[4] Начиная со второй половины 1996 г. и в Республике Таджикистан также приняты меры по разработке собственных нормативно-правовых документов и исследовательских работ.[5]

Изучение вышеуказанных нормативно-правовых документов и исследовательских работ показывает, что в Республике Таджикистан по осуществлению реформы образования, особенно среднего профессионального образования еще не все сделано. В сфере среднего профессионального образования Республики Таджикистан для приведения его в соответствие к требованиям мировых стандартов и обеспечения его соответствующими нормативно- правовыми документами, предстоит сделать немалое. Первое, что необходимо сделать-это глубоко и всесторонне с позиции современных требований проанализировать действующие в средних профессиональных образовательных учебных заведениях учебных планов, образовательных программ, учебников и учебно-методических пособий по организации учебного процесса и подготовки кадров среднего звена и привести их в соответствии с требованиями времени, установить необходимое соотношение между изучаемыми учебными предметами (общеобразовательных, общественных и специальных) как в количестве, так и в объеме учебных часов, определить необходимое количество зачетов и экзаменов–иначе говоря заново на основе современных требований мирового и республиканского стандартов о среднем профессиональном образовании составить и утвердить учебные планы, программы, учебники и пособия на государственном (таджикском) языке. При определении специальностей очень важно исходить из потребностей Республики Таджикистан в тех или иных специалистах, поставить во главе угла возрождение национальных видов профессий и современных требований на подготовку специалистов по новым технологиям производства. И наконец, надо изучить и теоретически обобщить имеющийся в Республике Таджикистан и стран СНГ научную, методологическую, историческую и философскую литературу о роли и месте образования в развитии общества, проанализировать действующие в средних профессиональных образовательных учреждениях нормативно-правовых документов и разработать конкретные рекомендации по повышению качества образования и подготовки кадров среднего звена в средних профессиональных образовательных учреждениях, твечающих современным мировым стандартам и национальным потребностям, установить основные критерии анализа и оценки деятельности аттестуемого образовательного учреждения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** система образования Республики Таджикистан, аттестация начальных и средних профессиональных образовательных учреждений, реорганизация системы образования , науки и подготовки кадров, управление развитием образования.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Эмомали Рахмон. Образование есть основа укрепления и спасения нации. – Душанбе, 2006, с.52.
2. Аверкин В.Н., Зайченко О.М. Аттестация и государственная аккредитация образовательных учреждений в территориальной системе образования. М., 2006, с.5.
3. Там же с.5.
4. Аверкин В.Н., Зайченко О.М. Аттестация и государственная аккредитация образовательных учреждений в территориальной системе образования.М.,2006,176 с.; Андреева В.В., Гаврилин А.В. Технология аттестации образовательных учреждений. Сборник научно-

методических и инструктивных материалов. М.,2003,183 с.; Андреева В.В., Гаврилин А.В., Колпачкова Г.С. Региональная система аттестации инновационных образовательных учреждений. Методические рекомендации.–Владимир, ВОИ УУ, 1996; Дик Н.Ф. Лицензирование, аттестация и аккредитация образовательного учреждения.–Ростов на Дону, 2006, 277 с.; Кузибецкий А.Н. Аттестация сельской школы.–М. ВЛАДОС, 2002, 142 с.; Литвиненко Э.В., Сергеева М.А., Нечаев М.П. Экспертное оценивание в лицензировании и аттестации образовательных учреждений и управленческих кадров.-М., 2008, 170 с.; Логинова Л.Г. Аттестация и аккредитация учреждений дополнительного образования детей.-М., ВЛАДОС, 1999; Майёров А.Н. Мониторинг в образовании.–Спб, 1998 и др.

5. Атахонов Т. Чанд мулоҳиза оид ба аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ // «Адаб», 2002, №5, с.36-40; Кабутов Д., Нигматов И.И. Опыт лицензирования, аттестации и аккредитации учебных заведений в Республики Таджикистан // Система оценки качества образования в странах СНГ и Балтии. Материалы международной научно-практической конференции.–М., 2003, с.55-58; Кабутов Д., Сангинов А. Идоракунӣ ва назорати касбии муассисаҳои таълимӣ.–Душанбе, 2004, 64 с.; Катаев А.Х., Шоев Н.Н. Методологические и этические аспекты разработки и внедрения новых образовательных технологий в системе высшего образования.–Душанбе,2002,187 с.; Мулоев А. Дастовард ва мушкилот дар роҳи татбиқи ислоҳоти таҳсилоти олии касбӣ // Мактаб ва ҷомеа, 2005, №1 (6); Рахмон Э. Образование есть сонова укрепления и спасения нации.–Душанбе, 2006; Шарифов З. Ислоҳоти маориф: пешравӣ, мушкилот ва пешниҳодот.–Душанбе, 2006, 40 с.

**АТТЕСТАТСИЯИ МУАССИСАҲОИ МИЁНАИ КАСБӢ ВА МАСОИЛҲОИ ОН**

Аттестатсияи муассисаҳои миёнаи касбӣ масъалаи басо мураккаб ба шумор меравад. Мақолаи мазкур ба омӯзиши масоили мазкур бахшида шудааст.

**THE ATTESTATION OF MIDDLE PROFESSIONAL'S SCHOOLS AND ITS PROBLEMS**

The attestation of middle professional's schools action all of were responsibilities. The article is devoted about the given problems.

# ТРУДОВОЕ ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ НА ОСНОВЕ ТРУДОВЫХ ТРАДИЦИЙ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

***Н. Рахмонова***

**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

В проведении нестандартных уроков географии учителю необходимо обладать нравственными человеческими качествами и быть хорошим организатором, умело регулирующим и направляющим взаимоотношения, деятельность детей и взрослых в коллективе. Потому что педагогическая деятельность именно педагога немыслима без нравственной чистоты, стремления к творческому труду, любви к детям, единства слова и дела, инициативы и ответственности, требовательности к себе и товарищам.

К выбору форм работы педагог подходит творчески, с учетом условий жизни школы, возможностей и особенностей детей, содержания детской жизни, которую предстоит вместе с детьми осмысливать, анализировать, обобщать и корректировать. Во время проведения нестандартных уроков учитель географии определяет особое внимание на учащихся и условия, в которых они учатся. И смотря на это, выбирает методы и формы обучения так, чтобы все ученики были активными в процессе урока.

Требования к современному нестандартному уроку по географии, реализация дидактических принципов научности, доступности, наглядности, требования к практической направленности, учёт возрастных особенностей учащихся при подготовке и проведении нестандартного урока от учителя географии требует, ответить на такие вопросы:

-Каким должен быть современный учитель?

-Как мы выполняем программные требования по географии?
-Как учим, развиваем и воспитываем детей на уроках географии?
-Как мы используем краеведческий материал на уроках географии?
-Как предупредить неуспеваемость и отставание учащихся на уроках географии?
-Как мы активизируем познавательную деятельность учащихся в процессе изучения нового материала, во время слушания, при проверке и оценке знаний учащихся и в домашних работах?

На уроках географии содержание воспитательной работы направлено на индивидуальное развитие способностей ученика и создание базы для осуществления данной цели. Основной целью является обеспечение интернационального воспитания, нравственного становления, духовного развития учащихся, воспитания уважительного отношения к другим народам и странам, к обществу, труду, к природе, к бесценным богатствам науки и культуры, к национальным традициям, готовности к защите Родины.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** нестандартные уроки географии, требования к современному нестандартному уроку по географии.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Концепция общего среднего образования Таджикской ССР. - Душанбе, 1990. 56 с.
2. Крутецкий В.А., Основы педагогической психологии. - Москва: Просвещение, - 1972. - 254 с.
3. Педагогика: Учебное пособие для студентов педагогических вузов и педагогических колледжей; под ред. П.И. Пидкасистого. - М.: Педагогическое общество России, 2003. – 608 с.
4. Степанов П.В., Как создать воспитательную систему школы: возможный вариант: Учебное пособие. – М.: Педагогическое общество России, - 2005. - 64 с.
5. Шарифзода Ф., Каримова И., «Педагогика» (курс лекций). Душанбе: «Ирфон», 2008. – 284 с.
6. Урок - основная форма организации учебно-воспитательного процесса в общеобразовательной и профессиональной школе; под ред. Буйдакова Х. - Душанбе, 1989. - 51с.



**ДАРҲСОИ ҒАЙРИСТАНДАРТӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН**

Дар мақола мавод оид дарҳсои ғайристандартӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбии шахсияти хонандагон пешниҳод шуда, аҳамияти он дар ташаккулёбии шахсияти хонандагон нишон дода шудааст. Чунки дар вақти гузаронидани дарсҳои ғайристандартӣ хонандагон фаъол гардида, қобилияти эҷодии онҳо инкишоф меёбад. Омӯзгор чунин шароитеро ба вуҷуд меорад, ки хонандагон ҳис намоянд, ки омӯзиш ва тараққиёти шахсияташон аз кӯшишу ғайрати онҳо вобаста аст.

**SUBSTANDARD LESSONS OF GEOGRAPHY AS MAIN INDIVIDUAL FORMING OF STUDENTS**

In item introduce materials about "Substandard lessons of geography as main individual forming of students" and main meaning in behavior of individual forming of students. Cause during substandard lessons students become more active and this method help to improve their innovative ability. During substandard lessons teacher must create such conditions that students get that their knowledge depend of their attempts


# АЛОҚАМАНДИИ ҚОБИЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ БО ХУСУСИЯТИ СИННУСОЛИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ


***К. Парпишоев***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Қобилияти маърифатӣ ва хусусияти синнусолии хонандагони синфҳои болоӣ дар маркази назарияи дидактикаи муосир мебошад. Қобилияти маърифатӣ ҳамаи мақсадҳои дарс: таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофӣ (ташаккулдиҳӣ) – ро дар бар мегирад.

Дар ҳамаи намуди муассисаҳои таълимӣ раванди таълиму тарбия омили асосии ташаккули шахсияти хонанда ба ҳисоб меравад. Дар он ҷо ҳама чиз: шахсияти муаллим, мазмун, принсип, метод, шакл ва воситаҳои таълим, муносибати байни муаллиму хонанда ва ғайраҳо ба ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон таъсир мерасонад.

Масъалаи алоқамандии қобилияти маърифатӣ ва хусусияти синнусолии хонандагон дар назарияи қобилият мавқеи махсусро ишғол карда, предмети омӯзиши илмҳои педагогика ва психологияи муосир низ ба ҳисоб меравад. Ин илмҳо исбот намуданд, ки дар баробари дигар омилҳо, ташаккули қобилияти маърифатӣ аз синну соли хонандагон низ вобастагӣ дорад. Бо иваз шудани синну сол қобилияти маърифатии хонандагон сифатан тағйир меёбад. Синну соли калони мактабӣ тақрибан наврасони синни 16 -18 сола - хонандагони синфҳои 10 -11-ро дар бар мегирад. Шароитҳои нави ҳаёт ва фаъолият мавқеи хонандагони синфҳои болоиро дар ҷомеа тағйир медиҳад. Тафовути

талаботи ҳаётии ин гурӯҳи хонандагон аз талаботи ҳаётии одамони калонсол кам фарқ мекунад. Мавқеи шаҳрвандии хонандагони синфҳои болоӣ низ дар ҷомеа тағйир меёбад. Дар синни 16-солагӣ онҳо соҳиби шиноснома ва ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқи ҷумҳурӣ соҳиби ҳамаи ҳуқуқи конститутсионӣ гардида, ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро пайдо мекунанд. Хусусияти дигари синнусолии хонандагони синфҳои болоӣ аз он иборат аст, ки онҳо барои муайян намудани роҳи ҳаётии худ кӯшиш намуда, касби дӯстдоштаро интихоб мекунанд ва барои амалӣ намудани ҳадафҳояшон кӯшиш мекунанд. Ҳамаи ин тағйиротҳо дар ҳаёти ин гурӯҳи хонандагон дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд меоварад.

Илми психология синну соли хонандагони синфҳои болоиро ба ибтидои ҷавонӣ мансуб медонад. Дар оғози овони ҷавонӣ дар ҳаёти хонандагони синфҳои болоӣ давраи эҳсосоти нав пайдо мешавад. Ҳамаи он зиддиятҳое, ки ба овони наврасӣ хос буданд, дар ин давра барҳам мехӯранд. Вале дар ҳаёти онҳо проблемаҳои нав, ки ба хусусиятҳои ин синну сол хосанд, пайдо мешаванд. Тафаккури хонандагони синфҳои болоӣ ташаккул ёфта, мураттаб мегардад. Онҳо ба иттилооте, ки аз омӯзгорон, падару модар ва шахсони дигар мегиранд, такя намуда, бештар мехоҳанд фикри худро исбот кунанд. Ба хонандагони ин синну сол баҳсу мунозира кардан, ҳозирҷавобӣ ва баён намуданиибораҳои зебо маъқул аст. Дар ин синну сол диққати онҳо ташаккул ёфта, дар хотир нигоҳ доштани маълумот ё ахбор рушд меёбад, зеро дар ин давра қобилияти маърифатии онҳо ташаккул меёбад. Дар синфҳои болоӣ ҳаёти хонандагон ба ҷараёни таълим дар мактаб камтар алоқаманд буда, хонандагон бештар бо амалӣ намудани мақсадҳо ва майлу хоҳиши худ кӯшиш мекунанд. Онҳо мехоҳанд таҳсилро давом дода, соҳиби касб гарданд ва мавқеи арзандаи худро дар ҷомеа пайдо кунанд. Хусусиятҳои синнусолии ин гурӯҳи хонандагонро муайян намуда, Н. А. Чурилин қайд кард, ки барои хонандагони синфҳои болоӣ он фаъолиятҳое, ки манфиати шахсиашонро таҷассум намуда, майлу рағбати касбии онҳоро ташаккул медиҳанд, хело муҳиманд ва аз ин рӯ, онҳо бештар ба ин фаъолиятҳо диққат медиҳанд. Танҳо ин гурӯҳи толибилмон алоқамандии фанҳои омӯхташавандаро пай бурда, кӯшиши дар амал истифода бурдани онҳоро дарк мекунанд. Хусусияти фарққунандаи хонандагони ин синну сол аз он иборат аст, ки ин давраи ташаккулёбии хонандагон ба ҳисоб рафта, қобилиятҳои фардию маърифатии онҳо низ ташаккул меёбад. Барои ҳамин синну соли калони мактабӣ давраи ба балоғатрасии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ин хусусияти фарққунандаи синнусолӣ буда, дар хусусиятҳои психологӣ, ҳаёти шахсӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон нақши муҳим мебозад.

Дар баробари ташаккул ёфтани сифатҳои шахсӣ, хонандагони синфҳои болоӣ давраи мушоҳидаи ҳаёти ҳақиқиро аз сар гузаронида, иштирокчии фаъоли он мегарданд.

Барои он ки хонандагони ин синну сол дар таҳсил комёб шаванд, зарур аст, ки ҷараёни таҳсил ба майлу рағбати онҳо табдил дода шавад. Ҳанӯз нависанда ва педагоги машҳури франсавӣ А. Франс қайд карда буд: «Он донишҳое, ки бо орзую ҳавас аз худ карда мешаванд, қавитар мебошанд». Барои ҳамин қобилияти маърифатӣ дар ин синну сол бо андозаи талаботи маърифатии ин гурӯҳи хонандагон ташаккул ёфта, ҳатто дар машғулиятҳои беруназсинфӣ, бо роҳи мустақилона ғун кардани дониш низ амалӣ мешаванд.

Хусусияти дигари синну солии ин гурӯҳи хонандагон аз он иборат аст, ки онҳо дар анҷоми ташаккулёбии давраи гузариш ба ҳаёти мустақилона мебошанд.

Барои муайян намудани мақсад ва вазифаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ донистани моҳияти мафҳуми қобилияти маърифатӣ ва хусусиятҳои психологии ин гурӯҳи хонандагон муҳим мебошад. Дар ҳар давру замон бисёр олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин масъала корҳои илмӣ- тадқиқотӣ бурданд. Аз байни олимони тоҷик Х. Буйдоқов дар мавриди масъалаи мазкур тадқиқот бурда, ақидаҳои худро роҷеъ ба майлу рағбат ва муносибат нисбат ба таҳсил, ба меҳнат, ба коллектив; сифатҳои қавииродагию эҳсосотӣ, фаъолияту қобилияти маърифатӣ, инчунин ташаккули қобилияти ақлонӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои болоӣ баён намудааст. Ба ақидаи ӯ дар ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ омӯзгор бояд бо хонандагони синфҳои болоӣ дониш ва сифатҳои хуби худро қисмат кунад. Зеро ташаккули қобилияти маърифатӣ бо талаботҳои маънавии ин гурӯҳи хонандагон алоқаманд буда, ин талаботҳоро танҳо дар мактаб муаллим қонеъ гардонда метавонад.

Маълум аст, ки қобилияти маърифатӣ дар раванди фаъолияти маърифатӣ ташаккул меёбад. Вале на ҳама гуна фаъолияти маърифатӣ шарти ташаккули қобилияти маърифатӣ мегарданд. Ҳар гуна фаъолияти хонанда дар ҷараёни таълим фаъолияти маърифатӣ шуда наметавонад. Агар чунин фаъолият аз ҷониби муаллим бо роҳи зӯрӣ ва акси майлу рағбат ва мақсади хонандагон таҳлил карда шавад, он гоҳ онҳо ба натиҷаи вай манфиатдор набуда, чунин фаъолиятро сарборӣ медонанд. Дар чунин ҳолат омӯзиш барои хонандагон на воситаи майлу рағбат, балки воситаи зӯроварӣ ва маҷбуркунӣ мегардад. Онҳо ҳар дафъа аз иҷро намудани супоришҳои якранг хаста шуда, аз

имконияти истифода бурдани тахайюллоти таълимии худ маҳрум мешаванд. Дар чунин ҳолат талаботи маърифатии онҳо қонеъ намегардад ва қобилияти маърифатиашон ҳам ташаккул намеёбад.

Фаъолияти маърифатӣ воситаи асосии тайёр намудани насли ҷавон ба ҳаёт ба ҳисоб рафта, тарҳи махсуси фаъолиятест, ки бо дигар намудҳои фаъолияти таълимии хонандагон алоқаманд мебошад. Фаъолияти маърифатӣ сарчашмаи ташаккули қобилияти маърифатӣ мебошад ва ҳама вақт аз вазъият ва муҳити ҷомеа вобастагӣ дорад. Соҳаи маорифи ҷумҳурӣ дар давраи душвори ташкилёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, давраи бесарусомониҳо ба вазъияти бӯҳронӣ дучор омад. Таҳлили адабиёти педагогии ин солҳо тасдиқ мекунад, ки «... ҷараёни таълим ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Методикаи таълим ва сифати дониши хонандагон аз ҳаёти реалӣ ақиб мондааст. Дониш, маҳорат ва малакаи аксарияти хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҷавобгӯи талаботи барномаи таълимӣ набуда, онҳо маҳорати мустақилона баён намудани фикр, баҳсу мунозира намудан ва хулоса баровардан надоранд. Ин маънои онро дорад, ки дар ҷараёни таълим ба ташаккули фаъолгардонӣ ва қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ кам диққат дода мешуд».

Аммо дар давраи ҳозира фаъолияту қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ, ки меъёри онҳо аз тарафи давлат ба воситаи барномаҳои таълимӣ муайян карда шудаанд, равнақ меёбад. Барномаҳои таълимии фаннӣ (аз ҷумла таърихи халқи тоҷик), ки имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор доранд, ташаккули қобилияти маърифатии хонандагонро ба воситаи фаъолиятҳои маърифатӣ дар назар доранд

Хусусияти дигари фарққунандаи фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ аз характери амалӣ шудани ин фаъолият вобаста аст. Гарчанде ки мақсад, мазмун ва воситаи фаъолияти маърифатии хонандагон дар барномаҳои таълимӣ инъикос ёфта бошад ҳам, ҷараёни таълим, ки хонанда ба он ворид шудааст, гуногун амалӣ мешавад. Хонандагон вобаста ба хусусиятҳои психологӣ барои иҷрои фаъолиятҳои маърифатӣ нерӯи ақлонӣ, фаъолнокӣ, мустақилият, қобилият ва вақти гуногунро сарф мекунанд. Ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани қобилияти маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълим аз фаъолона ворид шудани онҳо ба фаъолияти маърифатӣ, ки дар рафти ин фаъолият хонандагон метавонанд қобилият ва майлу рағбати маърифатиашро ташаккул диҳанд, вобаста аст.

Қобилияти маърифатии хонандагон инчунин ба воситаи ягонагии қобилиятҳои «авлодӣ» (ба ҳама хос) ва «махсус» (хоси одамони алоҳида) тавсиф карда мешавад. Масъалаи қобилиятҳои авлодӣ ва махсус, ки ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои ҷудогона зоҳир мешаванд, аз тарафи олим А.И. Раев кор кардааст. Ба ақидаи ӯ хусусиятҳои қобилиятҳои маърифатӣ дар рафти омӯзиши ин қобилиятҳо аён мешаванд. Кадом хусусият ба қобилиятҳои «авлодӣ» ва кадом хусусият ба қобилиятҳои «махсус» дохил мешавад, муайян кардан мумкин аст.

Ба ақидаи баъзе олимон қобилияти маърифатӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ вобаста ба синну соли хонанда инкишоф меёбад. Ба қавли Б.М. Теплов қобилият танҳо дар инкишоф вуҷуд дошта метавонад. Мо ҳеҷ гоҳ наметавонем фаромӯш кунем, ки инкишоф танҳо бо иҷрои фаъолиятҳои назариявӣ ё амалӣ ба вуҷуд меояд. Дар рафти омӯзиши қобилияти маърифатӣ низ ин назария ба инобат гирифта мешавад.

Фаъолияти маърифатии хонандагон дар масъалаи сатҳи дониш, маҳорат ва малака бо ду ҷараёни ба ҳам алоқаманд: тазаккурӣ ва самаранок (эҷодкорона) муайян карда мешавад. Хусусияти фаъолияти тазаккурӣ аз он иборат аст, ки дар рафти иҷрои он хонанда чизи навро ба вуҷуд намеоварад. Хусусияти фаъолияти самаранок аз он иборат аст, ки хонанда ба чизи пешомӯхташуда аз нуқтаи назари танқидӣ нигоҳ мекунад ва онро тағйир дода, чизи навро ҳосил мекунад.

Хонандагон миқдори муайяни донишро ғун карда, ҳангоми аз худ кардани маводи нави таълимӣ ба дониши пештара такя намуда, чизи навро дарк мекунанд ва қобилияти маърифатиашонро инкишоф медиҳанд. Барои ҳамин нақши асосиро дар ташаккули қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ пешгӯиҳои фарзӣ мебозанд. Барои дар ҷараёни дарс ташаккул додани қобилияти маърифатии хонандагон муаллим бояд вазъиятеро ба вуҷуд биёрад, ки дар он фаъолияти маърифатии хонандагон амалӣ гардонда шавад. Дар хонандагон тарбия намудани ҳисси кунҷковӣ, муҳаббат ба дониш, рағбат ба маърифат вазифаи аввалиндараҷаи мактаби муосир ба ҳисоб меравад. «Рағбат ба маърифат, ки бо роҳи омӯзиш бедор карда мешавад, асоси ташаккулёбии қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ ба таҳсил ва ҳатто омодагии касбии онҳо мегардад.»

Омили дигари ташаккулдиҳии қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ фаъоли (ғайрат) - и маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми ғайрати маърифатӣ омодагии хонанда дар рафти иҷрои фаъолиятҳои маърифатӣ ва аз худ кардани дониш, маҳорат ва малака, инчунин зоҳир намудани мустақилияти эҷодӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ фаҳмида мешавад. Ғайрати маърифатӣ дар раванди таълим воситаи муҳими ташаккули шахсият, ҷаҳонбинии илмӣ ва сифатҳои

ахлоқии хонанда ба ҳисоб меравад. Ғайрати маърифатӣ дар таълим аз худ кардани дониши бошуурона ва мустаҳкамро таъмин намуда, майлу рағбатро ба фаъолияти маърифатӣ зиёд мегардонад, маҳорати мустақилона фикр кардан ва иҷро намудани фаъолиятҳои амалиро ташаккул медиҳад.

Баъзе равоншиносон бар он ақидаанд, ки муносибати хонандагон дар синфҳои болоӣ ба таҳсил тағйир меёбад. Ин хонандагон бештар вақт одамони калонсолро тақлид мекунанд.

Дар зинаи сеюми таълим омӯзиши фанҳои нави таълимӣ оғоз мешавад, мазмуни омӯзиш тағир ёфта, азхудкунии асоси донишҳои илмӣ оғоз мешавад, мубориза барои гирифтани баҳо нисбат ба давраи наврасӣ камтар мешавад. Ҳамаи ин дигаргуниҳо аз хонандагони синфҳои болоӣ талаб мекунанд, ки худро ба шароити тағйирёфтаистода мутобиқ гардонанд.

Дар муносибат ба муайян намудани моҳияти «ғайратмандӣ» ва «ғайратмандии маърифатӣ» ва нақши он дар ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон олимон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: Як қисми олимон (Л.П. Аристова Н.Д. Демина. А.К. Ковалев ва дигарон) ғайратнокӣ (фаъолнокӣ) -ро ҳамчун фаъолияти шахс; қисми дигари олимон (Н.Д. Левитов, Г.И. Щукина, З.А. Абасов ва дигарон) бошанд, онро ҳамчун хусусияти фардӣ тавсиф мекунанд.

Чунин фарқиятро омӯхта, мо ба хулоса омадем, ки ғайрати маърифатӣ воситаи ташаккулдиҳии қобилияти маърифатӣ буда, таркиби тавсифи шахсият аст ва танҳо дар фаъолияти маърифатӣ ифода меёбад.

Омили дигари ташаккул додани қобилияти маърифатӣ рағбати маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Раванди ташаккулёбии рағбати маърифатӣ бо ҷараёни ташаккул ёфтани қобилияти маърифатӣ вобаста буда, қисми таркибии он ба шумор меравад. Дар педагогика, психология ва методика ибораи «шахс дар давоми фаъолият инкишоф меёбад» маъмул аст. Аммо аҳамияти фаъолиятро дар ташаккули қобилияти маърифатӣ қайд карда, дар бораи рағбати маърифатӣ набояд фаромӯш кард. Рағбати маърифатӣ, - ба қавли Д.К. Гиев, - ин саъю кӯшиш кардан барои гирифтани дониш бо роҳи фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ буда, хонандаро водор мекунад, ки бо илҳом хонад, зиёдтар донад ва чизи навро аз худ намояд.

Таҳлили назариявӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ нишон медиҳад, ки агар хонанда ба омӯзиш бо муҳаббат ва рағбат муносибат кунад, истеъдоди аз худ кардани дониш дар вай зиёдтар инкишоф ёфта, қобилияти маърифатӣ ва маҳораташ тезтар ташаккул меёбанд. Барои ҳамин ҳам, қобилият бо рағбат сахт алоқаманд буда, вобаста ба он инкишоф меёбад. Аммо рағбати маърифатӣ аксар вақт дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ инкишоф ёфта, аз ташаккулёбии қобилияти маърифатӣ вобастааст.

Ба қавли Г.И. Щукина рағбати маърифатӣ мақсади асосии омӯзишро ташкил дода, хонандагонро водор мекунад, ки бо майли том хонанд, дониш омӯзанд ва бо шавқу рағбат ба ӯҳдадориҳои таълимии худ муносибат кунанд. Агар қобилияти маърифатӣ ба рағбати маърифатӣ такя кунад, вай илҳом гирифта, бо майли том инкишоф меёбад. Дар чунин маврид бо роҳи фаъолгардонии ҷараёни таълим масъалаи ташаккул додани қобилияти маърифатии хонандагон самаранок ҳал карда мешавад.

Рағбати маърифатӣ дар асоси қобилияти маърифатӣ асос ёфта, дорои сифати ирсӣ нест. Рағбати маърифатӣ воситаи рӯҳбаландкунии хонандагон дар ҷараёни таълим ба шумор меравад. Аҳамияти рағбати маърифатиро ба назар гирифта, В.С. Зигвиязинский қайд мекунад, ки рағбати маърифатӣ нерӯи ҳаракатдиҳандаи маърифати таълимӣ дар ҷараёни таълим ҳисоб мешавад.

Яке аз роҳҳои фаъолгардонии рағбати маърифатӣ дар ҷараёни таълим истифодаи супоришҳои маърифатӣ ё вазъияти проблемавӣ мебошад. Супоришҳои маърифатии ҷустуҷӯӣ чунин супоришҳое мебошанд, ки ҳангоми иҷрои онҳо хонанда ба дониши пешакии худ такя намуда, дониши нав мегирад, ё роҳи нави ҳалли онҳоро дарёфт мекунад.

Супоришҳои маърифатӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1.Супоришҳои озмоишӣ - машққунӣ (аввал бо кӯмаки муаллим иҷро шуда, баъд барои тағйир додан дар шакли кори мустақилона супорида мешаванд);

2. Супоришҳои ҷустуҷӯӣ (бо мақсади гирифтани дониши нав аз тарафи хонандагон мустақилона иҷро карда мешаванд).

Аҳамияти вазъияти проблемавӣ (супоришҳои маърифатӣ) дар ҷараёни таълим аз он иборат аст, ки дар рафти иҷрои онҳо қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ кардан дар хонандагон ташаккул ёфта, барои ба мақсад расидан, қатъӣ буданро аз онҳо талаб мекунад. Супоришҳои маърифатӣ ба ташаккули қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ низ таъсири мусбӣ мерасонанд.

Дар баробари фаъолият, рағбат ва фаъолии маърифатӣ инкишофи қобилияти маърифатӣ аз ниёзи маърифатӣ низ вобастагӣ дорад. Ниёзи маърифатӣ ин маълумоти шахсӣ - ақлоние, мебошад, ки маҷмӯи таъсиротҳоро ба хонандагон вобаста ба дараҷаи маърифатиашон пурра инъикос мекунад. Ниёзи маърифатӣ ин талабот ба гирифтани иттилои нав ва дарк кардани зарурияти гирифтани ин

иттилоъ аз тарафи хонанда мебошад. Ба мафҳуми ниёзи маърифатӣ инчунин шароити водоркунандае, ки амалӣ намудани фаъолиятҳои маърифатиро таъмин мекунад ва дараҷаи рушди ақлонии фард муайян мекунад, дохил мешавад.

Агар ниёзи маърифатро ашколӣ тасвир кунем, вай тақрибан чунин шакл мегирад:

Ҷадвали 1.




То он даме, ки ба инсон ягон хатар тадид кунад, ниёзи маърифатии ӯ хомӯш аст. Шуур ва организм дар бораи вай фикр намекунад. Аммо вақте ки ниёзҳои поёнӣ қонеъ гардонда мешаванд, ниёзи маърифатӣ рафтори инсонро муайян мекунад.

Бисёр олимон бар он ақидаанд, ки ҳар қадар дараҷаи фаъолият, ки хонанда ба он амал мекунад, душвор бошад, ниёзи маърифатӣ ҳамон қадар комил гардида, қобилияти маърифатии хонанда ҳамон қадар хубтар ташаккул мёбад ва дар акси ҳол инкишофи маърифатии вай аз ниёзи маърифатиаш ақиб мемонад.

Омӯзиши қобилияти маърифатӣ аз лиҳози хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ, муқоиса намудани фаъолияти хонандагон ҳангоми иҷро намудани фаъолиятҳои маърифатӣ мебошад. Бо ин восита, дараҷаи қобилияти маърифатии хонандагон муайян карда мешавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки сифати дониши хонандагоне, ки бисёр мехонанд ва сифати дониши хонандагоне, ки кам мехонанд, якхела аст, вале барои аз худ кардани дониш онҳо қувваи гуногунро сарф мекунанд. Ҷараёни аз худ кардани дониш, маҳорат ва малака дар навбати худ ба инкишофи минбаъдаи қобилияти маърифатӣ таъсири калон расонида, мавҷуд набудани онҳо боиси суст инкишоф ёфтани қобилияти маърифатӣ мегарданд.

Омили дигари ташаккул ёфтани қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ ин мустақилияти маърифатӣ ва фаъолияти эҷодӣ мебошад. Ин омил дар асоси ҷамъбасти дониш ва маҳорат дар вазъияти муайян, аз тарафи хонанда эҷод кардани ягон фарзия мебошад. Агар хонанда таҷрибаи дар амал истифода бурдани донишро надошта бошад, вай наметавонад онро дар ҷараёни ҷустуҷӯи мустақилона ба кор барад, яъне вай дониш дорад, вале малакаи фаъолияти эҷодӣ надошта, аз ӯҳдаи мустақилона иҷро намудани супориш баромада наметавонад.

Психологи машҳури рус Л.С. Виготский қайд кард, ки фаъолияти эҷодӣ ба офаридани чизи нав равона карда мешавад. Агар хонанда мақсади ниҳоии таълимро аниқ тассавур кунад, ҳамон қадар вай бошуурона меҳнат карда, маводи таълимиро беҳтар аз худ мекунад. Агар мавзӯи дарс муҳити фаъолияти таълимиро муайян кунад, он гоҳ мақсади дарс талаботи объективии мантиқи ҷараёни таълим ва натиҷаи дарс бошад, фаъолияти маърифатиро дар шакли лоиҳа нишон медиҳад.

Тадқиқоти мо нишон дод, ки хусусияти қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ ба мисли хонандагони зинаҳои дигари таълим якхела нест. Моҳияти ин хусусият аз он иборат аст, ки ин гурӯҳи хонандагон ба шароити таълимӣ мутобиқ шуда, на танҳо қобилияти дарк кардани ҳар як тағйиротро нигоҳ медоранд, балки тарафҳои дигари ин тағйиротро дарк намуда, кӯшиш мекунанд, ки сабабҳои ба вуҷуд омадани ин тағйиротро нишон диҳанд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки баъзе омӯзгорон ба ташаккули маҳорати саволдиҳии хонандагон кам диққат медиҳанд. Аз ин сабаб 80 – 90% - и хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни дарс аз савол додан худдорӣ намуда, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти маърифатии онҳо ба дараҷаи лозимӣ ташаккул наёфтааст. Бинобар ин, ҳангоми ҷавоб додан ба савол, хонандагон аксар вақт суханони муаллимро такрор намуда, фикру ақидаи худро нисбати ин ё он воқеаи таърихӣ баён карда наметавонанд. Чунончӣ, дар яке аз синфҳои таҷрибавӣ, вақте ки муаллим ба хонандагон дар бораи бозёфти бостншиносон, ки як мушт гандумро ёфта буданд, нақл карда савол дод, ки машғулияти одамони ибтидоиро муайян кунанд, хонандагон аз ӯҳдаи додани ҷавоби дуруст баромада натавонистанд. Яъне, тафаккури интиқодии онҳо ташаккул наёфтааст.

Таҳлилҳои назариявӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ нишон доданд, ки тағйироти ночиз дар ташкили фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ, истифодаи бозиҳои дидактикӣ ва ғайра вобаста ба хусусияти синнусолии хонандагон, ба ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон таъсири мусбӣ мерасонад. Дар чунин муҳит, хонандагони синфҳои болоӣ худро на ҳамчун объекти тарбия, балки субъекти баробарҳуқуқи фаъолияти маърифатӣ медонанд.

Мо дар он ақидаем, ки проблемаи ташаккули қобилияти маърифатӣ ин проблемаи фарқияти синнусолӣ ва фардии шахс ба ҳисоб рафта, барои омӯхтани ин намуди қобилият, пеш аз ҳама, хусусиятҳои фарқкунандаи синнусолӣ ва фардии хонандагон мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** қобилияти маърифатӣ, ташаккули қобилияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ.

## АДАБИЁТ


1. Чурилин Н.А. Межпредметные связи как фактор формирования познавательных интересов старшеклассников в учебной деятельности. Ленинград., 1985 г., 19 с. с.9.
2. Франс Анатоль. Собрание сочинений в 8 томах. Том 8. Литературно-критические статьи. Публицистика. Речи. Письма. М.,1960 г, 888 с. с. 426.
3. Буйдаков Х. Психологические основы обучения учащихся в целостном педагогическом процессе. Душанбе., 1998. 427 с.
4. Шайхов М. Формирование познавательной активности учащихся выпускных классов средней школы в процессе обучения. Автор. канд. пед. наук. Душанбе 1998г., 28 с.
5. Раев А. И. Прогнозирование, кодирование и перенос как познавателчные способности. // Сб. «Проблемы развития познавательных способностей». 147 с.
6. Теплов Б.М. Психология музыкальных способностей // Избранные труды: В 2 т. – М.: Педагогика, 1985.-Т. 1. -328 с.114.
7. Гиев Д.К. «К вопросу о мотивах учебной деятельности учащихся». \\ С.Б «Вопросы развития познавательных интересов учащихся в процессе обучения». Под ред. Д.Г. Гилиева. Сверд. 1970, с. 3 -20.
8. Щукина Г. И. Проблема познавательного интереса в педагогике. М. 1975.
9. Загвиязинский В.И. «Познавательный интерес в системе движущих сил учебного процесса». С\\Б «Вопросы развития познавательных интересов учащихся в процессе обучения». Сверд. 1970, с. 37- 57 .


### ВЗАИМОСВЯЗЬ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ И ВОЗРАСТНАЯ ОСОБЕННОСТЬ У СТАРШЕКЛАССНИКОВ

В статье автор показал взаимосвязь развития познавательных способностей и возрастную особенность старшеклассников. Также в статье показаны факторы влияющие на развитие познавательных способностей школьников в этом возрасте.

### THE RELATIONSHIPS ABILITY WITH THE HIGH LEVEL GRADES

The author points relationship of educational ability depending with level grades' ages in this article. Besides it the article includes the facts with the educational ability of pupils in this age and high level grades.

# ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

*Абдурауф Наврасов*
**Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**Ҳарчанд сиёсати** фарҳангӣ пешинаи дарозмуддат дорад, аммо аз тавачҷӯҳи ҷиддӣ ба ин мавзӯъ беш аз чанд даҳа намегузарад. Сиёсати фарҳангӣ мафҳуми решадор аст,зеро низомҳои сиёсӣ чи дар гузашта ва чи дар ҳол ҳамвора дар иртибот бо фаъолиятҳои фарҳнгӣ аз худ вокуниш нишон додаанд. Чунонки теъдоде аз онҳоро ташвиқ ё ҳимоят кардаанд, дар баробари бархе аз онҳо бетафовут будаанд, теъдодеро таҳаммул ва бархи дигареро мамнӯъ кардаанд.

Дар таърифи сода, ***сиёсати фарҳангӣ маҷмӯае аз тадбирҳо барои таъини вазифаҳои давлат ва созмонҳои ғайридавлатӣ дар заминаи фарҳанг,ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои мавриди назар аст.*** Равшан аст бо тавачҷӯҳ ба тафовутҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳатто иқлимии миёни кишварҳои мухталиф, ҳадафҳои фарҳангӣ ва сиёсатҳои фарҳангӣ тафовут меёбад. Аммо бо тавачҷӯҳ ба рӯйкарди мавҷуд ба фарҳанг, масир ва чараёни сиёсатҳои фарҳангӣ таъин мешавад.

Агар фарҳанг ҷойгоҳи меҳварӣ дошта бошад, ҳавзаҳои дигар монанди сиёсат дар хидмати ин унсур қарор мегирад ва табиӣ аст, ки агар аз фарҳанг ба унвони воситае барои дастёбӣ ба ҳадафҳои дигаре истифода шавад, фарҳанг ходими ҳавзаи дигар монанди иқтисод ва сиёсат хоҳад буд.

Бар шикасти он даста аз барномаҳои тавсиа, ки танҳо бар милокҳои фаннӣ ва иқтисодӣ таъкид доштанд, чанд соле аст, ки нигариши нав ба мафҳуми тавсиа ва пояҳои асосӣ шакл гирифтааст. Бар асоси ин нигариш, тавсиа танҳо пешрафти фаннӣ ва иқтисодӣ нест, балки омили асосӣ дар он фарҳанг

аст. Лозим ба ёдоварист, ки бисёре аз кишварҳои ба истилоҳ «ҷаҳони саввум» дар орзуи дастёбӣ ба вижагиҳои кишварҳои «ҷаҳони аввал» ё «тавсиаёфта» талош карданд, то бо фурӯши манобеи миллӣ аз кишварҳои бегона ба тавсеае, ки намудҳои онро дар афзоиши шаҳрнишинӣ,баландмартабасозии сохтмонӣ, афзоиши мошинҳои шахсӣ ва ғайра медиданд, даст ёбанд, аммо паёмадҳое монанди азҳамгусехтагии назми иҷтимоӣ, олудагии муҳити зист, афзоиши тафовутҳои табақотӣ ва қарзҳои калони хориҷӣ сароби тавсифаётагро ба ҳам зад. Аҳамият ёфтани омили фарҳангӣ дар тавсиа ва ривоҷи баҳси «***тавсеаи фарҳангӣ***» пас аз ин таҷрибаандузиҳои гаронқимат матраҳ шуд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, яке аз меҳварҳои аслии «тавсиаи фарҳангӣ» ва шояд аслитарини меҳвари онро дар иртибот бо Ирон бояд муштаракоти фарҳангӣ донист. Чунки ҳақи ширкат дар зиндагии фарҳангӣ байни Тоҷикистону Ирон ҳақи бошандагони ин сарзамини як тамаддун, як забон ва ҳамдину ҳамфарҳанг мебошад.

Сиёсати фарҳангӣ доманаи густурдаеро аз қонунгузории фарҳангӣ гирифта, то иҷрои қавонин ва муқаррароти фврҳангӣ ва фароҳамовардани имконотҳои фарҳангиро дар бар мегирад. Бахше аз сиёсатҳои фарҳангӣ низ ба мушорикати фарҳангӣ боз мегардад. Ба иборати дигар, сиёсати фарҳангӣ ба танҳои баробар бо мушорикати фарҳангӣ нест, аммо бахши қобили таваҷҷӯхе аз он дарбардорандаи мавзӯот ва масоиле аст, ки метавон онҳоро мушорикати фарҳангӣ номид. Барои намуна, яке аз аҳдофи сиёсати фарҳангии кишвар метавонад талош барои муаррифӣ ва таблиғи дастовардҳои фарҳангии худ дар кишварҳои дигар бошад. Чунин фаъолияте мушорикати фарҳангӣ нест, аммо дар чорчӯби сиёсати фарҳангӣ пай гирифта мешавад.

**Таърифи мушорикат**

Баҳси мушорикат мавзӯи ҷадиде аст, ки тааллуқ ба даврони муосир дорад. Маънии тоҷикии он саҳим шудан дар чизе ё гирифтани қисмате аз он чиз аст. Равшан аст, ки дар фазоҳои мухталиф мафҳуми мушорикат тафовут меёбад. Барои намуна мушорикати хонаводагӣ ба равобити аъзои хонавода бо якдигар дорад. Аммо дар ҷомеа мушорикат мафҳуми васеъ меёбад ва дарбардорандаи ширкати муассири тамоми афрод дар умури ҷамъӣ марбут ба худ мегардад.

**Мушорикати фарҳангӣ**

Дар таърифи сода мушорикати фарҳангӣ иборат аст аз баҳраманди ва баҳрагирии умуми мардум аз манобеи фарҳангии ҷомеа. Манзур аз манобеи фарҳангии ҷомеа, дар маънои васеи калима маҷмӯи колоҳо ва ашёҳое дар дастрас аст, ки анҷоми фаъолиятҳои фарҳангиро мумкин ё инкор мекунад. Фаъолиятҳои фарҳангӣ фаъолиятҳое ҳастанд, ки яъзои як ҷомеа аз тариқи он худашонро муҳаққиқ месозанд, истеъдодҳои худро тавсеа ва шахсияти худро густариш медиҳанд.

Дар мавриди назари мо бархе аз манобеи фаҳангӣ иборатанд аз китоб, ёдгориҳои таърихӣ, зиёратгоҳҳо ва маконҳои муқаддас ва ғайра. Манобеи фарҳангӣ ба унвони шохисҳои муштараки фарҳангӣ дар теъдоде аз мутолиоти марбут ба ин мавзӯъ дар назар гирифта шудаанд. Барои намуна ба масъалаи мушорикати фарҳангии Тоҷикистону Ирон ва Тоҷикистону Ӯзбекситон метавон ишора кард, ки ин ҷо фарҳанг омили муҳими мушорикати фарҳангӣ будааст.

**Ҷойгоҳи мушорикати фарҳангӣ дар сиёсати фарҳангии Тоҷикистон**

Барномарезон дар барномаҳои тавсиа, ки маъмулан панҷ ё солҳои охир даҳ-понздаҳсола ҳастанд, дар заминаҳои мавриди назар ба таъин ва тадвини ҳадафҳо,сиёсатҳо, стратегияҳо ва барномаҳо пардохтаанд. Тафаккури барномарезӣ дар Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ хеле хуб ба марҳила расида буд, имрӯз ҳам ҳамон инерсия ба кор гирифта мешавад.

Дар замони баъд аз истиқлол навиддиҳандаи оғози даврони ҷадид дар таърихи Тоҷикистон буд. Аз ҳам пошидани низоми Шӯравӣ ва тағйири ҷиҳатгириҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо худ таҳаввулоти бисёре дар тамоми заминаҳо ба ҳамроҳ овард. Яке аз ин заминаҳо ***истиқлоли фарҳангӣ*** буд.

**Мушкилиҳои ҳамгироии фарҳангӣ**

1.Таъсири кишварҳои тозаистиқлол дар минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо масоили сиёсӣ, иқтисодиро пеши рӯ гузошт, балки мушкилиҳои фарҳангиро низ ба амал овард.

Мардумоне, ки дар фазои бузурги минтақаи Осиёи Марказӣ мезистанд, дар тӯли ҳазорсолаҳо равобити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дошта, шаҳрҳо бунёд карда, заминҳоро корам месохтанд. Чунин равобити иҷтимоӣ ба ташаккули раванди ҳуввияти муштараки фарҳангӣ, бунёди арзишҳои миллӣ заминаҳоеро ба армуғон овард.

Ҳамин тавр, маълум аст, ки худи таърих дар тӯли қарнҳо ба бунёди банои муштараки фарҳангӣ асос гузоштааст. Фаровардҳо ва ин ҳамзистӣ ва ҳамгироии фарҳангии дастовардҳои имрӯз ба ҳама маълум аст ва ин арзишҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб пазируфта шудааст.

2.Аммо имрӯз марзҳо баста шуданд, фарҳангҳо дар доираи ҳар кишвари соҳибистиқлол боқӣ мондаанд. Имрӯз масъалаҳои ҳамгироӣ ва амнияти фарҳангӣ мақулаест, ки бояд ҳаллу фасли худро аз дидгоҳи илмӣ пайдо кунад.

Ҳалли ин масъала бастагӣ ба тавонии ҳифзи суннатҳои қаблӣ ва эҳёи ҳамкориҳои тозаи фарҳангӣ мебошад. *Ба андешаи ин ҷониб, дарёфти истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ на барои аз ҳам ҷудосозӣ ва худинкишофёбии минтақа бунёд гардидааст.*

Камбуди таҷрибаи бунёди кишвар ва созмону идораи он, мерос мондани омилҳои манфии замони шӯравӣ ва чанде аз сабабҳои воқеӣ ва субъективӣ дар ибтидои бунёди ин кишварҳо мушкилиҳои зиёдеро ба бор оварда буд. Маҳдудсозии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи якчанд давлат ба рушди онҳо садама зад. Дар натиҷа равобити суннатӣ комилан гусаста гардид.

Аммо солҳои охир билкул рӯ ба тағйири мусбӣ намудааст, Мутаассифона, чунин раванд бо кундӣ амалӣ мегардад. Лозим аст, ки хуб мебуд агар бандҳои гиреҳшуда зудтар боз мегардиданд, раҳёфти конструктивӣ ва усулӣ барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо фароҳам мегардид. Чунин раванд воқеӣ аст, чунки решаҳои фарҳангӣ ҳоло қавӣ буда, танҳо созгории ҷадид лозим мебошад.

Ҳалли мушкилиҳо бастагӣ ба дарки муҳимии масоили равобити фарҳангӣ дорад. Воқеан барои бунёди хонаи муштарак қавӣ будани равобити фарҳангӣ омили муҳим мебошад.

Тадқиқоти ҷомеашиносие, ки аз ҷониби муассисаи «Зеркало» (Оина) ба анҷом расид, чунин натиҷагирӣ сурат гирифт. 68,8% иштирокчиёни тадқиқ посух доданд, ки дар бораи Осиёи Марказӣ баъзе иттилооти ҷузъӣ доранд. 17%-и онҳо ишора бар он доштанд, ки аслан иттилооте дар ин иртибот надоранд. 15% мушкилии посух шуданд.

Ҳаёти фарҳангӣ ва ҳунари мардумони Осиёи Марказӣ, ки бо ҳамдигар наздик мебошад, 23,1% посухдиҳандагон аз он иттилоъ доранд. 53% ҷонибдори пахши барномаҳои кишварҳои ҳамҷавор мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқ бар он аст, ки бештари мардум иттилооти рӯякӣ дар бораи зисту фарҳанги мардумони ҳамҷавор доранд. 41,5% посухдиҳандагон ишора карданд, ки дар тӯли панҷсолаи охир мутолиаи рӯзномаҳоро дар ёд надоранд. 21,4% умуман мутолиа намекунанд.

**Чашмандозҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ**

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар дар қаламрави кишварҳои Осиёи Марказӣ равобити фарҳангӣ ва доду гирифти байниҳамдигарӣ байни ин кишварҳо дар ин соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ қисми таркибии муносибатҳои байниҳамдигарии дувлатҳо, миллатҳо ва мардумони ин сарзамин, таъмини ҳуқуқҳои инсон дар соҳаи фарҳанг мебошад. Ташкил ва татбиқи ин ҳамкорӣ такя ба усулҳои сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишварҳо дорад. Имрӯз, дар давраи ҷаҳонишудан баъзе олимон ва ҷомеашиносон, сиёсатмадорон, фарҳангшиносон ва дигар мутахассисон дар соҳаи фарҳанг ва санъат, аз байн рафтани хусусиятҳои хоси миллӣ ва нотакрории анъанаҳо, арзишҳои рӯҳӣ ва маънавӣ-эстетикии мардумро пешгӯӣ мекунанд. Аммо, ин пешгӯӣ агар хато набошад ҳам, вале ба ҳар ҳол шитобкорона мебошад. Далели инро дар болоравии ҳамкории фарҳангӣ ва доду гирифти байналмилалӣ, васеъ гардидани майдони табодули тарафайни фарҳангӣ, эҳёи фаъолона ва гуногунсоҳаи анъанаҳои фарҳангӣ, афзудани ҳавасмандии мардуми ҷаҳон ба вижагиҳои фарҳанги худ ва дарки ҳамаҷонибаи он мушоҳида кардан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин, раванди босуръати дигаргунсозиҳои ҷаҳон, ташаккули фазои умумиҷаҳонии иттилоотӣ ва фарҳангӣ-омӯзишӣ муносибатҳои тозаи ҳамкорӣ ба доду ситади байниҳамдигар ниёз доранд. **Барои ин зарур аст, ки кишварҳои марбута ба анҷоми чунин тадорукот кӯшиш ба харҷ диҳанд:**

•қонун ва қоидаҳои воридот ва содироти арзишҳои фарҳангӣ такмил, ягона ва ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ гардонида шаванд;

• баргузории мунтазами фестивалҳо, рӯзҳои фарҳангӣ дар кишварҳои марбута;

•ширкати фаъоли гурӯҳҳои эҷодии касбӣ ва худфаъолиятӣ, устоҳои ҳунарҳои мардумӣ-бадеӣ дар чорабиниҳои байналмилалӣ таъмин карда шавад;

• дар давлатҳои ҳамҷавори муштаракулманофеъ ***марказҳои миллии фарҳанг*** ва санъати тоҷик ташкил карда шавад;

•қоидаҳои ташкил ва татбиқи сафарҳои ҳунарӣ, экспозитсияи анъанаҳо ва дастовардҳои имрӯзаи фарҳанг ва санъати миллӣ дар хориҷи кишвар то ҳадди имкон сода карда шавад;

•додуситади ғайрирасмии фарҳангӣ бо ин кишварҳо дар доираи ҳамкорӣ бо онҳо, коркарди барномаҳои табодули фарҳангӣ ва гуфтугӯи фарҳангҳо васеъ ба роҳ монда шавад;

•дар доду ситади иттилоотӣ – фарҳангӣ технологияи ҳозиразамон васеъ истифода шавад;

•Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки Интернет веб-сайти «Фарҳанг ва санъати Тоҷикистон»-ро густариш диҳад, то дар он ҷо додани маводҳои матнӣ, визуалӣ, видео ва аудио оид ба анъанаҳо ва фарҳанг ва санъати муосир, илмӣ-оммавӣ ва таълимӣ-маърифатӣ имконпазир гардад;

•тавассути ташвиқ ва тарғиби арзишҳои фарҳангӣ, вижагиҳои ҳунари суннатӣ, фарҳанги маишат, хоҷагидорӣ ва меҳнати миллатҳо ва мардумони кишварҳо дар байни кулли табақаҳои аҳолӣ нисбат ба тарзи зист, ҷаҳонбинӣ ва дунёфаҳмӣ, эҷодиёти бадеӣ ва илмӣ, эътиқоди илмӣ, эътиқоди мазҳабӣ, фарҳанги моддӣ ва маънавии байни мардумони ин сарзаминҳо муносибати боэҳтиромона ташаккул дода шавад;

•аз рӯи эътиқоди мазҳабӣ ҷудо намудани кишварҳо, миллатҳо ва ва тавсифи тафаккури динӣ, ҷаҳонбинӣ одат ва расму русум, таъсири сифатӣ ва миқдории анъанаҳо ва одатҳои миллӣ ва мардумӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба тарзи зист ва фаъолияти касбӣ, ба рафтор, ахлоқ ва арзишҳои эстетикии табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар тӯли инкишофи таърихӣ, инчунин мазмун ва тарзи зиндагии мардум дар шароити имрӯза – ҳама дар якҷоягӣ барои устувор гардидани робитаҳо ва муносибатҳои фарҳангии мардум мусоидат кунад;

•барои амиқ ва ҳаматарафа шинос шудан ва аз худ намудани таҷрибаи илмӣ -амалии фарҳангӣ байни ин кишварҳо, анъанаҳо, одатҳои мардуму миллатҳои сайёра, инчунин омӯхтани таҷрибаи мактабҳои фарҳангии эътирофшудаи хориҷиён ва аз мавқеи имрӯзаи иқтисоди бозорӣ ба роҳ мондани сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг, барои аз тарафи дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардани фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои фарҳангии ғайриҳукуматии ватанӣ ва байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар фаъолият мебаранд, шароити мусоиди кор муҳайё карда шавад;

•омодасозии барномаҳо ва лоиҳаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар такмил дода шуда, назорати татбиқи чорабиниҳои пешбинишуда пурзӯр карда шуда, нисбат ба фаъолияти сохторҳои давлатии ҳамаи сатҳҳо ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии соҳаи фарҳанг баҳои холисона дода шавад;

•дар заминаи тарбияи фарҳанги гуфтугӯӣ, ботамкинӣ ва худдорӣ, далелнокӣ ва асоснокии ғояҳо, пешниҳодот ва равияҳои стратегӣ, шакл ва усулҳои татбиқи амалии фаъолияти пурмаҳсули неруҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, ғоявӣ ва самтҳои инкишофи имрӯзаи ҷомеа, ҷустуҷӯи асосҳои таъсири муфидии тарафайн дар асоси принсипҳои эҳтироми фикру мулоҳиза ва манфиатҳо, ки қонунҳои амалкунанда роҳ медиҳанд, тарбияи фарҳангии мардум дар рӯҳияи башардӯстӣ, фаъолияти созандагӣ, бунёдкорӣ, дӯстии байни халқу миллатҳои гуногун, эҳтироми анъана ва одобу услуби халқҳои дигар, устувор гардонидани равобити суннатӣ- таърихӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, рӯҳӣ, маишӣ, мазҳабӣ, тиҷорӣ, моддӣ, хоҷагидорӣ, байнихонаводагӣ ва шахсӣ ва ғайра ба роҳ монда шавад.

**Таклифҳо:**

1.Ҳамгиросозии роҳбурди фарҳангии кишварҳо.

2.Интихоби арзишҳои миллӣ, суннатҳои фарҳангӣ, ки ҷавобгӯи меъёрҳои минтақаӣ ва байнидавлатӣ бошад.

3.Такмили бунёдҳои ҳуқуқӣ дар риштаи фарҳанг ва омӯзиш бо дарназардошти вижагиҳои манотиқӣ, таҳияи асноди ҳуқуқии минтақаӣ, ки ҳуқуқи муштарак дар қаламрави Осиёи Марказӣ дошта бошад.

4. Ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушду такмили ҳар навъи фарҳанги бумӣ ва арзишҳои фарҳангӣ.

5.Эҷоди фазои дарки ҳамдигар, эҳтиром ба фарҳанги ҳамдигар ва мутаассирӣ ба шараи ҷаҳони таҳаввулёбанда ва тарзи зист дар ҷомеаи кунунӣ.

6.Таваҷҷӯҳи бештар ба арзишҳои фарҳангии форсизабонони бурунмарзии Осиёи Марказӣ, кӯмак ба эҳёи суннатҳои миллӣ, тарзи зиндагӣ ва фарҳангу ҳунари онҳо.

7.Таҳқиқу пажӯҳиши фарҳанги бумии мардумони иронии ин сарзамин. (фарҳангҳо, ки муштараканд, таҳқиқотҳо ҳам бояд муштарак бошанд).

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳамкориҳои фарҳангӣ, сиёсати фарҳангӣ, мушокирати фарҳангӣ, ҳамгироии фарҳангӣ.

**АДАБИЁТ**

1. Амиров Р. Дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2005// Оршиви ҷории ВФ.: мактубҳо 1-6/1432.17.10.05.
2. Герцог Р. (Herzog Roman). Оштии тамаддунҳо раҳбурде барои сулҳи ҷаҳонӣ дар қарни бисту як.- Теҳрон: нашр ва пажӯҳиши фарзони рӯз, 1380.- 190с.
3. Жидков В.С., Соколов К.Б. Культурная политика России: теория и история. М.: Академический проект, 2001.- 592г.
4. Ковод (Карл) Раш. Армия и культура//Наш современник, 1990.-№5.
5. Культура безопасности на современном этапе: материалы международной научно-практической конференции.- М. : МГУКИ, 2002.- 135с.
6. Левис Б.(Lewis Bernard) Бархӯрди тамаддунҳо. Теҳрон: нашр ва пажӯҳиши фарзони рӯз, 1380.-90с.
7. Лурдас Оризпа. Накши фарҳанг дар тавсиаи байналмилалӣ //Паёмномаи фарҳанг.-Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот, 2001.-№5.-с. 18-26.
8. Маҷиди Теҳрониён, Молики Мӯъин ва ғ. Ҷаҳонишудан: чолишҳо ва ноамниҳо.-Теҳрон: Интишороти Пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ, 1980.-303с.
9. Миямото Мусасси. Книга пяти колец. М.: Евразия, 1999.
10. Мольгина И.В. Национальная культура и национальное самосознания.-М.: МГУКИ, 1998.-40.
11. Низомов А. Макамат ва контексте суфийских воззрений//Вестник культуры.-Душанбе: НИИ культуры и информации,-2002.-№6.-с.25-28.
12. Раҳмонов Э.Ш. Маърифат ва маънавиёт ҷавҳари ҳақиқии инсон аст: Суханронӣ дар сессияи генералии ХХХ111 ЮНЕСКО// Садои мардум, 2005.-с.15.10.
13. Свегин А.А. Стратегия. М.: Военный вестник, 1987.
14. Суханронии ҷаноби оқои Сайид Муҳаммад Хотамӣ- Раиси мӯҳтарами Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон.- Душанбе, 2002.-с.-28,29.
15. Сухорев Ю.А. Проблемы взаимодействия культур: становление единого культурного пространство // Культурология: новые походы: Альманах – ежегодник.- М., 1999.-№5-6.-с.25-28.
16. Трофимов Д. Центральная Азия: проблемы этно-конфессионального развития//Исследование Центра международных исследований МГИМО.- №3.
17. Флиер А.Я. Культура как фактор национальной безопасности// Культурология для культурологов. – М.: Академический проект.- 2000.- с. 425-448.
18. Ҳамроев Ф. Интеграция культур народов Центральной Азии: проблемы и перспективы// Вестник культуры.-Душанбе: НИИ культуры и информации, 2000.-с.56-61.

**КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ТАДЖИКИСТАНА**

В статье отмечается, что один из приоритетных направлений в политикеТаджикистана в сфере культурного сотрудничества является образование. В статье дается понятие культурного сотрудничества образования в системе современной политики Таджикистана. Рассматривается место и роль Министерства Образования и других институтов в совершенствовании и укреплении Таджикско-Иранской образовательной системы.

**THE CULTURAL COOPERATION IN EXTERNAL POLITICIANS OF TAJIKISTAN**

In article is noted that one of the priorety direction in politicians Tajikistan in sphere cultural cooperation is an education. In article is given notion cultural cooperation, education and modern politicians of Tajikistan. And also a place and role Ministry of Education and the other institutes in improvement and fortification Tajik-Iran educational system.

# ТЕАТРАЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ: СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ЧЕЛОВЕКА КУЛЬТУРЫ

***Е.В. Липская***

**Российская академия театрального искусства (РАТИ-ГИТИС)**

Культура и образование есть две тесно взаимосвязанные формы бытия человека, через которые осуществляется процесс его становления и развития. «Противоречиво-дополнительностная» сущность культуры (М.С. Каган) заключается в том, что человек является ее творцом и творением. Разносторонне-богатое понимание культуры и человека обусловливает противоречивые, но взаимосвязанные функции театрального образования: культуросообразную и культуротворческую. К сожалению, это диалектическое понимание назначения образования признается далеко не всеми учеными.

В отечественной науке до недавнего времени доминировало положение о том, что театр и театральное образование всегда соответствует условиям жизни общества и его культуры. Характер театральной системы и системы образования, ее идеалы, принципы, педагогические и сценические отношения определяются господствующим типом культуры, и меняются вместе с ее изменением. Родовая «генетическая» взаимосвязь театральной педагогики и культуры проявляется во взаимообусловленности их изменений и трансформаций. Сторонники этого направления рассматривают театр, образование и культуру, как две стороны единого процесса воспроизводства, развития культуры и человека. Знаниецентристский подход необходимым образом должен смениться культурологическим, ориентированным на усвоения не только знаний, но и ценностей культуры. В процессе театрального образования происходит введение будущего актера в культуру, ее освоение (инкультурация). С позиции теории инкультурации процесс театральной подготовки заключается в освоении личностью новых ценностей, который осуществлялся на основе всех тех лучших духовно-нравственных ценностей, накопленных прежним поколением (А.А. Греков, В.С. Леднев, Л.В Левчук, В.Д. Шадриков и др.). Приобщение человека к высокому знанию связывается, как с его глубинной сущностью, так и с развитием духовной культуры, с пониманием универсальной культурной миссии школы, как гаранта преемственности поколений, как главного механизма развития культуры и человека. В современном театральном образовании, благодаря усилиям ученых, была изменена целевая установка в сторону интеграции общенациональных и общечеловеческих ценностей, как единых и фундаментальных оснований его развития. Закон РФ «Об образовании», ориентирует высшую, в том числе театральную школу, не только на профессиональную, но и на общекультурную подготовку будущего специалиста, на «формирование человека и гражданина, интегрированного в национальную и мировую культуру».

В то же время, образование является не только средством сохранения культуры, но и ее преобразования, так же как и сам человек превращается из творения культуры в ее творца. В современных западных и отечественных философских концепциях образование, как и сам человек, все больше фиксируются в качестве феноменов культуротворчества, саморазвития и самоизменения. Ряд представителей культурной антропологии, в частности Э. Ротхакер, М. Ландман и др., рассматривают человека как существо, не только определяемое культурой, но и как творца и носителя культуры [2, с. 341]. В культурно-антропологических учениях человек выступает как деятельное существо, как творец культурного мира, сам конструирующий свои «миры». В этом контексте театральное образование является способом культурного творчества человека, его собственной культурной деятельностью. Проявление феномена культуротворчества в образовании заключается в порождении новых культурных смыслов, ценностей, форм деятельности, которые связываются с освоением, интерпретацией и оценкой «старого» культурного наследия. Культуротворчество проявляется также в переосмыслении и интерпретации высших духовных ценностей в индивидуальном культурном опыте человека. Образование в этом смысле является уникальным социокультурным механизмом, позволяющим человеку осуществить свое индивидуальное бытие-в-культуре, проявить свою способность к творчеству, прежде всего собственного «Я». Человек сам формирует свое мировоззрение, свои потребности, способности и другие социальные и духовные качества. Глобальная цель воспитания с этих позиций видится как становление человека культуры, который понимается как гуманная личность. Культуротворческую функцию образования поддерживают сторонники «философии диалога культур», которая представлена в работах, как отечественных ученых (М.С. Каган, М.М. Бахтин, В.С Библер), так и западноевропейских: в Германии (О. Розеншток-Хюсси, Ф. Розенцвейг, М. Бубер), в Австрии (Ф. Эбнер).

«Диалогисты» видят процесс образования как социо- и культуротворческий процесс свободного общения людей в силовом поле диалога культур. Согласно этому подходу, человек понимается с точки зрения первичности его экзистенциальных связей с другими «Я» по отношению к его собственному самосознанию. Диалог - это не только отстаивание своей культурной позиции и ценностей, но и уважительное, толерантное отношение к иной культуре и ее ценностям. Принятие и понимание иных культурных позиций и ценностей, умение пойти на компромисс свидетельствует о том, что человек является не только образованным, но и культурным. С одной стороны он стремится сохранить созданное предшествующими поколениями, с другой - всегда творит свой мир, изменяет его. В данном случае образование оказывается «двуликим Янусом», обращающим свое лицо одновременно к исследованию других культур и внутрь себя в стремлении изменить и дополнить собственное бытие. В таком понимании образование и культура тесно связаны с судьбой каждого человека, созидающего и творящего заново окружающий мир.

Процесс взаимовлияния культуры и человека «приговоренного к диалогу», позволяет рассматривать театральное образование как процесс постоянного культуротворчества, как многомерный диалог культур. В ходе этого диалога будущий актер учится соотносить «свою уникальную, неповторимую духовную самостоятельность с нуждами, интересами, смыслами жизни всего человечества. Культурный диалог означает такую форму межсубъектного взаимодействия, которая основывается на дружеском уважении и бескорыстной любви, на гуманных человеческих отношениях, означающих признание ценности

человеческого бытия. В процессе театральной подготовки актер выступает субъектом творческой деятельности, носителем активности, «воли к диалогу» со всем, что его окружает с педагогами, режиссером, с партнерами, со зрителем, с самим собой. С этих позиций в процессе театрального образования происходит становление и развитие актера, как самодеятельного и самосознательного, общественного и индивидуализирующегося существа, творящего культуру и творимого ею.

Понятие «расстояние» широко используется и в курсе физики. При этом в пособиях по физике для обсуждения одних и тех же вопросов используется как понятие «расстояние»,так и понятия «путь», «длина пути», «траектория». «длина траектории». Изложение курса геометрии разграничивает понятия пути и длины пути, траектории и длины траектории кроме этого, отождествление понятий расстояния и длины пути (длины

траектории) возможно только при прямолинейном движении тела, и об этом ученику должно быть четко сказано как на уроках математики, так и на уроках физики.[1]

Особое место в вопросах межпредметных связей в курсе математики и физики занимает векторный аппарат.

Однако активное введение векторного аппарата в курсе математики и физики требует согласования его использования.

С точки зрения межпредметных связей большой интерес представляют те понятия, которые находят применение в нескольких школьных предметах. Одним из таких понятии является понятие величины.

В пособиях[2] понятие величины и геометрической величины рассматривается более подробно. Здесь сначала излагается общее понятие величины (определение величины, измерений, геометрические и физические величины), сложение и измерение, аксиомы величин, свойства числовых значений величин. Дальше приведен материал об измерении длины и углов дана система заданий.

Изложение материала в работе[3] считаем наиболее удачным для понимания понятия величин школьниками.

Как известно, любая геометрическая величина является и физической величиной. В школе понятие физической величины вводится в VI классе.[4] Здесь говорится об измерении длин, площадей, обьемов и выводится утверждение, что измерить какую-либо величину – значит сравнить ее с однородной величиной, принятой за единицу. В дальнейшей части курса физики этот вопрос не уточняется. Такое положение не случайно.

М.Б.Волович и Г.В. Шахбазян[5] подчеркивают, что «Сложность математической теории величин такова, что ввести ее в курсе математики общеобразовательной школы не представляется возможным. Это, бесспорно, но очевидно и то, что обойти вопросы измерения величин – значит обеднять математическую культуру учащихся, тормозить понимание окружающего мира».

На наш взгляд, целесообразно на конкретных примерах измерения геометрических величин, с опорой на окружающую действительность, дать учащимся предоставление о характере процесса измерения, его сущности и особенностях.

Учитывая потребности физики, целесообразно сформулировать начальные представления учащихся в курсе математики до измерения величин на уроках физики.

В школе не дают определения величины, ограничиваются указанием наиболее характерных примеров. Предполагается, что само понятие величины уже известно учащимся из повседневной практики и сформировано у них интуитивно.

Величину можно записать в виде числа с наименованиями.

Каждая фигура характеризуется двумя свойствами: формой и размером (числовая характеристика).

Например, прямоугольные параллелепипеды разных размеров, изготовленные из различных материалов, носят одно и то же название – прямоугольный параллелепипед. Все они имеют одну и ту же форму, отличаются только размерами.

Точно также футбольный мяч, деревянный (железный) шар, резиновый мяч и т.д., имеют и одну и ту же форму – форму шара.

Как видим, каждый предмет, кроме формы и размера, имеет и физические свойства (материал, из которого он сделан, цвет, масса и др.).

Например, деревянный куб имеет следующие свойства: цвет коричневый, без запаха, жесткий, кроме того, имеет и массу: обьем, площадь поверхности, температуру.

Здесь масса, обьем, площадь, поверхность и температура являются величинами. Величины зависят только от формы, размера.

После рассмотрения конкретных примеров, обобщения представлений, можно привести одно из следующих описаний.

Величина – это числовая характеристика с наименованием, указывающим единицу измерения. Величина – это то, что можно измерить.

Особое место среди величин занимают геометрические величины, которые изучают в геометрии.

Геометрические величины – это свойства фигуры, характеризующие их размеры: это – длина, площадь, меры углов, обьем и т.д.

Изучение общих свойств скалярных величин на уроках математики в I-VI классах готовит учащихся к дальнейшему развитию представлений о скалярных величинах, их измерений в VII-IX классах на уроках математики и физики.

При изучении геометрических величин в VII-IX классах их общие свойства конкретизируются в процессе выполнения небольших практических заданий по измерению величин. Так при изучении длины отрезка учащиеся сразу же выполняют практическое задание на карточке по измерению различных отрезков в разных единицах измерения. При любой фиксированной единице измерения каждому отрезку соответствует

положительное число (числовое значение длине). Сравнивая эти числа, сравнивают длины отрезков. Далее легко формулируются свойства равенства и неравенства длин отрезков.

По такой же схеме повторяются свойства величины угла, площади, объема в VIII-IX классах.

Изучение скалярных величин на уроках физики проводится примерно также, как это показано выше: выявляются те свойства изучаемой величины, которые являются наиболее общими. Особое внимание уделяется раскрытию специфики отношении сравнения, умножения на число, деления на доли, способам измерения каждой величины. На основе наблюдений, измерений и других практических действий учащихся делают выводы о свойствах изучаемой величины, о зависимостях между величинами, закрепляют их, приобретают и развивают необходимые знания, умения и навыки измерении величин. Например, при изучении в VII классе пройденного пути предлагаем учащимся провести из точки А к точке В три произвольные линии.

Можно ли сравнить пути, пройденные кончиком карандаша? Как это сделать, не пользуясь линейкой? Как сравнить пути с помощью линейки и т.д.?

Задания соединяют практические действия ученика с его умственной деятельностью. В процессе выполнения задании при изучении тех или иных величин учащиеся ставились в такие условия, когда необходимо самостоятельно производить многие практические действия: измерять, сравнивать, находить общее, делать обобщения, умозаключения и т.д.

Обучение учащихся применению величин осуществлялось в процессе выполнения заданий по измерению их, на установление связей между величинами, решение практических задач. При этом межпредметные связи с математикой играли здесь уже не главную, а вспомогательную роль. А именно обращалось внимание на правильное использование терминологии и символики, действии с величинами, применение понятий «величина», «значение величины», «числовое значение величины», «функциональная зависимость», «абсолютная и относительная погрешность», «границы погрешности» и т. д.

Таким образом, методику изучения скалярных величин на уроках математики и физики возможно строить с позиции межпредметных связей.

Формирование и развитие общего представления у учащихся о векторной величине возможно в процессе изучения конкретных векторных величин , выявляющей в первую очередь свойства характерные именно для этого вида величин.

Изучение свойств векторных величин определяется выделением следующих моментов:

а) Однородные векторные величины можно складывать, а разнородные нет. Опыт показывает, что в результате сложения получают векторную величину того же ряда , которая заменяет слагаемые величины .

б) Векторные величины можно умножить (и делить) на число и на скалярную величину .
В первом случае получают векторную величину того же рода, размер которой больше или меньше в данное число раз. Во втором случае получают новую векторную величину.

в) Для однородных векторных величин не существует отношения неравенства (также как и для векторов).

г) Отношение равенства имеет свой конкретный смысл для различных однородных векторных величин.

С понятием векторной величины учащиеся впервые знакомятся в VII классе на уроках физики, т.е. до изучения понятия вектора в VIII классе на уроках математики. В определении векторной величины в курсе физики VII класса указывается основной признак таких величин - направленность. Учащиеся имеют дело с двумя векторными величинами : скоростью и силой. Скорость не называют векторной величиной, так как её векторный характер не раскрывается, хотя указывается, что её можно изобразить на рисунке в виде стрелкой. Более полное знакомство с понятием векторной величины осуществляется на примере силы. Силу называют векторной величиной: она имеет числовое значение, направление и точку приложения; изображают ее отрезком прямой, со стрелкой на конце.

В IX классе вводятся новые векторные величины: перемещение, ускорение, импульс. Уточняется содержание таких величин, как скорость, сила. Вводятся понятия координаты вектора (в курсе геометрии) и проекции вектора (в курсе физики).,исходя из особенностей понятия «векторная величина» и возрастных возможностей учащихся процесс изучения этого понятия можно разбить на три этапа;

Первый этап (VI- VII классы). Здесь приводится пропедевтическая работа как на уроках математики, так и физики. Здесь учащиеся на уроках математики знакомятся с понятиями направления на прямой плоскости, с отрицательными числами и действиями над ними, координатой прямой и плоскостью, параллельным переносом фигуры и др.

Второй этап (VIII класс) .На уроках математики вводится понятие вектора и его свойства, при этом широко используются знания учащихся, полученные.на I этапе. На уроках геометрии вводится понятие вектора и его свойства.

В IX классе это понятие и свойства используются на уроках физики при изучении векторных величин.

В настоящее время сложилась ситуация, когда курсы физики и математики в этих вопросах во многом излагаются изолированно друг от друга. Отсюда у школьников возникает оторванность в представлениях о векторе в математике и векторных величинах в физике.

Третий этап (IX класс). Здесь учащиеся изучают новые векторные величины. Причем изучение строится с опорой на понятие вектора, введенного на II этапе .

Изучение векторных величин в IX классе на уроках физики основывается на первоначальных представлениях учащихся, полученных в предшествующих классах, и на понятии вектора и его свойств, введенных в курс геометрии в VIII класс .

Математические знания о векторах находят законное основание для применения в физике.

В конце статьи мы предлагаем, что если вводить на уроках математики понятие величины как количественной характеристики предметов и явлений в соответствии с трактовкой этого в физике, то повысится уровень осознанности математических знаний учащихся, качества усвоения физики, что будет способствовать развитию творческих способностей учащихся и их мышления.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: математические знания, понятие величины, изучение геометрических величин, качество усвоения физики.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Гусев В.А. и др. Изучения величин на уроках математики и физики в школе.-М.:Просвещение,1981.-С.4
2. Александров А.Д.и др Геометрия:Пробный учебник,для 6, класса средней школы – М.,1984.-С.94
3. Там же С.119.
4. Перышкин А.В.,Родина Н.А. Физика:Учебник для 6-7 классов – М.,1985-С.7.
5. Волович М.Б.,Шахбазян Г.В. Учитывать потребности курса физики при изучении темы «Измерение геометрических величин» //Математика в школе – 1986-№6с. 37-40.

## ОМӮЗИШИ БУЗУРГИҲОИ ГЕОМЕТРӢ ДАР АСОСИ ТАЛАБОТҲОИ ФИЗИКА

Азбаски бузургиҳо ва тарзи омӯзиши онҳо дар физика хуб ба роҳ монда шудааст, бинобар ин дар мақола омадааст, ки омӯзиши бузургиҳо дар математика низ чун физика ба роҳ монда шавад.

## THE LEARNING GEOMETRICAL A GREAT FIGURE EXPEDIENT TO FORMULATE AT BASIS REQUIREMENT OF PHYSICS

The maintain of article makes up from, that the teaching great figure in physical by comparison with mathematical puts in the correcting directional. And so, saying in the article, that the teaching of great figures in mathematic must be to teach by physical principle.

# АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ «ФАЗОИЛУЛАНОМ МИН РАСОИЛИ ҲУҶҶАТИЛИСЛОМ»

***Ҳ. Зоиров***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**

Замони зиндагии Имом Муҳаммади Ғаззолиро метавон ба ду қисмат кард. Дар қисмати аввали умр улуми замона аз бар кард ва ба дараҷае расид, ки ҳамагон ва ҳатто салотину вузаро, ба мисли султон Маликшоҳи Салҷуқӣ ва вазири донишпарвари ӯ Хоҷа Низомулмулк, ӯро эҳтиром мекарданд ва гиромӣ медоштанд. Чун дар мадрасаи бузургтарини исломӣ- Низомияи Бағдод дарс мегуфт, беш аз сесад фозилон ва доништалабон ба ҳалқаи дарсаш меомаданд. Ба таҳқиқ дар илмҳои маъруфи аҳди хеш, ба мисли фиқҳ, ҳадис, калом, фалсафа ва ғ. беназир гашт ва обрӯю эътибори баланд ёфт. Дар қисмати сонии умр аз кору мансаби дунё дилаш гирифт ва сӯфии вораста гашт ва оташи ишқи ҳақиқӣ дар дилаш муқим шуд. Тарки мадраса ва ҳам Бағдод гуфт ва қурби даҳ сол умр сарфи сайру сулуки ирфонӣ, хилват ва узлат, зикру ибодати Худо намуд. Бино ба қавли устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ, «он ки дирӯз сарҳалқаи уқало ва мутакаллимони мазҳаб буд, имрӯз дар ҳалқаи девонагони ишқ ҳамӯш афтод; шофеъимазҳаби мутаассиби дирӯз сӯфии ворастаи имрӯз гашт ва гуфт:

Ишқ он ҷое, ки меафзуд дард,
Бӯҳанифав(у) Шофеъӣ дарсе накард».

(Ҳумоӣ 1387, 9)

Дар байти мазкур мурод аз ишқ муҳаббати Худой ва мурод аз дард ҳамон дарди иштиёқ аст. Чун соҳиби ишқ Офаридгори яктост ва бешак, дард ва ҳам дармони ишқ низ аз ӯст, гирифторони онро бо ҳарду ҷаҳон кор набошад. Ишқ худ табибу раҳнамо аст ва ошиқони Илоҳро ниёзе ба дину мазҳаб ва пешвою пир нест. Бадномии ишқ номдорист ва нохӯрдагонро аз лаззати ин бода хабаре набошад.

Маҳз гирифторӣ ба ишқи Худо ва тарк гуфтани тадрису мансаби дунё, ки дар қисмати сонии умр даст дод, шинохти Имом Ғаззолӣ ва афкору ақоиди ӯро душвор сохт. Гурӯҳе ӯро мутакаллиму фақеҳ, файласуф ва донандаи илми ҳадис мехонанду гурӯҳи дигар сӯфии вораста ва инсони комил медонистанд ва ҳар кадом дар алоҳидагӣ қавли худро саҳеҳ мешумориданд. Аммо ба гумони ғолиб Имом Ғаззолӣ аз ҳарду қавл озод буд ва дунёи дигар дошт, ки ҷиҳати шинохти дурусти ӯ ба осори аслии суханвари ориф рӯй намудан савоб бошад.

Имом Муҳаммади Ғаззолӣ аз худ мероси пурбаҳо ба ёдгор мондааст, ки то ҳанӯз теъдоди аслии онҳо ошкор нест. Ҷурҷӣ Зайдон дар китоби «Торих одобиллуғатиларабия» осори боқии ӯро беш аз ҳафтод китоб медонад, баъзе сарчашмаҳо муаллафоташро ҳудуди дусад ва баъзеи дигар то чаҳорсад хондаанд, ки холӣ аз муболиға нест (ҳумоӣ 1387, 222). Абдурраҳмони Бадавӣ дар китоби арзишманди хеш «МуаллафотулҒаззолӣ» аз 457 китоб ёд намуда, танҳо 72 китобро бидуни тардид аз муаллафоти аслии Ғаззолӣ медонад ва то қадри тавон теъдоди осори машкук ва мансуби суханварро низ баён месозад (р.к.:Ғаззолӣ 2008. ҷ.1,69-75).

Аллома Ҷалолуддини ҳумоӣ аз ҷумлаи нахустин донишмандон аст, ки дар бораи аҳволи зиндагӣ ва арзиши осори Ғаззолии Тӯсӣ таҳқиқоти муфассал ва судманд анҷом додаанд. Донишманди мазкур дар фасли «Таълифоти Ғаззолӣ» пиромуни 137 осори суханвар маълумоти муфассал дода, дар фасли сонӣ аз 14 китобе, ки ба ӯ мансубанд, ёд мекунад (ҳумоӣ 1387, 223-253).

Соҳиби «Ғаззолинома» сабаби пурихтилоф будани ахбори сарчашмаҳоро ба таври зайл шарҳ медиҳад: «…ҳамаи муаллафоти Ғаззолӣ ба тафсили «Эҳёу улум» ва «Кимиёи саодат» нест ва бисёре аз муаллафоти ӯ рисолаи кӯчак ё мақолаи чандсафҳаӣ аст, ки номи мустақил дорад ва дар ҷузви муаллафоти Ғаззолӣ сабт ва аҳёнан табъ кардаанд. Фақат тафсири қуръонӣ аз вай дар 40 муҷаллад навиштаанд, ки маълум нест чи тавр буда ва куҷост» (ҳумоӣ 1387, 222).

Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар яке аз мактубиби худ ба теъдоди осори динии хеш ишора намуда, мегӯяд: «Ин доъӣ(Имом Ғаззолӣ-З.ҳ.)…дар улуми динӣ наздик ҳафтод китоб кард…» (Ғаззолӣ 1363, 4).

Аз номаи мазкури ҳуҷҷатилислом маълум мешавад, ки ӯро қурби 70 китоб дар улуми динӣ буда, вале равшан нест, ки чӣ миқдор осори марбут ба илмҳои дунёӣ аз худ ба мерос гузоштааст.

Муроди мо аз ин баҳс шинохт ва муайян намудани осори аслии суханвар нест, ки ин мавзӯъ баҳси ҷудо мехоҳад, балки мурод кӯшише дар шинохти мероси аслии Ғаззолӣ аст, ки чеҳраи воқеии Имоми Тӯсӣ дар он ҷилвагар бошад. Аз зиндагиномаи суханвар маълум мешавад, ки дар қисмати дуввуми умр ва замони рӯй тофтан аз дунё чанде аз навиштаҳои қаблии хешро мансух кард ва ё гурӯҳе аз душманон тағйиру табдиле дар муаллафоти ӯ ворид сохтанд. Аз ин дидгоҳ, моро лозим аст, ки ҷиҳати шинохти Имом Ғаззолӣ ба осори пурбаҳо ва аслии ӯ, ба монанди «Эҳёу улумиддин» ва

«Кимиёи саодат» рӯй намоем, на он осоре, ки пиромуни улуми дунё нигошт ва сипас пушаймон шуд ва ё осоре, ки дигарон дар он тағйир карданд(р.к: Зоиров 2009).

Аз ҷумлаи осори аслии ӯ яке макотиби форсӣ мусаммо ба «Фазоилуланом мин расоили ҳуҷҷатилислом» мебошад, ки бешак, ҷиҳати шинохти аҳволу осор ва орову ақоиди Ғаззолӣ аз сарчашмаҳои беназир маҳсуб мешавад. Бино ба ахбори мавҷуда, ин китобро яке аз бозмондагони Имом Муҳаммади Ғаззолӣ баъди даргузашташ гирдоварӣ намудааст. Дар хусуси ному нишон, замон ва макони зиндагии гирдоварандаи макотиби форсии Ғаззолӣ маълумоти комил ба даст нест. Устод Аббос Иқбол, ки заҳмати зиёди тасҳеҳ ва таҳияи ин китобро бар дӯш дошт, бар он бовар аст, ки гирдоварандаи маҷмӯаи макотиб аз наводагони духтарии Имом Ғаззолӣ мебошад, зеро ба ақидаи ӯ, аз ҳуҷҷатулислом фақат чанд духтар ба дунё омадааст(Ғаззолӣ 1363, саҳ. «ҷим»). Соҳиби «Ғаззолинома» низ ин қавлро саҳеҳ дониста, дар фасли «Бозмондагон ва аъқоби Ғаззолӣ» бо такя ба сарчашмаҳои дигар, мегӯяд: «Ва ба тавре ки муаррихони бузург навиштаанд ва дар «Табақотушшофеъия» ва дигар китобҳо нақл шудааст, Ғаззолӣ фарзанди писар надошт ва авлодаш мунҳасир ба духтарон ва сарпӯшидагон буданд»(Ҳумоӣ 1387, 198). Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар ҷавобе, ки ба номаи дорулхилофа навишт ва аз дарс гуфтан дар мадрасаи Низомияи Бағдод узрҳо пеш овард, аз соҳиби зан ва фарзанд будани хеш ёд мекунад, вале аз духтар ё писар будани онҳо хабар намедиҳад: «...он вақт ки садри шаҳид Низомулмулк қаддасаллоҳу руҳаҳу маро ба Бағдод хонд, танҳо будам, бе алоиқ ва беаҳл ва фарзанд, имрӯз алоиқ ва фарзандон пайдо омадаанд. Дар фурӯ гузоштани эшон ва дилҳои ҷумла маҷрӯҳ кардан ба ҳеҷ ваҷҳ рухсат нест»(Ғаззолӣ 1363, 45).

«Фазоилуланом мин расоили ҳуҷҷатилислом» аз панҷ боб иборат буда, боби аввал фарогири номаҳое аст, ки ба мулук ва салотини замон навишта шудаанд. Боби дувум, шомили макотибе аст, ки ба вазирон навишта шудаанд. Боби сеюм ва чаҳорум, дар номаҳое, ки ба умаро ва аркони давлат ва фуқаҳо ва аиммаи дин навишта шудаанд. Боби панҷум, дар фусул ва мавоиз, ки ба ҳар вақт навиштааст.

Макотиби форсии Ғаззолӣ арзиши зиёди адабиро молик аст. Дар макотиб сухани ӯ бисёр сода, шево ва пухта мебошад. Аксари номаҳо дар ниҳояти эъҷоз буда, мубини қудрати қалам ва афкору андешаҳои ҳуҷҷатулислом мебошанд. Дар қиёс бо осори дигар, дар номаҳо чеҳраи аслии Имом Ғаззолӣ бештар намудор аст. Зеро дар макотиб мо ӯро на танҳо чун ориф ва донишманди бемисл, балки ҳамчун як марди заминӣ ва дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ мебинем.

Баёни сабк ва шеваи гуфтор, вижагиҳои адабӣ, усули корбурди оёти Қуръон ва ахбори Расул(с), арзиши тарҷумаиҳолӣ, андешаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, ирфонӣ ва дигар хусусиятҳои макотиби Имом Ғаззолӣ баҳси ҷудо мехоҳад. Вале ҷиҳати шоҳид баёни мухтасари чанде аз он вижагиҳоро ин ҷо савоб медонем, то сухани мо пеши хонандаи азиз даъвии хушк ва беасосро намонад.

Имом Ғаззолӣ дар хилват ва дур аз чашми дигарон парастидани Худойро мақбул медонад ва мегӯяд: «Аммо дуои мазҳаби ман он аст, ки ба шаби торик дар хилвати холӣ даст бардоштан ва бо Ҳақ таъоло дар сир(р) муноҷот кардан авлитар, ки ҳар чи бармало бувад ба риё омехта бувад ва дар ҳазрати Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҳар чи холис нест ва бериё, мақбул нест »(Ғаззолӣ 1363, 6).

Ҳуҷҷатулислом борҳо ҳуккоми замонро панд медиҳад, ки раиятнавоз бошанд ва аз зулм бар бечорагон парҳез намоянд ва барои пуртаъсир гаштани суханаш аз фармудаи Худо ва ҳабибаш-Муҳаммад(с) мадад меҷӯяд: «...Ҳаргиз як шаб сер нахусбӣ ва дар раийяти ту як гурусна ва ба коми хуш(шояд «хеш»- З.х) ҳеҷ ҷома напӯшӣ ва дар раийяти ту як бараҳна ва ҳеҷ хизона наниҳӣ, магар он ки рӯзи қиёмат бар ту арза кунанд, ки насиҳати Қуръон чунин аст: «Фаман яъмал мисқола зарратин хайрай яраҳ ва ман яъмал мисқола зарратин шаррай яраҳ» ҳама кирдори худро зарра- зарра боз хоҳӣ дид. Ва дар хабар аст, ки шабу рӯз бисту чаҳор соат аст ва бар ҳар банда арза кунанд аъмоли вай бар сурати бисту чаҳор хизона. Яке бинад пурзиё ва нур ва он соати ибодат ва тоат бувад, чандон шодӣ ба дили вай расад, ки биҳишт дар он мухтасар шавад ва он аз хушнудии ҳақ таъоло бошад ва хизонаи дигар бар вай арза кунанд, холӣ ва ин соати ғафлат бувад ва хобу машғул будан ба ҳоҷот, чандон ҳасрат ва ғабн ба дили вай дарояд, ки онро ниҳоят набвад, ки чаро ин чун они дигар набвад ва яке дигар бар вай арза кунанд пурзулмат ва он соати маъсият бувад, чандон фазаъ(тарсу бим- З.х) ва ҳавл бар дили вай падидор ояд, ки гӯяд: «Кошки маро ҳаргиз наёфаридандӣ» (Ғаззолӣ 1363, 7).

Имом мисоли сӯфиёни софӣ дилбастагие ба дунё надошт ва моро низ панд медиҳад, ки дил ба ин «аҷузаи ҳазордомод» наниҳем ва фирефтаи соати хуши он, ки ниҳояташ азоби пурдард аст, нашавем. Чунончи, дар яке аз номаҳои худ малики замонро аз мукофоти рӯзи ҷазо огаҳ месозад ва мегӯяд: «Эй малик, ин дунёро бисёр лашкару хизона сохтӣ, охиратро низ бисоз ва бар қадри мақом ва муддати охират соз. Муддати дунё пайдост, ки чанд аст, бувад, ки рӯзе ё нафасе беш намондааст, муддати охиратро ниҳоят нест, ки агар ҳафт осмону замин пури говарс кунанд ва мурғеро фармоянд, ки ҳар ҳазор сол як дона беш махӯр он ҳама бирасад(яъне он ҳама донаҳо тамом шавад- З.х.) ва аз абад ҳеҷ камтар нашавад... Ва дар хабар аст, ки дарахти имон об аз тоат хӯрад ва бехи вай аз адл ва аз давоми

зикри ҳақ таъоло росих гардад ва чун ин тарбият наёбад дар сакароти мавт дарафтад, ки бех надорад»(Ғаззолӣ 1363, 8).

Имом Ғаззолӣ дар яке аз макотиби форсӣ, ки ду сол қабл аз даргузашти хеш ба Султон Маликшоҳ навиштааст, аз бекадрии дунё ва алоиқи он ёд намуда, дунёро ба кӯзаи сафолини фонӣ ва охиратро ба кӯзаи заррини боқӣ ташбеҳ медиҳад: «агар дунё кӯзаи заррин будӣ,ки намондӣ ва охират кӯзаи сафолин, ки бимондӣ оқил кӯзаи сафолини боқӣ ихтиёр кардӣ бар кӯзаи заррини фонӣ. Факайфа, ки дунё худ кӯзаи сафолини фонист ва охират кӯзаи заррини боқӣ, оқил чи гуна бувад, кассе, ки дунё ихтиёр кунад»(Ғаззолӣ 1363, 4).

Аз макотиби Ғаззолӣ равшан мешавад, ки ҳеч гунаҳкорро аз оташи дӯзах раҳоӣ нест ва ҳатто анбиё ва бузургони дин аз азоби охират дар биманд ва ба раҳмати Худо ниёз доранд. Чунончи гӯяд: «Ва бидон, ки ҳеч банда нест, ки на вайро бар дӯзах гузаре ҳаст, аз соате даргир то ҳафт ҳазор сол, ки охир касеро, ки аз дӯзах берун оваранд, пас аз ҳафт ҳазор сол бувад ва ин касеро бувад, ки имон ба саломат бурда бошад ва ин осон нест…» (Ғаззолӣ 1363, 8).

ҳуҷҷатулислом ҷиҳати шоҳиди гуфтаҳои хеш бисёр ҳикоёти ширин ва омӯзанда аз рӯзгори бузургони дину ирфон нақл мекунад, ки ҳар як панде ба имрӯзиён аст. Дар нақли зайл бар ивази «вафот карда буд» «ғусл карда буд ва ҷомаи сафед пӯшида» мегӯяд, ки аз ҳунари нависандагӣ ва ҳусни баёни Имом шаҳодат медиҳад:

«Вайро(мурод амири мӯъминон Умари Хаттоб аст- З.ҳ) яке аз саҳоба дар хоб дид, пас аз дувоздаҳ сол, ки **ғусл карда буд ва ҷомаи сафед пӯшида**, чунонки касе аз коре фориғ шуда бошад. Гуфт: Ё амиралмӯъминин, Худой таъоло бо ту чӣ кард? Гуфт: «То акнун дар ҳисоб будам ва кори Умар пурхатар буд, агар на он будӣ, ки Худованд карим будӣ, ҳоли одилтарини халқ ин бувад, ҳоли хешро бо ин қиёс кун» (Ғаззолӣ 1363, 9).

Макотиби Имом Ғаззолӣ пур аз панду насиҳат аст. Гоҳи зиёд суханвар ҷиҳати равшании матлаб аз рӯзгори бузургони дину ирфон, ба мисли Расул(с), Иброҳим(а)(Ғаззолӣ 1363, 5, 45), Мӯсо(а)(Ғаззолӣ 1363, 14), Исо(а)(Ғаззолӣ 1363, 9,13, 21, 54, 68...), Абӯбакр(раз.)(Ғаззолӣ 1363,62,66,80), Умар (раз.)(Ғаззолӣ 1363, 8), Алӣ(раз.)(Ғаззолӣ 1363, 22, 56), Абӯҳанифа(раҳ.)(Ғаззолӣ 1363, 10,12, 29), Имом Шофеъӣ(раҳ.) (Ғаззолӣ 1363, 12, 29), ҳасани Басрӣ(Ғаззолӣ 1363, 27,96), Шиблӣ (Ғаззолӣ 1363, 99) нақлҳои ҷолиб ва омӯзанда меорад, ки баёни он ҳама ин ҷо намегунҷад.

Имом Ғаззолӣ гоҳе барои тақвияти фикр ва равшании матлаб абёти шоҳид ба забони арабӣ(Ғаззолӣ 1363, 13,23,47,95, 97,107) ва форсӣ (Ғаззолӣ 1363,74, 93,107) меорад. Чунончи:

Мурғе, ки хабар надорад аз оби зулол,
Минқор дар оби шӯр дорад ҳама сол. (Ғаззолӣ 1363, 74).

Макотиби форсии ин суханвари ориф пур аз истилоҳоти сӯфия аст, ки аксари онҳоро худ ба маврид шарҳ додааст. Ташреҳи Ғаззолӣ дар қиёс бо фарҳангҳои истилоҳоти урафо бисёр сода, фаҳмо ва пазируфтанӣ мебошанд. Таваҷҷӯҳ кунед:

**Ибодат** фармон бурдан аст на ба муҷарради намоз ва рӯза, зеро ки намозу рӯза он гаҳ ибодат мебошад, ки ба фармон мекунанд(Ғаззолӣ 1363, 98).

**Ишқ** омаданӣ бувад на омӯхтанӣ ва агар нарасӣ, донистани он аз мустаҳилот аст, зеро ки он ҳама завқе аст ва ҳар чи завқе бувад, дар гуфту навишт натавон овард, мисли ширинӣ ва туршӣ ва талхӣ ва шӯрӣ, ки то шахс худ начашад, ҳаргиз ба гуфту навишт натавон оварді ва беш аз он ки ба мазоқи ӯ расида бошад, ҳаргиз маълумаш нагардад(Ғаззолӣ 1363, 98)

**Тасаввуф** ду чиз аст, ростӣ бо Худойи таъоло ва сукун аз халқ, ҳар ки бо Худойи азза ва ҷалл рострӯзгор аст ва бо халқ некӯхӯй ва бурдбор аст, ӯ **сӯфӣ** аст…(Ғаззолӣ 1363, 104).

**Бандагӣ** се чиз аст: яке, нигоҳ доштани фармони шаръ, дуввум, ризо ба қазо ва қадар ва қисмати Худой таъоло, саюм, ихтиёр ва хости худро бигзоштан ва бо ихтиёру хости Худой таъоло будан ва ба фармони ӯ хушнуд шудан(Ғаззолӣ 1363, 104).

**Таваккул** он аст, ки Худоро устувор дорӣ ба ваъдае, ки кардааст, яъне эътиқод дорӣ, ки ҳар чи қисмати ту кардааст, ба ту расад ва агар ҳар ки дар ҷаҳон ба дафъи он машғул шаванд, боз натвонанд гирифт ва ҳар чи қисмати ту накардааст, ба ҷаҳди ту ва ба кӯшиши ҳамаи халқи ҷаҳон ба ту нарасад(Ғаззолӣ 1363, 104).

Фузун бар он чи мухтасар зикр шуд, макотиби Имом пур аз саноати бадеӣ ва хусусиятҳои хос мебошад, ки дар мабоҳиси ҷудо баёни онҳоро савоб медонем.

Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ба таҳқиқ дар шеваи нигориши форсӣ- тоҷикӣ хидмати беназир намудааст. Агарчи қисмати аъзами умри кӯтаҳ ва пурбори хеш сарфи омӯзишу тадрис, зӯҳду тақво, риёзату хилват ва ислоҳи дину мазҳаб, тасаввуф, фалсафа, калом ва даъват ба сӯи ҳақиқат, адл ва инсоф

намуд, боз дар ҳифз ва гиромӣ доштани забони форсӣ-тоҷикӣ ҳиссагузор буд. Маҳз ҳамин хидмати беназир буд, ки ӯро «бузургтарин посбони забон ва адабиёти форсӣ» донистанд.

Ҳуҷҷатулислом донандаи хуби забони арабӣ буд ва осори пурарзише ба мисли «Эҳёу улумиддин» ба ин забон таълиф намуд ва бештари авқот бо забони тозӣ сару кор дошт, вале ҳеҷ гоҳ дар номаҳои хеш бидуни зарурат ба ин забон рӯй накард, ки ба андешаи мо ин аст камоли ҳунари нависандагӣ ва посдории забони форсӣ-тоҷикӣ.

Аз мактубҳои форсии Ғаззолӣ маълум мешавад, ки қисме аз ҳамзамонон таҳаммули бузургии ӯ накарданд ва ҷиҳати бадном сохтанаш кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, аммо надонистанд, ки ҳуҷҷатулислом ҳамчун ориф бар ҳама буду набуди дунё пушт кардааст ва ҳеҷ тарсе аз салотину вазирони давр надорад. Надонистанд, ки «бо чунин марди боинсофе мухолифат намудан хишт ба дарё задан ва дарё ба ғирбол паймудан аст!».

«Фазоилуланом мин расоили ҳуҷҷатилислом» дорои аҳамияти зиёди таърихӣ, адабӣ ва тарҷумаиҳолӣ буда, бешак, ҷиҳати шинохти аҳволи зиндагӣ, мероси боқӣ, орову ақоид ва ҳунари нависандагии Имом Муҳаммади Ғаззолӣ моро кӯмак мекунад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: «Фазоилуланом мин расоили ҳуҷҷатилислом»- Ғаззолӣ, сабк ва шеваи гуфтор, мактубҳои форсии Ғаззолӣ.

### АДАБИЁТ


1. Қуръони карим 2004. Қуръони карим бо тарҷума ба забони тоҷикӣ. Мутарҷим Алҳоҷ Амир Аббос Бобоназарзода. Покистон, Академияи даъвати Донишгоҳи байналмилалии исломии Исломобод, 2004, 1479 с.
2. Ғаззолӣ 2008. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат: Дар 2ҷ./Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Қудратбек Элчибеков. –Душанбе: ЭР-граф, 2008. -Ҷ.1.-672 с.
3. Ғаззолӣ 2008. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат: Дар 2ҷ./Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Қудратбек Элчибеков. –Душанбе: ЭР-граф, 2008. -Ҷ.2.-668 с.
4. Ғаззолӣ 1363. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Мактубҳои форсии Ғаззолӣ. Тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол. -Теҳрон: Китобхонаи Саноӣ ва Таҳурӣ, 1363, 120 с.
5. Зоиров 2009. Зоиров Ҳалимҷон. Васфи имом Абӯҳанифа дар мактубҳои форсии Муҳаммади Ғаззолӣ//Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии «Муколамаи фарҳангҳо: Ҷойгоҳи Имоми Аъзам дар фарҳанги ислом ва ҷаҳон».- Хуҷанд: Нури маърифат, 2009, с. 98-112
6. Муъин 1383. Муъин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ(якҷилдӣ). -Теҳрон, 1383, 1242 с.
7. Фарҳанг 1969.Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди аввал.–М.: Советская энциклопедия, 1969. - 952 с.
8. Фарҳанг 1969. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди дувум.–М.: Советская энциклопедия, 1969.- 952 с.
9. Ҳумоӣ 1387. Аллома Ҷалолуддини Ҳумоӣ. Ғаззолинома. -Теҳрон: ҳумо, 1387, 542 с.


### НЕСКОЛЬКО СЛОВ О ЗНАЧЕНИИ «ФАЗОИЛ АЛ-АНОМ МИН РАСОИЛИ ХУДЖАТ АЛ-ИСЛАМ"

Среди произведений Имама Мухаммада Газзали особое место занимает его эпистолярное наследие на персидском языке под названием «Фазоил ал-аном мин расоили Худжат ал-ислам", которое, к сожалению, до сих пор не стало обьектом всестороннего изучения. В статье выявляется литературное, историческое и биографическое значение персидских писем Имама Газзали. Автор статьи уделяет особое внимание анализу стилистических и языковых особенностей эпистолярного наследия мыслителя.

### TE IMPORTANCE OF STUDY OF “FAZOIL-AL-ANOM-MIN RASOILI HUJJAT-UL-ISLOM”

Imam Muhammad Ghazzoli as a mystic and famous Persian-Tajik poet left us precious heritage. One of his works is a collection of his correspondence (letters) in Farsi by the title “Fazoil-al-anom-min rasoili Hujjat-ul-islom”. Unfortunately, it has been studied insufficiently. This article shortly describes literal, historical, religious, mystical and autobiographical values of Persian letters (correspondence) of Imam Ghazzoli. Besides, it speaks about the language, style and writing skills of this mystical poet and brings examples from his works.

## ТАСВИРИ ТАБИАТ, РАСМУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ МАРДУМИ ҲИНД ДАР ДОСТОНИ «ДУВАЛРОНӢ ВА ХИЗРХОН»- И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

***Манижаи Довудӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳиндустон мамлакатест дорои маданияти ғанию қадима. Мардуми Ҳинд соҳиби русум ва анъанаҳои ба худ хоси миллӣ мебошад, ки ин худ ифодагари маърифату маданияти волои ин халқ аст.

Омӯзишу таҳқиқи амиқи ин мавзӯъ имконият медиҳад, ки мо бо расму оин, анъана, фарҳанг, тамаддун ва санъати баланди халқи Ҳинд аз наздик ошно шавем ва аз вижагиҳои он бархӯрдор гардем.

Барои омӯзиши ин мавзӯъ дар баробари сарчашмаҳои дигар асарҳои бадеӣ, аз ҷумла асарҳои яке аз фарзандони барӯманди ин мамлакат Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) аҳмияти калон хоҳанд дошт. Ин шоири шаҳир, агарчи мусулмон буд, аммо нисбати ҳиндуҳо, урфу одат ва маданияти онҳо эҳтироми хосае дошт. Ин нукта дар як қатор асарҳои шоир ва, пеш аз ҳама дар манзумаҳои мазмуни таърихидоштаи ӯ аз қабили «Қиронуссаъдайн», «Мифтоҳулфутӯҳ», «Нӯҳ сипеҳр», «Туғлуқнома», «Хазоинулфутӯҳ» ва махсусан «Дувалронӣ ва Хизрхон» ба таври равшан инъикос ёфтааст.

Дар ин мақолаи худ мо кӯшиш намудаем, ки то андозае оид ба ин масъалаи то ҳанӯз аз ҷониби олимону донишмандон ба таври амиқу дақиқ баррасӣ нашудааст, яъне тасвири мавзӯи Ҳинд, васфи табиат, расму одат ва анъанаҳои мардуми он дар маснавии «Дувалронӣ ва Хизрхон» таваққуф намоем.

Ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ як силсила олимони номдори кишварамон ва хориҷ аз он машғул гардида, дар ин ҷода аллакай рисолаҳои ҷудогона ва мақолаҳои илмии зиёд таълиф шудаанд. Бо вуҷуди ин, тадқиқот оид ба ин адиби бузург ва асарҳои безаволи ӯ қатъ нагардида, баръакс то рафт меафзояд. Бахусус, оид ба достони «Дувалронӣ ва Хизрхон»-и Хусрав як зумра олимон аз қабили Рашид Аҳмад Ансорӣ дар муқаддима ба нашри ҷудогонаи «Дувалронӣ ва Хизрхон»,[1] Муҳаммад Ҳабиб,[2] Дҳарм Пал [3] ва чанде дигар аз муҳаққиқони Ҳинду Покистон, инчунин шарқшиносони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Е.Э. Бертельс,[4] Г.Ю. Алиев [5] таваҷҷӯҳи махсус зоҳир сохта, достони «Дувалронӣ ва Хизрхон»-ро яке аз беҳтарин асарҳои Хусрави Деҳлавӣ номидаанд.

Бояд эътироф намуд, ки омӯхтани ҳаёт ва осори Амир Хусрав дар Тоҷикистон, асосан, бо номи марҳум М.Бақоев алоқаманд мебошад. Аввалин мақолаҳои ба Хусрав бахшидаи ӯ дар соли 1956 дар «Газетаи муаллимон» ва маҷаллаи «Пионер» нашр гардидаанд, ки дар онҳо доир ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир маълумоти зарурӣ оварда мешавад.[6]

Ӯ инчунин як асари махсусе бо номи Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ «Дувалронӣ ва Хизрхон» таълиф намудааст, ки он таҳлилу тадқиқи ҳаматарафаи достони мазкури шоирро дарбар мегирад, ба ҷузъ мавзӯи Ҳинд, ки мо онро поёнтар дида мебароем.

Дар сарчашмаҳои гуногун маснавии «Дувалронӣ ва Хизрхон» бо номҳои «Дувалронӣ Хизрхонӣ», «Ишқия», «Хизрхонӣ», «Ашиқа» ва «Хизрнома» вомехӯрад.

Достони «Дувалронӣ ва Хизрхон» яке аз калонтарин достонҳои дар мавзӯи маҳаллӣ навиштаи Амир Хусрав мебошад. Шоир аз сентябри соли 1315 ба навиштани ин маснавӣ шурӯъ карда, онро 1 феврали соли 1316 ба итмом расондааст. Теъдоди ашъори маснавӣ 4200 байтро ташкил медиҳад. Баъди марги Хизрхон шоир 319 байти дигар ба он илова намуда, адади абёти маснавиро ба 4519 байт расонидааст. Шоир дар ин бора чунин гуфтааст:

«Ба ҳамдуллаҳ ки аз авни илоҳӣ,
Ба поён омад ин маншури шоҳӣ.
Ба қадри чор моҳу чанд рӯзе,
Фурӯзон шуд чунин гетифурӯзе…
Ҷамол орост ин моҳи дилафрӯз,
Зи зулқаъда дувум ҳарфу саюм рӯз.
Муаррих чун шумори соли вай кард,
Уторуд бар сари зулқаъда ҳай кард.
В-агар таърих бикшоянд зи абҷад,
Зи ҳиҷрат понздаҳ гиранду ҳафтсад.»[7]

Дар мисраи охир санаи ба итмом расонда шудани ин асар - соли 715 ҳиҷрӣ сабт шудааст, ки он ба соли 1315-1316 мелодӣ рост меояд.

Маснавии «Дувалронӣ ва Хизрхон» дар эҷодиёти Хусрав мақоми хосро ишғол менамояд. Достон ба тасвири муҳаббати нокому ҳаёти фоҷеавии писари султон Алоуддин – Хизрхон ва духтари асирафтодаи ҳокими Гуҷарот – Девалдевӣ бахшида шудааст. Хусрав ин маснавиро бо дархости Хизрхон ба риштаи назм мекашад.

Достон маҳз аз саргузашти ишқии Хизрхон ва Дувалронӣ шурӯъ намешавад. Дар аввали маснавӣ шоир як идда санадҳои таърихиро оварда, сипас ба тасвири ишқи ин ду дилдода мегузарад.

Ҳангоме ки Дувалрониро ба дарбори Алоуддин оварданд, ӯ ҳаштсола буд ва Хизрхон даҳ сол дошт. Онҳо бештар якҷоя бозӣ мекарданд ва доимо бо ҳам буданд:

«Ба бозӣ будашон ишқе, ки як дам
Набуданд̣ӣ ҷудо дар бозӣ аз ҳам.
Набуд чун ишқ дар бозӣ маҷозӣ,
Шуд он бозӣ дар охир ишқбозӣ.
Шиносо шуд Дувалронӣ ҳам аз бахт,
Ки бахти ӯст ин фармондеҳи тахт.
Шудӣ ҳар сӯ, ки он хуршедпоя,
Санам рафтӣ ба дунболаш чу соя.
Набудӣ з-ӯ ҷудо дар гоҳу бегоҳ,
Чу нур аз офтобу партав аз моҳ.
Давидӣ шамси воло ҳам пасу пеш,
Зи тоби меҳр сӯи сояи хеш.
Ба як ҷо хӯрдашон будӣ, ҷудо хоб,
Нахӯрдандӣ даме бе якдигар об».[8]

Бо гузашти вақт бозии ин ду нафар ба ишқи ҳақиқӣ табдил меёбад. Аз шуои гарми муҳаббати Хизрхон ғунчаи меҳри Дувалронӣ низ мешукуфад. Дере нагузашта аз ишқи ин ду ҷавон аҳли хонаводаи султон ва дарбориён бохабар мешаванд. Азбаски Дувалронӣ ҳиндудухтар буд, бинобар ин, хонаводаи Хизрхони мусулмон ба муҳаббат ва хонадоршавии онҳо комилан муқобил буд. Аз ин ҷост, ки ин ду дилдода аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд ва аз дарди фироқ азоби зиёд мекашанд. Дувалронӣ ба қасри Лаъл фиристода мешавад ва Хизрхон аз валиаҳдӣ маҳрум мегардад. Ба ҳамаи ин сахтиҳо нигоҳ накарда, шӯълаи муҳаббати ин ду дилдода хомӯш намегардад.

Хизрхонро волидайнаш ба духтари тағояш Алапхон маҷбуран хонадор мекунанд, аммо дере нагузашта ӯ аз зани худ ҷудо мешавад ва оқибат пас аз лаҳзаҳои ҷудоӣ боз Дувалронӣ ва Хизрхон ба висоли якдигар мерасанд. Хусрав мулоқоти ин ду дилдодаро бо як ҳиссиёти баланд тасвир кардааст:

«Гирифт андар канор он сарви гулранг,
Ба сони барги гул дар ғунчаи танг.
Расид аввал ба ҷонҳо шаккарин қут,
Зи ду ангуштарину чор ёқут…
Аз он пасшон набуд аз бахт коре,
Ба ҷуз ҳар лаҳза бӯсеву каноре».[9]

Достон бо марги фоҷиабори Хизрхон ва Дувалронӣ хотима меёбад. Аммо дар дили хонанда эҳсоси мағлубнопазирии ишқи поки инсонӣ ва аз ҳама гуна дину мазҳаб, расму одат волотар истодани ин эҳсоси наҷиб боқӣ мемонад.

Хусрав дар партави пайвастани қаҳрамонҳои асосии асар Дувалронӣ ва Хизрхон на фақат васли ошиқу маъшуқ, балки зарурати ҳалли боз баъзе масъалаҳои ниҳоят муҳими ҳаёти ҷомеаи Ҳиндро баён кардааст:

1. Масъалаи иттиҳоду пайванди ду қисми асосии аҳолии Ҳиндустон – ҳиндуҳо ва мусулмонҳо. Хусрав ба воситаи тасвири мавзӯи ишқӣ ҳолати пурошӯби замони худро ба таври воқеӣ тасвир намудааст. Барои барҳам додани кашмакашҳои дохилии мамлакат ва пурзӯр намудани иттиҳоду иқтидори мардуми он шоир дар навбати аввал дӯстиву иттиҳоди халқҳои гуногуни ин сарзамин ва ташкил намудани давлати мустақилу муқтадирро шарти зарурӣ ва асосӣ мешуморад.

Вазъи сиёсии Ҳиндустон дар замони зиндагии Хусрав басо ноором ва пур аз кашмакашиҳои дохиливу хориҷӣ буд. Дар авҷ гирифтани бархӯрдҳои сиёсиву иҷтимоӣ ихтилофоти динии қавмҳои гуногун, махсусан ҳиндуҳо ва мусулмонҳо нақши намоён мебозид. Амир Хусрав барои оромӣ ва муттаҳидии Ҳиндустон ҳалокатовар будани таассуботи динӣ ва зарурати иттифоқу ҳамзистии дӯстонаи қавму миллатҳои гуногуни мамлакатро дарк карда, ба воситаи асарҳои бадеии худ ин ақидаро тарғибу талқин намудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар давраи тезу тунд гардидани ихтилофи ҳиндуҳо ва мусулмонон ва ба ҳар як зуҳуроти ғайриисломӣ бо назари таҳқир нигаристани мусулмонони мутаассиб, чунин иқдоми шоир ҷасорату мардонагии бузургеро талаб менамуд.

2. Ин достон ҳамчун асари ишқии романтикӣ. Маснавии «Дувалронӣ ва Хизрхон»-и Хусрави Деҳлавӣ низ монанди як силсила достонҳои дигар аз қабили «Хусраву Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Вомиқ ва Узро», «Вис ва Ромин», «Варқа ва Гулшод», «Юсуф ва Зулайхо» аз аввал то охир як навъ таронаи ишқу ошиқӣ мебошад.

3. «Дувалронӣ ва Хизрхон» ҳамчун асари таърихӣ. Азбаски ҳамаи қаҳрамонҳои достон шахсони воқеӣ буда, рӯйдоди ҳодисаву воқеаҳо бо санаҳою далелҳои таърихӣ мувофиқат мекунанд, метавон ин асарро низ дар қатори асарҳои таърихии он давр ҳам ном бурд. Хусрави Деҳлавӣ, пеш аз он ки ба мавзӯи асосии асар гузарад, ба тариқи хронологӣ султонҳои Деҳлиро аз султон Қутбуддин сар карда то султон Алоуддини Хилҷӣ мутобиқи таърихи салтанаташон паиҳам ёдоварӣ мекунад ва оид ба ҳар кадоми онҳо маълумот медиҳад.[10]

Дар достони «Дувалронӣ ва Хизрхон», чӣ тавре дар боло таъкид кардем, шоир бо як ҳиссиёти баланд ва самимият доир ба табиат, гулҳои рангорангу хушбӯй, меваҳои лазизи гуногун, расму сунатҳои мардуми Ҳиндустон сухан рондааст.

Масалан, ӯ ҳангоми тасвири табиати дилкаш ва биҳиштосои Ҳинд, махсусан, оиди боғи хушманзари ин диёр чунин гуфтааст:

«Ба фирдавси ҳарам боғест дилкаш,
Ки фирдавси Ирам набвад чунон х(в)аш.
Ба кишвар ҳар куҷо нодир ниҳоле,
Дар ӯ нӯшида аз кавсар зулоле».[11]

Инчунин дар ин достон Хусрав гулҳои рангоранги Ҳиндустонро як- як номбар карда, онҳоро бо гулҳои Хуросон муқоиса менамояд ва қайд мекунад, ки чунин гулҳо махз аз Ҳинд ба дигар кишварҳо паҳн шудаанд:

«Зи гулҳои Хуросон гуна-гуна
Намуда ҳар яке дигар намуна.
Зи гулҳои тари Ҳиндустон ҳам
Шуда саргашта боду бӯстон ҳам.
Гули кӯза,ки даври чархи гардон
Падид аз хоки поки Ҳинд кард он.
Ба таррӣ обро дар кӯза карда,
Латофат об аз ӯ дарюза карда.
Гули садбаргро хубӣ зи ҳад беш
Намуда сад варақ дебочаи хеш.
Ба сони дафтари шерозбаста
Зи ҳар баргаш сиришки сабз ҷаста.
Агарчи порсиноманд инҳо,
Вале дар Ҳинд зоданд аз заминҳо.
Гар ин гул дар диёри порсӣ зод,
Чаро з-ӯ нест дар гуфторашон ёд?!» [12]

Шоир ду намуд гул- гули кӯза ва садбаргро тасвир карда,таъкид мекунад, ки агарчи ин гулҳо номи форсӣ доранд, аммо ватани аслии онҳо Ҳиндустон мебошад. Бо баёни ин суханон шоир хостааст муҳаббати бепоён ва саршори худро ба кишвари Ҳинд нишон диҳад.

Ё худ дар ҷои дигар шоир гулҳои Ҳиндро монанди «бейл», «кевра» ва амсоли инҳоро ном бурда, қайд мекунад, ки гулҳои Ҳиндустон хеле хушбӯй ва муаттар мебошанд. Чунончӣ:

«Аз ин сӯ бейл пешонӣ кушода,
Ба як гул ҳафт гул бар ҳам ниҳода.
В-аз он сӯ дилрабои ошиқон ҷой,
Ҳама тан бахри дилҳоро шуда ҷой
Ба хубӣ кевра ҷо дар лиҳофаш,
Синони нуқра дар мино ғилофаш
Сабо ҳар гул, ки карда ҳаминонаш
Сипар афганда аз нӯки синонаш.
Аз ӯ наргис шуда бемору бетоб,
Синон дар хоб хӯрда, ҷаста аз хоб.
Зи бӯяш таблаи хубон муаттар,
Дусола хушку бӯяш ҳамчунон тар.
Ҳар он ҷома, ки аз вай бӯ гирифта,
Дарида ҷомаву бӯяш нарафта». [13]

Дар ҷои дигари ин маснавӣ шоир оид ба як намуди гул, ки чанпа ном дорад сухан ронда, зикр кардааст, ки мардуми Ҳинд аз равғани он барои мустаҳкам намудани мӯйҳояшон истифода мебаранд:

«Дигар он рои чанпа шоҳи гулҳо,
Ки бӯяш масти кор омад чу мулҳо.
Чу маъшуқи суманбар ноз парвард,
Вале рангаш чу рӯи ошиқон зард.
Чу пайкони зи рӯ бидрида осон
Ба пайкон саффи гулҳои Хуросон,
Ба равған парварандаш баҳри сарҳо
Ки сар аз мушки тар гирад асарҳо». [14]

Ё ин ки дар ҷои дигар низ дар хусуси гулҳои мовилсарӣ, севатӣ, райҳони Ҳинд, давна ва карна сухан ронда, доир ба ҳар кадоми ин гулҳо маълумоти ҷолиби диққат медиҳад:

«Дигар мовилсарӣ, к-аш турфа номе,
Ба ранги турфа марворидфоме,
Зи боди тиби худ дар хештан гум.
Ба тибат номи сандал карда ҳезум.
Ба ҳайат чусту баргаш хурду борик,
Ба ҳар чайбу ба дилҳо нек наздик.
Барандаш шаҳр-шаҳр, арчи бувад хушк,
Чунин гул кам магар аз нофаи мушк?
Ба сӯяш баски дилҳо гашта моил,
Шуда дар гардани хубон ҳамоил.
Дигар он севатӣ барге шакарранг,
Қавӣ гулшаккаре баҳри дили танг.
Насиби бӯстон дар хубтибӣ,
Насибафзои гул з-оби насибӣ.
Чакад ҳар ҷо, ки як қатра х(в)ай аз вай,
Гулобе хуни худ резад бар он х(в)ай.
Дигар давна, ки он райҳони Ҳинд аст,
Зи таррӣ бӯш дархӯрди писанд аст.
Сипарғам рангу баргаш испари ғам.
Ғуломи ӯ шуда шоҳи сипар ғам.
Дигар карна, ки чун з-ӯ ҷаст бӯе,
Муаттар гардад аз як хона кӯе,
Бисуда мушку бӯяш ном карда,
Зи бӯ аз баҳри дилҳо дом карда». [15]

Баъзан Хусрав гулҳои Ҳиндро бо гулҳои чунин мамлакатҳои машҳур мисли Чин, Хуросон, Рум, Рус, Самарқанд, Қандаҳор, Миср ва ҳамчунин Яғмо, Халлух муқоиса карда, бартарии гулҳои Ҳиндро бо ташбеҳҳои дилнишин нишон додаст.

«Кадомин гул чунин бошад, ки соле
Диҳад бӯ, дур монда аз ниҳоле.
Бутони Ҳиндро нисбат ҳамин аст,
Ба ҳар як мӯяшон сад мулки Чин аст.
Чӣ гирӣ ном аз Яғмову Халлух,
Ки ғолиб тезчашманду турушрух.
Чӣ ёд орӣ сапеду сурхро рӯй,
Чу гулҳои Хуросон ранги бебӯй.
В-агар пурсӣ хабар аз Руму аз Рус,
Аз эшон низ н-ояд лобаву лӯс…
Лаби тотор худ хандон набошад,
Хутанро худ намак чандон набошад,
Самарқандиву он-ч аз Қандаҳоранд,

Ба чуз номе зи ширинӣ надоранд.
Ба Мисру Рум ҳам симинхандонанд,
Вале чустиву чолокӣ надонанд.
Агарчи бештар Ҳиндустонзод
Ба сабзӣ мезанад чун сарви озод,
Вале бисёр бошад сабзаи тар,
Ба лутф аз лолаву насрин накӯтар». [16]

Барои тасвир кардани зебогии табиати Ҳиндустон шоир воситаҳои тасвири гуногунро истифода бурдааст. Аз ҷумла, ӯ дар достон рангҳои маъмулии ин кишварро тавсиф карда, се ранги асосӣ-сиёҳ, сабз ва гандумгунро ба таври махсус шарҳ додааст:

«Се гуна ранги Ҳиндустонзамин аст,
Сиёҳу сабзу гандумгун ҳамин аст.
Ба гандумгун-ст майли одамизод,
Ки ин фитна зи Одам ёфт бунёд.
Яке гандум ба ком андар намак деҳ,
Зи сад қурси сапеди бенамак беҳ.
Сияҳро худ ба дида ҷойгоҳ аст,
Ки андар дида ҳам мардум сиёҳ аст,
Зи баҳри дида бояд сурмаро суд,
Сапедаоразе рангест бесуд.
Аз ин ҳар ду накӯтар ранги сабз аст,
Ки зеби ахтарон з-авранги сабз аст.
Ба ранги сабз раҳматҳо сиришт аст,
Ки ранги сабзпӯшони биҳишт аст.
Чу раҳматбор гардад абри афлок,
Натиҷа сабз зояд аввал аз хок.» [17]

Чи навъе мебинем, Хусрав дар мисраъҳои боло рангҳои гандумгун, сиёҳ ва сабзро чун рангҳои махсусу мақбул васф намудааст, ки онҳо рамзи Ҳиндустонанд ва муҳити ин кишвар ва воқеияти зиндагии мардуми онро инъикос менамоянд. Ранги гандумгунро аз он ҷиҳат васф кардааст, ки мардуми Ҳинд гандумгунанд. Ранги сиёҳро барои он, ки чашму абрӯвон чунин ранг доранд, ситоиш намудааст. Ӯ ранги сабзро аз ҳамаи он рангҳо афзалтар шуморидааст, зеро ки он ранги либоси сокинони биҳишт аст ва худи табиати Ҳинд ҳама фаслҳо сарсабзу хуррам аст.

Оид ба ниҳоли қаранфул низ шоир сурудааст ва ишора кардааст, ки ин ниҳол ҳам аз Ҳинд баромадааст ва ба дигар мавзеъҳо паҳн шудааст:

Қаранфул ҳам зи Ҳиндустонст варде,
Ки аз номи араб шуд шаҳргарде.

Дар дохили мундариҷаи асосии достони «Дувалронӣ ва Хизрхон» ҷо-ҷо доир ба расму одат ва зебосанамҳои Ҳинд порчаҳо оварда шудаанд. Аз ҷумла, оид ба расми гӯронидани ҷасадҳои фавтидагони мардуми Ҳинд ҳикояте оварда шудааст:

«Шунидам ҳиндуе оташпарасте,
Магар, к-аз ишқи оташ гашт масте,
Зи худ паркола-паркола паёпай
Ҳамебурриду меафганд дар вай.
Яке гуфташ: «Чӣ меҳр аст, ин ки ҷоне
Диҳӣ баҳри чунин номеҳрубоне?!»
Ҷавобаш дод марди ғамкашида,
Ки: «Эй аз сӯзи ман дуде надида,
Дареғе нест ҷонро пӯст додан,
Навола дар даҳони пӯст додан».
Касе, к-аз ошиқӣ з-ин сон насӯзад,
Мадеҳ парвона, к-ин оташ фурӯзад.
Ба дасти худ наям ман в-арна х(в)адро

Бисӯзам аз паи номи абадро,
Ки гардад ин ҳикоят дар ҷаҳон фош
В-аз он шӯъла расад доғе ба авбош,
Ки ногаҳ ҳиндуе оташ барафрӯхт,
Мусулмоне дар он чун ҳиндувон сӯхт». [18]

Чи тавре маълум аст, мувофиқи расму одати ҳиндуҳо ҷасадҳои мурдаҳои онҳо дар гулхан сӯзонда мешаванд ва Хусрав, ҳангоме ки Хизрхонро, ки мусулмон буд, дар оташ месӯзонанд ва аз ин Дувалрониро огоҳ месозанд, ҳикоятеро овардааст, ки мо чанд мисраи онро дар боло овардем.

Ё ин ки, ҳангоме ки Хизрхонро ба қатл мерасонанд, Дувалронӣ бояд мувофиқи расму одати ҳиндуҳо баъди вафоти шавҳараш худро месӯзонд, ки ин ҳолатро Хусрав чунин баён намудааст:

«Ки расми ҳиндувони оташафрӯз
Чунин бошад ба сӯзи хештан сӯз.
Бад-ин сон сӯхтан дар равшаноӣ,
Беҳ аз сӯзиш ба шабҳои ҷудоӣ». [19]

Хусрав чун як фарди мусулмон ин одати ҳиндуҳоро маҳкум накарда, балки дастгирӣ кардааст ва мурданро аз ҷудои бо маъшуқ авлотар шумурдааст.

Шоир ҳамчунон ҳусну ҷамоли зебо, либосҳои нозук ва шинам, сурудхонии ширини дилрабоёни Ҳиндро бо камоли рағбату огоҳӣ васфу тараннум намудааст:

«Парирӯёни ҳиндӣ ҷодуисоз,
Зи лаб карда дари девонагӣ боз.
Либоси девгиришон тунуквом,
Париро соя бигрифта дар андом.
Бирешимпӯш баъзе парниёнрӯй
Ба абрешим дарун даррафта чун мӯй.
Гирифта чун пиёла тол дар даст,
На аз май, к-аз суруди хештан маст». [20]

Шоир инчунин рақсҳои мавзун ва сурудҳои дилнишини зебосанамони Ҳиндро бисёр моҳирона тасвир намудааст:

«Суруди дилкаш аз лабҳои хубон
Шитобон сӯи гардун пойкӯбон.
Ба рақсу ҷаст хубони ҳавобоз
Ниҳода пой бар болои овоз.
Паранда ҳамчу товусони воло,
Муаллақзан кабӯтарсон ба боло.
Ба ҷастан фарқашон гашта фалаксой,
Ба гоҳи рақс безор аз замин пой». [21]

Дар ҷои дигари маснавӣ Хусрав чеҳраи духтарони Ҳиндустонро чунин моҳирона тасвир намудааст:

«Ба ҳар чашмак задан кушта ҷавоне,
Ба ҳар ханда задан бибурда ҷоне.
Зи ҳоли чун шабаҳ бар дурҷи марҷон,
Ба як кунҷид ниҳода нархи сад ҷон.
Зи абруҳо, камонкаш гашта з-ин сӯ,
Бар он ҷониб камандафган зи гесӯ.
Ду гесӯ гирди ҳар як печ карда,
Чу море гирди сандал печ х(в)арда.
Хаёли зулфашон дар ҷони ёрон,
Чу шом андар хаёли рӯзадорон.
Кажӣ дар чашмашон шӯри зарифон,
Чу каъби кажнишин чанги ҳарифон.

Рабуда хоби бедорон ба як бор
Зи чашми нимхобу нимбедор». [22]

Ин ҷо Хусрав ҳусни беҳамтои духтарони Ҳиндро бисёр равшану ҷозиб тасвир намуда, қомати расо, рухи гулгуни онҳоро хеле дилнишин баён кардааст:

«Ба боло сарв пеши қоматаш хам,
Ба ҳарфе аз қиёмат қоматаш кам.
Ба чашме қалби Туркистон дарида,
Ба мӯе мулки Ҳиндустон харида.
Рухе андак ба сабзӣ майл карда,
Баҳоре аз кафи Хизр об х(в)арда.
Равонсарви тару сабзу ҷавон ҳам,
Бидида сабзаву оби равон ҳам.
Ту гӯи ранги сабзаш гоҳи дидан,
Зи сабзиву тарӣ хоҳад чакидан.» [23]

Дар маснавии мазкур инчунин манзараҳои рӯҳбахши табиати баҳор, парандаҳои гуногун, ки яке аз онҳоро бо парандаҳои Хуросон муқоиса кардааст, тасвири равшан, зебо ва реалистонаи худро ёфтаанд. Масалан, ӯ паррандаи зеботарини Ҳиндро чунин васф кардааст:

«Ҳама товуси ҳиндӣ сабзфом аст,
К-аз он гуна ба зебоӣ тамом аст.
Тазарвони Хуросон нағзсонанд,
Вале товуси ҳиндиро чӣ монанд.
Хуморолуда чашми нимбозаш,
Ҷаҳоне нимпушти нимнозаш.
Ба куштан турраро сар боз карда,
Ба ханда фитнаро дар боз карда.
Ду зулфаш мушку холаш мушкдона,
В-аз он бӯ боғи ризвон гашта хона.
Мисолаш чашми аҳвол ҳам надида,
Назираш оина ҳам н-офарида». [24]

Манзараи хушбоду ҳаво ва табиати сеҳрангези боҳори диёри дилрабои Ҳинд ва фарорасии зеботарин фасли солу арӯси сол Наврӯзро хеле нуктасанҷона ва дилчасп ба қалам додааст:

«Чу гул дар ҷилваи ноз омад аз шох,
Кушод аз гӯша наргис чашми густох.
Ҳавое шуд чу оғози ҷавонӣ,
Сазовори нишоту комронӣ.
Насими субҳ чун машшота пуркор,
Ба зевар бастани хубони гулзор.
Ба сурху сабз наврӯзи тарабзой,
Арӯсони чаманро пайкоророй.
Баҳор аз лолаву сурӣ ба гулшан,
Ҳино баста ба пои сарву савсан.
Ба рӯи боғ борони баҳорӣ,
Ба дурпошиву марворидборӣ.
Зи ранги сабзу таршохи нагунсар,
Чу абруи бутон дар вусмаи тар.
Ба сад гулгуна боғ ороста рӯй,
Ба мушки суда сунбул бофта мӯй.
Хиромон дар чаман хубони сақлоб,
Кушода чашмаҳои бастаро об.» [25]

Яъне шоир дар байтҳои боло Наврӯзи навбаҳорони Ҳиндро бо он ҳама назокату зебоӣ ва зиндашавии табиату, боридани борони баҳориро бо дилчаспии зиёд ба риштаи таҳрир кашидааст.

Аз назари ин устоди барҷастаи назм тасвири мурғони хушилҳони Ҳинд ҳам дар канор намондааст:

«Ба нағма булбулу қумрӣ хурӯшон,
Сарафган гашта ҳар сӯ сабзпӯшон.
Зи мурғоне, ки гашта арғанунзой,
Намеомад саборо бар замин пой.
Дар ин айём карданд ихтиёрӣ,
Ки биншинад гуле бо навбаҳоре». [26]

Чӣ навъе ки мебинем, шоири бузург ва соҳибистеъдоди форсизабони Ҳиндустон Амир Хусрави Деҳлавӣ аз таассуботу тангназарӣ ва муносибати душманона нисбат ба маданияти мардуми ғайримусулмон тамоман дур буд ва ҳамаи асарҳои ба Ҳиндустон бахшидааш, хусусан достони машҳури «Дувалронӣ ва Хизрхон»-и ӯ аз рӯҳия ва эҳсосоти олии эҳтиром ба маданияту тамаддуни бузурги Ҳинд саршор мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: достони «Дувалронӣ ва Хизрхон»-и Деҳлавӣ, тасвири табиат ва расму одат, анъанаи мардуми Ҳинд.

## АДАБИЁТ

1. Хусрави Деҳлавӣ. Дувалронӣ ва Хизрхон, Алигарҳ, с. 1917, муқаддимаи Рашид Аҳмад Ансорӣ.
2. Muhammad Habib, Hazrat Amir Khusrau of Delhi, Bombay, 1927.
3. Dharm Pal. Poetry and architecture in the time of Ala-ud-din Khilji, “Islamic Culture”, vol. XIX , 1945, №3.
4. Бертельс Е.Э. Очерк истории персоязычной литературы, М.,1928.
5. Г.Ю. Алиев. Персоязычная литература Индии, М., 1968.
6. М.Басоев. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Хусрави Деҳлавӣ, «Газетаи муаллимон», 1 декабри 1956; Хусрави Деҳлавӣ, «Пионер»,№ 6, 1956, с. 8.
7. Дувалронӣ ва Хизрхон. с. 305-306.
8. Ҳамон ҷо с.94.
9. М.Басоев. Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ «Дувалронӣ ва Хизрхон». Сталинобод 1958, с. 91-92.
10. М.Басоев. Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ «Дувалронӣ ва Хизрхон», с, 109.
